**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ»**

**УДК 378.2:809.155.0+373**

**ББК 74.261:81.2**

**Тоҷ+74.2**

**Р-27**

***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**РАҲМОНЗОДА (ҲОМИДОВА) НАРГИС РАҲМОН**

# ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО

ДИССЕРТАТСИЯ
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ

Роҳбари илмӣ:
Набизода Муҳаббат Набиҷон–
номзади илмҳои филологӣ, дотсент

**ХУҶАНД – 2026**

**Мундарича**

**Номгӯйи ихтисораҳо**..........................................................................................4

**Муқаддима**.............................................................................................................5

**БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ** .............................................................................................................18

1.1.Масъалаи таҳқиқи омӯзиши калима ва таъбирҳо дар сарчашмаҳои илмӣ............................................................................................................18

1.2.Заминаҳои илмӣ-назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон.........................................................................................................26

1.3. Принсип ва марҳалаҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими калима ва таъбирҳо..........................................................................40

1.4.Ҳадафҳои дидактикии татбиқи салоҳияти иртиботӣ зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо.......................................................................................53

Хулосаи боби якум..................................................................................60

**БОБИ 2. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО ДАР АСОСИ СТАНДАРТ, БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСӢ**...........................................62

2.1. Мавқеи калима ва таъбирҳо дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI..........................................................................62

2.2. Масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ...................................................................................76

2.3.Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ..................................................98

2.4.Ҷанбаҳои услубии омӯзиши калима ва таъбирҳо ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон...............................................................116

Хулосаи боби дуюм..................................................................................123

**БОБИ 3. КОРҲОИ ОЗМОИШИЮ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО**........................................................................125

3.1. Вазъи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани сатҳи ибтидоии дониши хонандагон.......................................125
3.2. Мавқеи машқҳои эҷодӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон..........................................................................................................140
3.3.Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшуда...................................................................................................144
Хулосаи боби сеюм....................................................................................152
**Хулосаҳо** ...................................................................................................156
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ**...................................159
**Рӯйхати адабиёт**..........................................................................................161
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**.......................................... ............180

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО:

МТМУ – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ;

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон;

ГН – гурӯҳҳои назоратӣ;

ГО – гурӯҳҳои озмоишӣ;

ВФ – воҳиди фразеологӣ

МДТ – муассисаи давлатии таълимӣ

МТМУ –муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ

ФЗТ – Фарҳанги забони тоҷикӣ

ФТЗТ – Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ –

ФИР- Фарҳанги иборaҳои рехта

ДММ–дониш, маҳорат ва малакаҳо

ДДХ–Донишгоҳи давлатии Хуҷанд

М–муаллиф

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Тоҷикистон дар шароити кунунӣ ягона роҳи пешрафт ва рушди устувори худро дар тарбияи насли соҳибмаърифат, соҳибистеъдод ва аз ҷиҳати зеҳнӣ пешрафта мебинад ва тамоми сиёсати маорифи худро дар атрофи ҳамин ҳадаф тарҳрезӣ мекунад. Таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар ба ин соҳа зарурати баланд бардоштани низоми сифати таҳсилот, такмили салоҳиятҳои касбии омӯзгорон ва фаъолгардонии имкониятҳои эҷодию маърифатии муҳассилинро тақозо менамояд. Дар ин замина, ташаккули маҷмуи дониш, маҳорат ва малакаҳо (ДММ) –и маърифатию зеҳнӣ вазифаи бунёдии муассисаҳои таълимӣ маҳсуб ёфта, раванди таълим бояд аз доираи усули анъанавӣ ба фаъолияти мақсадноки маърифатӣ, яъне дар асоси муносибати босалоҳият аз назария ба амалия гузарад.

Таҷдиди куллии соҳаи маориф рушди мақсаднок, пурмазмун ва методологии низоми таълимро талаб мекунад. Ин раванд бояд дар заминаи дидгоҳҳои нави педагогӣ ва мутобиқ ба ниёзҳои ҷомеаи иттилоотӣ сурат гирад, ки ҳадафи ниҳоии он тарбияи шахсияти худшинос, рақобатпазир ва дорои фарҳанги баланди нутқ мебошад.

Ин масъала ҳамчун ҳадафи ниҳоии азхудкунии курси мактабии «Забони тоҷикӣ» дар санадҳои стратегии соҳаи маориф - «Консепсияи маорифи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [31], «Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [32], «Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [33], «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» [54] инъикос шудааст. Дар санадҳои мазкур муносибати босалоҳият ба таълим ҳамчун унсури маърифатии омӯзиш арзёбӣ мешавад: «Муносибати босалоҳият равандест, ки дар ҷараёни он дониш ва малакаҳои ҳаётан муҳим рушду такомул ёфта, тарзу роҳҳои дар ҳаёт истифода бурдани онҳо ташаккул дода мешавад. Ҳадафи асосии рушди босалоҳияти хонандагон, пеш аз ҳама, дар сатҳи баланд пешниҳод намудани натиҷаи амал дар ҳамаи соҳа ва самтҳо, аз ҷумла таҳсилот, ба ҳисоб меравад» [53, 9].

Салоҳияти иртиботӣ ва маърифатӣ ба иҷтимоишавии комили шахсият дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ, технологӣ, бисёрфарҳангӣ ва маърифатии иҷтимоӣ мусоидат мекунад, барои дастрасӣ ба мақсад ва анҷоми масъалаҳои ҳаётан муҳим, инчунин неруҳои ботинии инсон ҳам заруранд: «Донистани забони модарӣ, маҳорати муносибат кардан, кӯшишу талош ҷиҳати муваффақ шудан дар раванди коммуникатсия он мушаххасотест, ки аксаран пешрафти шахсро амалан дар ҳамаи соҳаи ҳаёт нишон медиҳад ва ба мутобиқшавии иҷтимоӣ ба шароити тағйирёбандаи ҷаҳони муосир мусоидат мекунад» [53, 6].

Салоҳиятҳои асосии фарогир, ки дар стандартҳои давлатии таҳсилот инъикос ёфтаанд, заминаи бунёдии омодагии иҷтимоии муҳассилинро ташкил медиҳанд. Муҳтавои ин салоҳиятҳо маҷмуи омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, ҳамгироӣ дар низоми иҷтимоӣ, меъёрҳои ахлоқӣ, худшиносии миллӣ ва эҳтиром ба арзишҳои умумибашариро дар бар мегирад. «Дар ҷараёни ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатӣ омӯзгорро зарур аст, ки диққати меҳвариро ба рушди салоҳиятҳои иҷтимоӣ-коммуникативии хонандагон равона созад. Ин раванд ташаккули малакаҳои ҳамкорӣ дар гурӯҳ, эҳтироми мутақобила, этикаи муоширати касбию рӯзмарра ва арзишҳои маънавиро тақозо мекунад. Таъмини пайвастагии мазмуни фан бо тарбияи ахлоқии муҳассилин имкон медиҳад, ки донишҳои назариявӣ ба сифатҳои шахсиятӣ ва малакаҳои амалии рафторӣ табдил ёбанд» [44, 5].

Дар раванди ташаккули салоҳияти иртиботӣ истифодаи оқилонаю самарабахши фановарии иттилоотӣ–таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёна нақши муҳим дорад. Ин дар назди муҳаққиқон вазифаҳои нав мегузорад ва самтҳои заруриро барои таҳқиқоти илмӣ-методӣ муайян месозад.

**Дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ.** Дар таърихи илми педагогикаи тоҷик, барои ҳалли масъалаи мукаммалсозии тадрис, дониш ва ташаккули маҳорату малакаҳо мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик саҳми босазо гузоштаанд. Масъалаҳои назариявии таълим ва ташаккули донишу маҳорат ва малакаҳои хонандагон дар асарҳои муҳаққиқони тоҷик М. Лутфуллоев [39], И.Х.Каримова [30], С.Шербоев [66], С.Ҳоҷиев [63], А.Абдуқодиров [1], Ф. Шарифзода [65], С.

Аминов [4], С.Э. Неъматов [46], М. Аҳмадов [6], М.Р. Юлдошева [70], Х.М. Сабуров [53], А.Каримов [28], Л.Т. Рузиева [52], Ш.Ҳакимова [60], М.Набизода [44], Ш.Пулодова [49], Д.Каримова [29], М.Раҳимова [50]; олимони рус Ю.Д.Апресян [5], О.С.Ахманова [6], Е.М. Верешагин [12], Т.А. Илин [25], Ю.Г.Федотова [59], Н.М.Шанский [64], Д.Н.Шмелев [68] ва дигарон ба таври мукаммал омӯхта шудааст.

Аслан, оғози гузориши масъала дар мавриди муносибати босалоҳият ба таълим ба охирҳои асри XIX ва оғози асри XX рост меояд. Ғояҳои ин муносибат дар педагогикаи хориҷӣ аз тарафи Ҷон Дюӣ [20], Е.А. Бистрова [10], Л.С.Виготский [15] ба миён гузошта шуда буд, ки он ба талаботи муносибати босалоҳият ба таълим хеле наздик аст. Аммо муҳаққиқон пайдоиши истилоҳи муносибати босалоҳият ба таълимро ба охири солҳои 60-ум ва оғози 70-уми асри гузашта нисбат медиҳанд. Истилоҳ ва вожаи «компетентность» - ро Н. Хомский бори нахуст дар омӯзиши забони хориҷӣ ба кор бурда буд. Минбаъд, ташаббуси муҳаққиқ дар муассисаҳои касбии Амрико ва Аврупо зуд паҳн шуд ва ба зинаи таҳсилоти миёнаву таҳсилоти касбӣ ворид гардид.

Дар равишиносии ватанӣ ва рус заминаи назариявӣ барои чунин навсозӣ омода ва дар таҳқиқоти анҷомдодаи М. Лутфуллоев [39], Ф.Шарифзода [65], С.Шербоев [66], С.Неъматов [46], А.Каримов [28], Ӯ.Насриддинов [45], Ш.Ҳакимова [61], М. Тиллохоҷаева [57], Ш. Пулодова [49] ва муҳаққиқони рус М.Т.Баранов [8], Л.И.Величко [11], А.Д.Дейкина [19], Н.Д. Зарубина [21], Т.А. Ладиженская [35], М.Р. Лвов [36], С.И. Лвова [37], Н.М. Шанский [64] ва дигарон ҳаллу фасл шудааст.

Мундариҷаи ин мақолаву дастур ва китобҳо муҳимтарин масъалаҳои таълими калима ва таъбирҳоро бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим шомил нестанд, илова бар ин, қимати илмӣ ва амалиашон як хел набуда, бештар бо ташреҳу тавзеҳи калимаҳои нав ва номафҳум ва нишон додани равиши тадриси мавзуъҳои алоҳидаи барномаи таълим аз рӯйи маводди китоби дарсӣ маҳдуд шудаанд. Дар рисола зарурати такмил додани равиши ташаккулёфта ба омӯзиши мафҳуми калима ва таъбирҳо бо тамоюли муносибати босалоҳият ба таълими

фанни забони тоҷикӣ, махсусан, тақвияти салоҳияти иртиботӣ (коммуникативӣ) мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

Ҳарчанд мавзуъҳои дидактика, методикаи таълими фанни забони тоҷикӣ, хусусиятҳои раванди таълими инноватсионӣ, таълими тафриқа, ҳамгиро, азхудкунии дониш, ташаккули салоҳиятҳо ва монанди инҳо дар пажуҳишоти олимон баррасӣ шудаанд, ҳанӯз масъалаи назариявию дидактикии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳосили донишу маҳорат ва малакаҳои зеҳнӣ дар раванди омӯзиши фасли калима ва таъбирҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқи алоҳидаю ҳамаҷониба қарор дода нашудааст. Бояд зикр кард, ки имрӯз муаммои татбиқи салоҳиятҳо ва ташаккули дониш, маҳорат ва малакаҳои онҳо бо сабабҳои зерин дар сатҳи зарурӣ ҳалли худро наёфтаанд:

-ниҳоят кам будани раҳнамо, дастурҳои методӣ ва барномаҳои махсуси омӯзишӣ барои омӯзгорон;

-номукаммалию ноустувории барномаҳои таълим ва китобҳои дарсӣ;

-омӯзиши нокифояи хусусиятҳои азхудкунии мафҳумҳои назарӣ ва маводди амалӣ;

-маҳорати нисбатан пасти касбии омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ барои рушди салоҳияти иртиботии хонандагон;

-мавҷуд набудани имконоти моддӣ ва омода набудани омӯзгорон ба таълими инфиродӣ ва истифодаи усули фаъол.

Бинобар нокифоягии омӯзиши масъалаи ташаккули салоҳиятҳо, махсусан, салоҳияти иртиботӣ, дониш ва маҳорату малакаҳои хонандагон дар раванди таълими фанни забони тоҷикӣ, фасли калима ва таъбирҳо мо мавзуи «Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо»-ро ба сифати таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб намудем.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти мазкур бо барнома ва мавзуъҳои пажуҳиши илмӣ робитаи зич дошта, натиҷа ва хулосаҳои он метавонад дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ истифода шавад. Баррасӣ ва таҳлили мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи Барномаи дурнамои корҳои

илмӣ-таҳқиқотии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» барои солҳои 2021-2025-ум аз рӯйи муаммои «Масъалаҳои таълими забон ва адабиёти тоҷик, услубшиносӣ. Ташаккули салоҳият ва таҳаммулпазирии муаллимони забон ва адабиёти тоҷик» ва мусоидат ба талаботи асосии Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030» қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2020, №647 ва Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба анҷом расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян сохтани мушкилоти азхудкунии калима ва таъбирҳо аз ҷониби хонандагон бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботӣ, инкишофи нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим, коркарди амсила доир ба мавзуи таҳқиқ мебошад. Бино бар ин, мураттаб намудани методикаи илман асоснок ва низоми самарабахши кор оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон, истифодаи усули фаъол ва технологияҳои инноватсионии таълим дар дарсҳои забони тоҷикӣ мебошад.

Ҷузъиёти ҳадафи таҳқиқот:

- муайян намудани роҳҳо ва амсилаҳои муосири таълим дар заминаи муносибати босалоҳият, ки ба таҳкими фаъолияти маърифатии муҳассилин ва татбиқи фановариҳои нави раванди таълими забони тоҷикӣ нигаронида шудаанд;
- таҳияи заминаҳои методии тавсеаи захираи луғавии муҳассилин тавассути омӯзиши муназзами воҳидҳои луғавӣ ва ибораҳои рехта (фразеологизмҳо) бо мақсади таъмини фасоҳат, равонӣ ва балоғати нутқи шифоҳию хаттӣ;
- таҳия ва асосноккунии низоми пайдарпайи машқу методҳое, ки ба рушди қобилияти иртиботӣ, маҳорати суханварӣ ва ташаккули тафаккури мантиқии хонандагон нигаронида шудаанд.

**Вазифаҳои таҳқиқот:** Барои дастёбӣ ба ҳадафи таҳқиқот ва исботи фарзияи илмӣ ҳалли вазифаҳои зерин зарур шуморида мешавад:

1. Асосноккунии назариявӣ-методологии таҳқиқ:

-муайян намудани заминаҳои назарии методикаи таҳлили луғавию фразеологии матн дар раванди таълим;

-таҳлили қиёсии таърихи омӯзиши масъалаҳои лексикология дар забоншиносии ватанӣ ва таҳаввули методикаи таълими он;

-мушаххас намудани асосҳои лингвистии омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ;

-ошкор сохтани хусусиятҳои равоншиносии азхудкунии маводди марбут ба омӯзиши калимаву таъбирҳо аз ҷониби муҳассилин.

2. Баррасии маводди таълим бо риояи принсипҳои дидактикӣ:

- таҳлили амиқ ва интиқодии стандартҳои давлатии таҳсилот, барномаи таълимӣ ва китобҳои дарсӣ аз лиҳози муҳтаво ва самаранокии маводди марбут ба омӯзиши калима ва таъбирҳо.

3. Муосиргардонии раванди таълим:

- таҳқиқи имкониятҳои татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва методҳои фаъоли таълим дар раванди омӯзиши воҳидҳои забонӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон.

4. Ташхис ва мониторинги сатҳи дониш:

- арзёбии дараҷаи воқеии дониш, маҳорат ва малакаҳои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ оид ба шинохти маъно ва истифодаи воҳидҳои луғавӣ;

- гурӯҳбандӣ ва баррасии хатоҳои маъмуле, ки дар нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон ҳангоми корбасти вожа ва ибораҳои рехта роҳ меёбанд.

5. Амсиласозии низоми методии таълим:

- тарҳрезӣ ва таҳияи модели методии таълими калима ва таъбир, ки ба ташаккули ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои иртиботии муҳассилин мусоидат менамояд.

6. Таҳияи маҷмуи воситаҳои дидактикӣ:

- коркарди силсилаи машқу супоришҳои бо назардошти вазъу ҳолатҳои иртиботӣ, ки ба истифодаи амалии воҳидҳои луғавӣ дар нутқ нигаронида шудаанд.

7. Тасдиқ ва санҷиши амалии таҳқиқ:

- арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшуда дар ҷараёни таҷрибаи таълимии ташаккулдиҳанда ва таҳлили омории натиҷаҳо.

8. Татбиқи амалии натиҷаҳо:

- таҳияи тавсия, барнома ва амсилаи мушаххаси методӣ барои омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик роҷеъ ба такмили омӯзиши калима ва таъбирҳо дар заминаи муносибати босалоҳият ба таълим.

**Объекти таҳқиқот**. Раванди ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони синфҳои V-XI зимни таълими калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ.

**Мавзуъ (предмет)-и таҳқиқот.** Ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон дар заминаи таълими калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ.

**Фарзияи таҳқиқот.** Раванди ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон ва роҳандозии самараноки ҳадафҳои омӯзиш дар низоми муосири таҳсилот натиҷаи дилхоҳ медиҳад, ба шарте ки:

- омӯзгор аҳаммияти муносибати босалоҳиятро дар таълими забони тоҷикӣ эҳсос ва дар татбиқи он пайваста кӯшиш намояд;

- ҳангоми омӯзиши калима ва таъбирҳо дар хонандагон тасаввурот дар бораи муносибатҳои системавии калимаҳо дар ҳамаи қисматҳои забони тоҷикӣ ташаккул дода шавад;

- дар низоми методии таълим хусусияти муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикии байни воҳидҳои луғавӣ ба назар гирифта шуда, маҷмуи машқҳое истифода шавад, ки малакаҳои иртиботии татбиқи калима ва таъбирҳоро ҳамчун воҳидҳои муносибатҳои системавӣ ташаккул диҳад;

-омӯзиши калима ва таъбирҳо на танҳо ҳамчун назария, балки ҳамчун воситаи асосии инкишофи нутқ ба роҳ монда шавад;

-дар раванди дарс матнҳои адабие, ки калимаву таъбирҳои ба ҳаёти воқеии хонандагон наздик дорад, бештар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад;

- бо усули ҳамгиро имкониятҳои бойи луғавии забони тоҷикӣ дар робита бо адабиёт ва дигар фанҳо барои ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон истифода гардад.

Бо мақсади ҳалли вазифаҳои муайяншуда ва тасдиқи фарзияи илмӣ аз маҷмуи усули зерини таҳқиқотӣ корбаст гардид:

- баррасии амиқи сарчашмаҳои забоншиносӣ, равоншиносӣ, педагогӣ ва дастурҳои таълимию методии марбут ба мавзуъ;
- омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами омӯзгорон (тавассути мушоҳидаи раванди дарс, мусоҳиба бо муаллимон ва хонандагон) ва таҳлили фаъолияти шахсии муаллиф дар сифати омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик;
- ташкил ва гузаронидани марҳалаи тасдиққунандаи таҷрибаи педагогӣ;
- гузаронидани таҷрибаи таълимӣ ва таҳлили натиҷаҳои он.
- сохтани амсилаи методии таълим, ки раванди азхудкунии калимаву ибораҳоро бо фаъолияти нутқи хонанда алоқаманд мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо асосноккунии мақсадноки омӯзиши мавқеи калима ва таъбирҳо дар таҳияи матн ва интихоби мафҳумҳо барои татбиқи салоҳияти иртиботӣ; таҳияи асосҳои илмӣ-назариявии омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар матн (шифоҳӣ ва хаттӣ) муайян карда мешавад.

-Таҳқиқи мушкилоти азхудкунии воҳидҳои луғавӣ аз ҷониби хонандагони МТМУ дар асоси таҳлили адабиёти забоншиносӣ, педагогӣ ва методӣ;

-Санҷиши вазъи дониш ва салоҳияти иртиботии хонандагон дар замони муосир;

-Таҳлили маҷмуаҳои асосии таълимӣ-методӣ ва муайян кардани вазифаҳои методӣ оид ба таносуб ва пешниҳоди маводди назариявӣ ва амалии китобҳои дарсӣ, инчунин имкониятҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар заминаи онҳо то кадом андоза ҳал карда мешаванд;

-Таҳия ва тавсифи методикаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ зимни таълими калима ва таъбирҳо;

-Санҷидани самаранокии шаклу усули пешниҳодшудаи таълим дар ҷараёни гузаронидани таҷрибаи таълимӣ ва коркарди методии натиҷаҳои он.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** назарияи фаъолияти нутқ ва ташаккули салоҳияти иртиботӣ, забонӣ ва маърифатӣ, таълимоти фалсафӣ дар бораи забон ҳамчун воситаи муҳимтарини муошират инсонӣ, қонуниятҳои равоншиносии азхудкунии луғат ва принсипҳои муносибати босалоҳият ба таълими калима ва таъбирҳо ташкил медиҳанд. Муқаррароти Консепсияи миллии таҳсилот ва Стандартҳои давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун заминаи меъёрии таҳқиқот хидмат намудаанд.

**Сарчашмаи маълумот**. Осори илмии педагогӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, адабӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии танзимкунандаи фаъолияти касбию педагогӣ дар соҳаи маориф; санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф, аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то солҳои 2030, Стандарти давлатии таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои инъикоскунандаи талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони ватанию хориҷӣ.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро маҷмуи маводди ва нишондиҳандаҳои зерин ташкил медиҳанд, ки дурустӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои рисоларо кафолат медиҳанд, аз ҷумла, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Консепсияи миллии таҳсилот», «Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ» ва барномаҳои таълимии фанни забони тоҷикӣ дар мактабҳои олӣ); маводди таълимӣ ва методӣ (китобҳои дарсӣ, дастурҳои методӣ, луғатҳои лексикографӣ ва фразеологӣ, инчунин модулҳое, ки дар раванди таълим истифода мешаванд); натиҷаҳои мониторинг ва ташхиси педагогӣ (маълумоти

бадастомада аз санҷишҳо, пурсишҳо (анкета), мусоҳиба ва корҳои хаттии донишҷуён, ки сатҳи воқеии салоҳияти иртиботӣ ва захираи луғавии онҳоро инъикос менамоянд); пойгоҳи таҷрибавӣ–озмоишӣ (натиҷаҳои фаъолияти омӯзгории муаллиф дар МТМУ ва муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (МТД-и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров»), ки дар ҷараёни он методҳои инноватсионии пешниҳодшуда мавриди санҷиш қарор гирифтаанд); таҳлили хатоҳои нутқӣ (маводди ҷамъоваришуда оид ба ғалатҳои луғавӣ ва фразеологии хонандагон дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ, ки зарурати таҳияи методикаи навро асоснок мекунанд); осори адабӣ ва публитсистӣ (намунаи матнҳо аз адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик, ки ҳамчун манбаи асосии таълимӣ барои ташаккули салоҳияти иртиботии муҳассилин истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. МТМУ №12 ба номи Алоуддин Бобоев, № 6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Хуҷанд, №15-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд ба ҳайси пойгоҳи таҷрибавӣ интихоб шуданд. Дар раванди таҳқиқот беш аз 150 нафар хонанда, 30 нафар омӯзгор ва 35 нафар падару модар ҷалб шуд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар таҳияи методикаи аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва аз лиҳози таҷрибавӣ санҷидашудаи ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зоҳир мегардад ва иборат аст.

Натиҷаҳои илмии муҳимме, ки шахсан муаллиф ба ҷой овардааст:

1. Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ оид ба педагогика, методикаи таълими забони тоҷикӣ, забоншиносӣ, равоншиносӣ, муқаррароти назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо муайян карда шуданд;

2. Амсилаи методӣ, ки раванди азхудкунии маъноҳои калима ва, таъбирҳоро бо вазъияти воқеии муоширaт пайваст мекунанд, таҳия гардид;

3. Самаранокии омӯзиши калима ва таъбирҳо дар МТМУ дар асоси салоҳияти иртиботӣ дар таҷриба исбот карда шуд;

4. Маълумоти илмӣ дар бораи малакаҳои нутқ, тафаккур ва салоҳияти иртиботии хонандагон ба даст омад, ки ба густариши заминаи педагогӣ ва равонӣ

барои таҳияи системаи аз ҷиҳати методӣ самарабахши кор оид ба такмил додани нутқи хонандагон мусоидат мекунад;

5. Технологияи омӯзиши мафҳумҳои калима ва таъбирҳо дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим таҳия карда шуд;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Собит сохтани ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо ҳамчун ҳадафи асосии таълими забони тоҷикӣ дар шароити муосир;

2. Консепсияи методологии ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва асосноккунии илмии он, ки ҳангоми омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ, гузаштан аз низоми таълими «иттилоотӣ» ба муносибати босалоҳият ба таълим, ки талаботи замони муосир мебошад. Ин раванд шароити мусоид барои забономӯзии мақсаднок ва бошууронаи хонандагонро таъмин менамояд. Модели маҷмуии таълими воҳидҳои забонӣ (таҳия ва пешниҳоди модели сезинагии таълим (дарк–таҳлил–корбаст), ки пайвастагии назария бо амалияи лексикология, яъне истифода дар нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагон фаро мегирад;

3. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва мултимедиявӣ (муайян кардани нақши захираҳои рақамӣ: луғатҳои электронӣ, платформаҳои таълимӣ дар раванди азхудкунии калима ва фразеологизмҳои душворфаҳм);

4. Таҳияи маҷмуи машқҳои эҷодӣ (тасвири суратҳо, муколамасозӣ, эссеҳои хурд), ки махсус барои гузаронидани воҳидҳои луғавӣ аз захираи «камфаъол» ба захираи «фаъол»-и нутқи хонанда тамоюл доранд);

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқотро** корҳои илмию таҳқиқотии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, аз он ҷумла, М. Лутфуллоев, И.Х.Каримова, Ф. Шарифзода, С. Аминов, С.Э. Неъматов, М.Р. Юлдошева, Х.М. Сабуров, А.Каримзода, Қ. Мухторӣ, Р.Ғаффоров, Ғ.М. Бобизода, Ш.Акобиров, Ш.Ю.Азизов, Ш.Ҳакимова, М.Тиллохоҷаева, Ш.Пӯлодова, Бистрова Е.А., Л. Григуле, А.В. Хуторской, А.В. Дудников В. К.И.Воинова, И.А. Зимняя, О.Е. Лебедев ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ бахшида шудаанд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки методикаи омӯзиши воҳидҳои луғавӣ бо мақсади ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони МТМУ санҷида ва татбиқ, матнҳо барои омӯзиши нақши воҳидҳои луғавӣ дар ташкили матн пешниҳод ва намунаи нақшаи тавзеҳии дарсҳо оид ба методикаи пешниҳодшуда таҳия гардид. Муқаррароти назариявии диссертатсияро метавон ба лексияҳо, машғулиятҳои амалӣ ва семинарӣ дар донишгоҳҳои педагогӣ дохил кард, инчунин ҳангоми омода кардани курсҳои махсус дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии педагогӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода кардан мумкин аст. Маводди амалии таҳқиқотро метавон ҳамчун маводди дидактикӣ ҳангоми таълими фасли калима ва таъбирҳо, дар тавсияҳои методӣ ба курси забони тоҷикӣ, барои такмили барнома, таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳо истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот**. Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқотро назария ва амалияи муаммои мазкур тавассути омӯзиш ва таҳлили осори илмии, педагогӣ, равоншиносӣ ва бадеӣ асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷрибавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор дар МТМУ ва ҳайати педагогии дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ иштирокдошта таъмин кардаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсияи манзуршуда барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои педагогӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.Педагогика. 5.3.5.3. Назария ва методикаи таълими забони тоҷикӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** дар таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, алалхусус, дар пажуҳиши самтҳои бунёдӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маводди; дар истифодаи силсилаи усул ва методҳо вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот; дар заминаи кори таҷрибавӣ ва тасдиқи амалии муқаррароти кори илмӣ дар давоми озмоиш, таҳлили натиҷаҳои коркарди маводди таҷрибавӣ, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ,

иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, ҳамоишҳои илмию амалӣ (сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ), интишори монография, мақолаву дастурҳои таълимӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия ба ҳайси омӯзгор аз соли 2016 то имрӯз дар факултети филологияи тоҷики МДТ-и «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» фаъолият намуда, фанни методикаи таълими забони тоҷикиро дарс медиҳад. Усулҳои пешниҳодшударо дар ҷараёни тадриси фанни забони тоҷикӣ, дар давраи таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар МТМУ зимни мушоҳида, иштирок ва таҳлили раванди дарсҳои омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷики МТМУ санҷида, самаранокии онро дар такмили фарҳанги нутқи хонандагон татбиқ кардааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмиву методӣ, ҷаласаҳои кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик, педагогика ва методикаи таълим, иттиҳодияҳои методии муаллимони забон ва адабиёти тоҷики МТМУ пешниҳод ва мавриди баррасӣ қарор додааст, ки тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, дар 20 номгӯй мақолаи илмӣ ва методӣ, аз он 5 номгӯй мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ ёфтааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 11 зербоб, хулоса, тасвияҳо оид ба истифодаи амалисозии диссертатсия, рӯйхати адабиёт, интишороти аз рӯйи мавзуи диссертатсия, дар маҷмуъ, 183 саҳифаи чопи компютерӣ иборат аст.

# БОБИ 1. ҶАНБАҲОИ НАЗАРИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТИИ ХОНАНДАГОН ЗИМНИ ТАЪЛИМИ ВОҲИДҲОИ ЛУҒАВӢ

## 1.1. Масъалаи таҳқиқи омӯзиши калима ва таъбирҳо дар сарчашмаҳои илмӣ

Ҳар як қавму миллат кӯшиш менамояд, ки аз имкониятҳои забони модарӣ хеш бештар ва беҳтар истифода барад. Ҳамаи унсурҳои луғавию грамматикӣ пайваста ба талаботи фикр ва меъёри забон интихоб карда мешаванд. Мақсади ифодаи фикр муқаррар мекунад, ки аз калимаю ибораҳои пуробуранг ва категорияҳои семантикии муассири баёни фикр истифода гардад. Дурусту саҳеҳ ва мавқеъшиносона кор фармудани вожа ва ифодаҳои маҷозӣ, воҳидҳои фразеологӣ яке аз унсурҳои салоҳиятнокии муҳассилин ба шумор меравад.

Воҳидҳои фразеологӣ маҳсули тафаккури халқ буда, аз ҷиҳати пайдоиш бо тарзи зиндагӣ, расму оин, табиат, маданият ва эҷодкорӣ робитаи зич доранд. Пайваста баланд бардоштани сатҳи маърифативу фарҳангии муҳассилинро дар заминаи мероси ғании зеҳнии халқ ва комёбиҳои фарҳанг Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудаанд: «... як нуктаро дар назар бояд дошт: дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, техникаву технологияи навро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ менамояд…» [8,242].

Ҳар як забон хусусиятҳои худро дорад, агар мо онро дуруст муайян карда натавонем, дар забономӯзӣ ба мушкилот дучор мешавем.

Асоси забоншиноси (лингвистӣ)-и таҳқиқи масъалаи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо низоми муайян ба роҳ монда мешавад, ки дар забоншиносии муосир аз асри XX тасдиқ ва дар самтҳои гуногун дар айни замон рушд меёбад (Қ.Тоҳирова [123], В. В. Виноградов [35], Д. Н. Шмелёв [143], Л. А. Новиков [106], Н. М. Шанский [138], Г. А. Золотова [53] ва дигарон). Андешаҳои забоншиносони барҷаста дар бораи калима ҳамчун воҳиди асосии системаи забон асарҳои (Н. Маъсумӣ [91], А. Зоҳидов [54], Қ.

Тоҳирова [123], Ҳ. Маҷидов [88], М. Муҳаммадиев [94], Ю. Нурмаҳмадов [222], З.Қурғонов [220], Ш.Ҳакимова [133], Г.Маҳкамова [221], Б. Маҳкамова [86], Ш. Раҳматов [50] ва дигарон) барои ташаккули назарияи лексикологӣ дар забоншиносии тоҷик аҳаммияти бунёдӣ доранд. Таҳқиқи калима ҳамчун воҳиди асосии забон аз солҳои 20-30-юми асри гузашта ба таври махсус фаъол гардида, пеш аз ҳама, бо корҳои забоншиносон В. В. Виноградов [35], Л. В. Шерба [66], Г. О. Винокур [36] ва дигарон алоқаманд аст, ки барои консепсияи муосири калима ҳамчун асоси забоншиносии таълими лексикология дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ таваҷҷуҳи зарурӣ дорад. Мавқеи назаррас дар муайян кардани мақсад ва вазифаҳои лексикология ҳамчун бахши алоҳидаи илм дар бораи забон ба В. В. Виноградов тааллуқ дорад. Муҳаққиқ асосии назарии таҳлили лексикологиро чунин муайян кардааст: «Алоқамандии ҳар як калима бо таърихи он, бо хусусияти сохтории забони тоҷикӣ, бо муҳити атрофи забон; вобастагии мутақобилаи ҳама ҷанбаҳои имконпазири калима ва вобастагии онҳо ба ҳама қабатҳои луғавии забон; зарурати ба назар гирифтани хусусияти замон, шуури ҷомеа, зиндагӣ, адабиёт, ки забон ҷузъи ҷудонашавандаи таърих ва фарҳанги он аст» [35, 65].

Ин тавсифот дар кори В. В. Виноградов «Русский язык. Грамматическое учение о слове» низ [35] инъикос ёфтааст. Дар он таҳлили луғавӣ–грамматикии калима бо таърихи забон, бо омӯзиши таркиби луғавӣ, таърихи баромади баъзе калимаҳо, инчунин бо масъалаҳои сохторӣ, таҳлили грамматикии роҳу усули инкишофи калимаҳои тоҷикӣ алоқаманд аст. Дар асар робитаи мутақобилаи грамматика ва услубшиносӣ дар раванди омӯзиши калима ва вазифаҳои он мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф истифодаи шаклҳои грамматикиро дар услуб ва жанрҳои гуногуни нутқ нишон дода, калимаро ҳамчун воситаи асосии тасвир дар адабиёти бадеӣ арзёбӣ мекунад. Инчунин ҷанбаи овозӣ, маъноӣ, ҳодисаҳои муродифшавӣ, зидмаъноӣ, ҳамгунагии воҳидҳои луғавӣ, воҳидҳои фразеологӣ ва истифодаи калимаҳои иқтибосӣ таҳқиқ шудаанд. Таваҷҷуҳи махсус ба таҳаввули таркиби луғавӣ дар иртибот бо тағйироти ҷомеа ва мавқеи архаизмҳо, диалектизмҳо ва истилоҳоти касбӣ дар услубҳои гуногун

зоҳир гардидааст. Гурӯҳҳои гуногуни луғавӣ дар солҳои 60-70-уми асри XX ба таври мукаммал таҳқиқ карда шуданд. Дар асарҳои Ю. Д. Апресян [21, 472], О. С. Ахманова [24,296], В. Звегинтсев [51,41], Е. Курилович [73,456], А. И. Кузнетсова [71,216], Э. М. Медникова [92,202], А. А. Уфимтсева [125], Н. М. Шанский [138, 327], Д. Н. Шмелев [143, 280] масъалаҳои омӯзиши луғат, нақши омилҳои ғайризабонӣ дар ташкили системаи маъноии забон гузошта шуданд. Д. Н. Шмелев дуруст таъкид мекунад, ки «Таваҷҷуҳ ба омӯзиши гурӯҳҳои калимаҳо, ки аз ҷиҳати маъно бо ҳам алоқаманд, хеле пештар ба миён омада, дар асарҳои чунин муҳаққиқон ба монанди М. М. Покровский, Р. М. Мейер, Й. Трир, Л. Вейсгербер, Ш. Балли ва дигарон инъикос ёфтааст» [143,205].

Илми муосири забоншиносӣ калимаро на танҳо воҳиди асосии луғавӣ-фразеологӣ, балки воҳиди асосӣ ва марказии (сатҳи) системаи забон мешуморад. Дар пайравӣ аз Т. В. Булигина ва С. А. Крилов мо системаи забонро «Маҷмуи унсурҳои забон, ки дар робита ва муносибатҳои қонунӣ бо ҳамдигар қарор доранд ва бо як бутунии муайян тавсиф мешаванд» мефаҳмем» [31,477]. Ин сатҳи марказӣ чунин воҳидҳоро ба монанди фонема ва морфемаҳо муттаҳид мекунад ва дар айни замон нуқтаи ибтидоӣ, маводди сохтмонӣ барои ба даст овардани воҳиди номинативӣ – калима мебошад.

Дар системаи луғавии забон унсури содатарин калима (калима, лексема, воҳиди луғавӣ) мебошад. «Калима-мафҳум» (бо истилоҳи Л. В. Шерба) калимаест, ки аз яке маъноҳои худ гирифта шудааст. «Аз муносибати «калима-мафҳумҳо» дар дохили системаи луғавӣ категорияи сермаъноӣ, муродифӣ, антонимӣ, омонимӣ ҳодисаҳои маъноиро ташкил медиҳанд. Системаи луғавӣ бо дигар қисматҳои забон ба таври амиқ пайванд дорад ва нисбат ба дигар системаҳои забон (грамматикӣ, фонетикӣ, наҳвӣ ва ғайра) мураккабтар аст, зеро он унсурҳои зиёдеро дар бар мегирад, ки беҳисобу беканор аст» [146,291]. Масалан, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [204] зиёда аз 45 ҳазор ва дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [206] 80 ҳазор калима мавҷуд буда, миқдори маъноҳо бошад, ин нишондиҳандаро чанд маротиба зиёд мекунад. Илова бар ин, қабати луғавии забон системаи фаъол ва пайваста тағйирёбанда мебошад, ки бо таъсири

на танҳо омилҳои дохилӣ, балки беруна муайян карда мешавад. «Воҳидҳои луғавии система алоқаҳои зичтар, амиқтар ва гуногунҷанбатарро бо матн нисбат ба воҳидҳои дигар системаҳо ошкор мекунанд ва бинобар ин, аз рӯйи мундариҷаи худ «мутаҳаррик» ва якчанд навъ мебошанд» [144,172].

Корбасти калима ва таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ таҳти омилҳои гуногун: мавқеи истеъмол, вазифаҳои услубӣ ва жанрҳо, инчунин омилҳои иҷтимоӣ: ғайризабонӣ (берунӣ): вазъияти муошират ва хусусиятҳои иҷтимоӣ, ба монанди сатҳи таҳсилот, намуди машғулият, ба назар гирифтани синну сол, ҷинс ва монанди инҳо таъсир мерасонанд.

Солҳои охир забоншиносон масъалаҳои муҳимро марбут ба лексикология, аз қабили, муносибати мутақобилаи воҳидҳои луғавӣ бо воқеияти атроф А.Маҷидов [88], Қ.Тоҳирова [123], Л. А. Новиков [106], нишонаҳое, ки таркиби луғавии забонро муайян мекунанд [89], сохтори дохилии системаи луғавӣ-маъноӣ ва вобастагии мутақобилаи муносибатҳои парадигматикӣ ва синтагматикӣ Д. Н. Шмелёв [143,144], А. А. Уфимсева [124, 125], Э. В. Кузнетсова [71], В. А. Звягинсев [51], таъсири омилҳои иҷтимоӣ ба маъно ва истифодаи воҳидҳои забонро таҳқиқ кардаанд. Дар асарҳои бисёр забоншиносон қабатҳои алоҳидаи калима баррасӣ мешаванд. Хусусияти системавии сохтори қатори муродифиро Н. Ҳикматуллоев [225], Ш.Ҳакимова [133], З.Қурғонов [220], С.Ҷӯраева [147] ва аз олимони хориҷӣ Ю. Д. Апресян [21] қайд мекунад, муносибатҳои маъноӣ дар дохили чунин қаторҳоро М.Муҳаммадиев [94], П.Е.Сулименко [172] муайян кардааст, системавии муносибатҳои антонимӣ аз ҷониби М. Муҳаммадиев [94], Г. Маҳкамова [221], Д. Н. Шмелёв [143], Л. А. Новиков [106] ва дигарон таҳқиқ карда шудааст. Дар баробари ин, алоқаҳои мутақобилаи антонимӣ бо муродифӣ ва инчунин баъзе якрангии ташкили ин воҳидҳои луғавӣ ошкор карда шуданд [118].

Асарҳои олимон марҳалаи навро дар рушди филология ва илмҳои ба он наздик омода карданд. Таҳлили М. М. Бахтин дар бораи он, ки ягона роҳи шинохти инсон тавассути матнҳои аз ҷониби ӯ эҷодшуда мегузарад, фаъолона қабул карда шуд: «Матн...маълумоти ибтидоии тамоми тафаккури гуманитарӣ-

филологӣ аст. Матн ҳамон воқеияти мустақим (воқеияти андешаҳо ва таҷрибаҳо) мебошад, ки ин фанҳо ва ин тафаккур метавонанд танҳо аз он оғоз кунанд. Дар ҷое, ки матн нест, объекти таҳқиқ ва тафаккур ҳам нест» [29, 306]. Масъалаҳои марбут ба матн ҳамчун воҳиди мустақили наҳвӣ дар рисолаи номзадии С. Аминов таҳти унвони «Методикаи таълими матнсозӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ» (1995) ва дастури таълимии «Матн ва таълими он дар мактаб» (2002) мавриди баррасии амиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф дар заминаи маводди зиёд хусусиятҳои салоҳияти иртиботӣ ва таносуби ҷумлаҳоро дар матни яклухт баррасӣ ва тафовути онҳоро аз дигар категорияҳои забонӣ дақиқан нишон додааст. Аз ҷониби таҳқиқотгар хусусиятҳои асосии матн ба таври зерин тасниф шудаанд: «а) аз ҷиҳати мантиқу мавзуъ ба ҳамдигар алоқаманд будани ҷумлаҳо; б) мақсади асосӣ ва мавзуи муайян доштан; в) дорои мустақилияти нисбӣ будан; г) ба воситаҳои грамматикӣ ташаккул ёфтан, вазифаи пайвандакҳо, ҷонишин, пешояндҳо, аъзои туфайлӣ, воҳидҳои эзоҳӣ; ғ) пай дар пай пайваст шудани ҷумлаҳо; д) баёния ботартиби фикр риоя мешавад; е) ҷумлаҳо робитаи мутаассилӣ ва мантиқӣ доранд; ё) оғозу анҷом доштани матн» [213,16]. Саҳми назаррас доир ба назарияи фаъолияти нутқ олимони варзида Б. Камолиддинов [59], М.Шукуров [136], Ӯ.Холиқназар [127], Р.Ваҳҳоб [32] ва олимони хориҷӣ Л. С. Виготский [39], А. Н. Леонтев [77], Н. И. Жинкин [47] ва дигарон гузоштаанд, ки барои тавсифи забоншиносии равандҳои тафаккур, тавлид ва дарки нутқ, ғановат бахшидани таркиби луғавӣ, амсилаи шахсияти забонӣ Ю. Н. Караулов [66] ва дигарон асос шуданд. Дар мавриди баррасии масъалаҳои марбут ба воҳидҳои забон муҳаққиқи варзида Д. Хоҷаев нуктаи басо дақиқеро иброз доштааст: «Забоншиносии форсу тоҷик дар асрҳои миёна бештар хусусияти амалӣ дошт, зеро мақсад аз пажуҳишу омӯзиши қонунҳои забон, шарҳу маънидоди ҳодисаҳои ҷудогонаи забон, беғалат қироат кардани матн ва дар навиштан ба ғалатҳо роҳ надодани қаламкашон буд. Баъдтар, дар натиҷаи баҳрабардорӣ аз мактабҳои забоншиносии дигар тамоюли назарӣ, ҷанбаи таҳлилии он қавитар гашт ва бисёр донишмандон оид ба масъалаҳои алоҳидаи забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолиби илмӣ баён кардаанд» [128,7].

Воҳидҳои забон дар матн чун воҳиди комили мухобиротӣ пайиҳам ва мутаносиб ҷой мегиранд ва калимаҳо бо ҳам алоқамандона истифода мешаванд. Таносуби маънои калимаи асосӣ ва тобеъ дар ифодаи фикр мавқеи назаррас дорад. Ин нукта аз ҷониби мутахассисон чунин таъкид гаштааст: «Дар забоншиносии муосир мафҳуми матн дар доираи ҷудогонаи илми забоншиносӣ таҳқиқ мешавад. Матн ҳамчун пайвастаи комили забон, ки вижагии алоқамандӣ ва яклухтиро доро буда, тавассути алоқаҳои сохторию маъноии воҳидҳои аломат ташаккул ёфта, воҳиди асосию мукаммали мухобирот ба шумор меравад» [128,49].

Дар таҳқиқотҳои муосири забоншиносӣ имкониятҳои ташаккули салоҳияти иртиботии калима ва таъбирҳо бо назардошти мавқеи тобишҳои гуногуни маъноӣ ва таносуби вожаҳо баррасӣ гашта, пажуҳишгарон дар бораи хусусиятҳои маънои луғавӣ, грамматикӣ, имкониятҳои воқеъбинона ва фарҳангшиносии маънои калима, тааллуқ доштани он ба мавзуи муайян, мувофиқат ба ҳолатҳои муайяни муоширát ва ғайра маълумот додаанд. Калима имконият дорад, ки миқдори муайяни иттилоотро (маъноӣ, ҳиссӣ, зебоишиносӣ) фаро гирад, нигоҳ дорад ва дар ҳолати зарурӣ – такрор кунад ва дар ҷараёни нутқ интиқол диҳад, то ки фаҳмиш ва ҳамкории ҳамаи иштироккунандагони муоширатро таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, барои иҷрои чунин вазифаи мураккаб калима бояд имкониятҳои васеъ дошта бошад, ки табиати пайдоиш ва усули татбиқи онҳо то ҳол дар илм баҳсҳои сершуморро ба миён меорад. Як қатор олимон, аз қабили И. А. Стернин [171] ва дигарон кӯшиш доранд, ки ҷузъҳои гуногуни маъноии воҳиди луғавӣ, пеш аз ҳама, имконияти иртиботии калимаро равшан намоянд. Дар айни замон, ба маънои луғавии калима ва таркибҳои он таваҷҷуҳи махсус равона гаштааст, зеро маҳз онҳо ба равандҳои эҷод ва дарки паёми нутқ ҳадди аксар таъсир мерасонанд. Ба асоси маъноиву образнокӣ дар матни бадеӣ В. В. Виноградов ишора кардааст [35].

Ю. Д. Апресян андеша дорад, ки «Татбиқи имконияти иртиботии калимаро ҳамчун раванди фаъолсозии яке аз сатҳҳои маъноӣ, ки таҳти таъсири ҷойгиршавии калима дар сохтори синтаксисӣ ва мавқеи наздики аз ҷиҳати маъноӣ

фаъоли он ташаккул меёбад, баррасӣ мешавад» [21]. Маънои луғавӣ, одатан, ҳамчун «Мундариҷаи калима, ки дар шуур инъикос ёфта, тасаввуротро дар бораи ашё, хусусият, раванд, падида ва ғайра дар он мустаҳкам мекунад» маънидод мешавад [38,213]. Маънои луғавӣ бо маъношиносӣ (синтагматика), парадигматика ва сохтори наҳвии он муайян карда мешавад. Ба вазифаи маърифатии маънои луғавӣ олимон Ю. Д. Апресян [21], В. А. Звегинсев [51], Д. Н. Шмелев [143] ҷузъҳои зеринро дохил мекунанд: фарҳангӣ, ҳиссӣ, образнокӣ, арзёбӣ (баҳодиҳӣ), ғоявӣ (идеологӣ), (иҷтимоӣ ва ахлоқӣ) ва ғ.

Дар ҳолати мушаххаси нутқ танҳо як қисми имконияти иртиботии калима инъикос меёбад, ки бо ҳадафҳои сухангӯ, хусусияти ифодаи фикр ва сатҳи забондонии ӯ муайян карда мешавад. Фаъолияти нутқ мутаносиб бо тафаккури инсон инкишоф меёбад ва муҳимтарин рукни салоҳияти иртиботӣ метавон муттаҳидшавиро тасниф намуд. Забон ба тафаккур, воситаи муошират ва принсипҳои ҳамгироӣ такя мекунад ва махсусан дар сатҳи луғавӣ ба таври возеҳ зоҳир мешавад. Аз ин рӯй, матнро метавон ҳамчун натиҷаи омӯзиши тафаккур ва маъно арзёбӣ кард, ки дар шакли нутқи шифоҳӣ ё хаттӣ таҷассум меёбад. Ҳадафи ниҳоии матн аз ирсоли иттилоот аз ҷониби муаллиф ба қабулкунанда (мухотаб) иборат буда, ҷанбаҳои тарбиявию ахлоқиро низ фаро мегирад. Дар ин раванд мақсаду мароми эҷодкор ва интизориҳои ӯ аз таъсири калом ба шуури шунаванда ё хонанда нақши калидӣ мебозанд.

«Инъикоси имкониятҳои иртиботии калима дарки воҳидҳои сатҳи луғавиро барои ба вуҷуд овардани қобилияти алоқамандии чанд калима дар шуури инсон бо системаи забон, доираи мафҳумҳо ва падидаҳои воқеияти атроф, вазифаҳои калимаро муайян кунад» [70, 61]. Шаклгирии фонетикӣ устуворӣ ва мустақилияти калимаро нисбат ба дигар калимаҳо ё воҳидҳои забон ифода намуда, алоқаҳои онро мушаххас мегардонад. «Номифодакунии калима низ хусусияти алоқамандкунӣ дошта, ба он имкон медиҳад, ки дар шуури инсон падидаи муайяни ҷаҳони атрофро иваз кунад. Басомади ҳар як калимаи мустақил, дар ниҳоят, аз ҷойгиршавии он дар таркиби луғавии инсон вобаста аст. Имкониятҳои пайвастшавии калима бевосита дар алоқаи он бо дигар вожаҳо инъикос ёфтаанд

Шаклгирии бутун бевосита дар алоқаи калима бо калимоти дигар инъикос меёбад» [66, 60].

Ба рушди системаи нутқи хонанда шароитҳои иҷтимоӣ – муҳити нутқ ва хусусияти рушддиҳандаи он таъсири калон мерасонад. Ҳар як марҳалаи синну сол имкониятҳои эҳтимолии худро барои рушди нутқ дорад ва системаи забон, воситаҳои он мавзуи омӯзиши махсус мегарданд. Такмили нутқи шифоҳӣ ва аз худ кардани нутқи хаттӣ ба амал меояд. Нутқи хонандагон бо мукаммалӣ, мантиқӣ, алоқамандӣ, далелнокӣ дар ҳар давраи омӯзиш фарқ мекунад. Дар синни хурди мактабӣ хонандагон вобаста ба вазъияти нутқ, муҳит ва мақсади муошират тағйири тарзи ифодаи худро меомӯзанд. Давраи миёнаи мактабӣ, пеш аз ҳама, бо он тавсиф мешавад, ки дар ин марҳала таълими фанни забони тоҷикӣ бо низоми муайяну дақиқ ба роҳ монда мешавад. Малакаҳои сохтани матнҳои гуногун дар асоси муносибатҳои бонизоми забон, тартиб додани нутқи мураттаби шифоҳӣ ва матни хаттӣ ташаккул меёбанд. Дар ин вақт ташаккули сабки инфиродии хонанда дар асоси азхудкунии васоити забонии услубҳои нутқ ба миён меояд.

Бояд қайд кард, ки дар синни миёнаи мактабӣ баъзе хонандагон аз сабаби рушд накардани муҳити нутқи атрофи онҳо ҳануз ҳам ба хатоҳои давраи хурдсолӣ роҳ медиҳанд, ба монанди қобилияти сусти шинохти фарқи маъноии калимаҳои ҳамшакл, наздикталаффуз, ҳаммаъно ва ғайра. Муҳаққиқон сабабҳои равонии роҳ ёфтани ин гуна хатоҳоро дар нутқи хонандагон: «маҳдудии тафаккур ва ташаккул наёфтани дарккунии дурусти донишҳои грамматикӣ ва мантиқӣ донистаанд» [57,132].

Хусусиятҳои нутқи наврасон тадриҷан тағйир меёбад ва раванди мустақили донишазхудкунӣ хоси синни наврасӣ нест. Аз синни калони мактабӣ (15-солагӣ) сар карда, диққати асосӣ ба такмили маданияти нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ дода мешавад ва давраи ҳассос барои рушди нутқи хонандагон ва ташаккули малакаву маҳоратҳои муошират дар алоҳидагӣ синни миёнаи мактабӣ 11-15 солагӣ мебошад. Тафаккури хонандагон бо омӯзиши воҳидҳои забони тоҷикӣ ташаккул меёбанд ва хусусияти забони тоҷикӣ ҳамчун фанни таълимӣ дар он аст, ки:

1. Он воситаи тафаккур, шинохт, ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ ва интиқоли дониш, таҷрибаи наслҳо мебошад, ки мақоми махсуси онро дар байни дигар фанҳои таълимӣ муайян мекунад ва азхудкунии он дар бисёр мавридҳо муваффақиятро дар азхудкунии илмҳои дигар муайян мекунад;

2. Он, ба фарқ аз дигар фанҳои таълимӣ, на «он қадар ба ҷаҳони моддӣ нигаронида шудааст, балки ба сохтори дониши мо дар бораи он, амсиласозии воситаҳои шинохти ин ҷаҳон» [77,57] нигаронида шудааст.

Барои ташаккули малакаҳои таҳлили иттилоот гузаронидани корҳои мақсаднок оид ба ташаккули қобилияти дарккунии хонандагон зарур аст, зеро «дарк кардан - маънои онро дорад, ки онро аз сатҳи тасаввурот ба сатҳи забон гузаронем, яъне тасаввуроту тахайюлот бо калимаҳо баён карда шавад» [153,115]. Фаъолияти зеҳнӣ барқарор кардани тарзҳои ба даст овардани натиҷаи шуурнокӣ мебошад ва одат ҳамчун қобилияти шуур барои баргаштан ба дарки амалиёти зеҳнӣ воситаи муҳимми методӣ мебошад, ки ба хонанда имкон медиҳад фаъолияти таълимӣ-омӯзишии худро назорат кунад. Ғайр аз ин, ба ақидаи С.Л. Рубинштейн [113], одат шароит фароҳам меорад, ки аз намуди тафаккури амалӣ ба назариявӣ гузарем, зеро дарк кардани шакли андеша, ки ба умумияти афзояндаи мундариҷаи он такя мекунад, дар навбати худ боиси он мегардад, ки андеша умумӣ, бонизом ва мақсаднок шавад. Дар раванди таълим одат ба рушди қобилияти хонандагон барои таҳлил, назорат ва арзёбии сатҳи дониш ва малакаҳои худ, яъне раванди фаъолияти таълимӣ ва натиҷаҳои он мусоидат мекунад.

## 1.2. Заминаҳои илмӣ-назариявии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон

Роҳбарияти олии кишвар пайваста кӯшиш менамояд, ки низоми таълимро ҳамқадами замон гардонида, барои ба фазои ягонаи ҷаҳонӣ ворид намудани таҳсилоти миллӣ дастёб гардад. Таълими ба ташаккули салоҳиятнокӣ нигаронида ҳосили дониш, маҳорату малакаро ба сифати натиҷаи таҳсилот баррасӣ менамояд.

Барои иҷрои вазифаи мазкур ва зина ба зина рӯй овардан ба муносибати босалоҳияти таълими фанҳои математика ва забони модарӣ (синфҳои ибтидоӣ) дар 24 МТМУ аз моҳи сентябри соли 2016-ум роҳандозӣ гаштааст. Сабаби асосии тағйири низоми таълим дигар гаштани талабот, мундариҷа ва раванди таълим аст: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба шогирдон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоиро ба монанди қабули масъулиятноки қарорҳо ва бинақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд» [3].

Муносибати босалоҳият ба таълим дар низоми маориф ҳамчун ҷараёни калидӣ эътироф гашта, ҷиҳати рафъи номувофиқатии миёни стандартҳои таълимӣ ва ниёзҳои воқеии иҷтимоӣ хидмат мекунад. Ин равиш имкон медиҳад, ки талаботи инфиродии шахс дар раванди азхудкунии дониш ба таври муассир қонеъ карда шавад. Омӯзиш ва ҳалли муаммои моҳият ва мазмуни мафҳуми «салоҳият» дар пажуҳишоти олимони хориҷӣ чанд сол муқаддам шуруъ шудааст. Бино ба таъкиди методисти рус О.Е. Лебедев: «Муносибати босалоҳият – ин маҷмуи принсипҳои умумии муайянкунии мақсадҳо ва интихоби муҳтавои таҳсилот, ташкили раванд ва аразёбии натиҷаҳои таҳсилот мебошад» [159,3]. Бино ба мушоҳидаҳои мо, В.А. Далингер ҷавҳари муносибати босалоҳиятро дар низоми таҳсилоти умумӣ ба таври амиқ шарҳ додааст. Мавсуф қайд менамояд, ки ҳадафи ин равиш танҳо бо интиқоли дониш ва иттилооти назариявӣ маҳдуд намегардад. Ба ақидаи ӯ, муносибати босалоҳият фарогири зинаҳои маърифатӣ, тарзҳои мушаххаси тафаккур ва таҳлил буда, ба рушди иқтидори зеҳнӣ ва фаъолияти эҷодии хонандагон нигаронида шудааст [156,46].

Муносибати нав ба таълим дар замони муосир аз ёд кунонидани иттилооту назария, балки истифодаи амалии дониш ва ҳосили малака мебошад. Он равиш аз дарк ва таҳлил то хулосабарориро фаро мегирад. Он тарзҳои мушаххаси тафаккур: интиқодӣ ва мантиқиро дар ниҳоди хонанда ташаккул дода, ба таҳлил

ва ҳалли мустақилонаи масъалаҳои пешомада роҳ мекушояд. Муҳаққиқ М. Тиллоҳоҷаева дар ин маврид аҳаммияти такмили фарҳанги нутқро зарур мешуморад, ки «Дар таълими забони тоҷикӣ инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон хеле муҳим маҳсуб мешавад. Имрӯз дар шароите, ки аз аксари фанҳо аз саволҳои сершумори тестӣ барои натиҷагирӣ ва арзёбии дониш истифода мекунанд, масъалаи мазкур мубрамияти бештар касб мекунад» [173,41]. Муносибати босалоҳият ба таълим фаъолнокии муҳассилинро дар донишандӯзиву маърифатнокӣ меафзояд. Муаллифи дигар қайд менамояд, ки «Татбиқи ин муносибат ба таълим барои рушди ҷузъиёти таҳсилоти инсон–маънавиёт, зеҳн, тафаккури эҷодӣ, мавқеи иҷтимоии фаъол ва тезҳаракатӣ имконият медиҳад. Муносибати босалоҳият на маълумотнокии инсон, балки маҳорати ӯро дар ҳалли мушкилот ба ҷойи аввал мегузорад» [155,32]. Моҳияти ин равандро рушди шахсият, ки асоси назарияи муосири равоншиносию педагогии соҳаи таҳсилотро ташкил медиҳад, фаро мегирад: «Заминаи марҳилавии ин равиш бевосита бо ҳадафҳои ҷараёни таълим алоқаманд аст, ки дар он салоҳиятҳо сатҳи олӣ ва ҷамъбастшудаи маҳорату малакаҳоро муайян мекунанд ва мазмуни таҳсилот бо чаҳор унсури амсила (дониш, маҳорат, таҷрибаи фаъолияти эҷодӣ ва таҷрибаи муносибати арзишӣ) муайян карда мешавад» [38].

Санадҳои муҳимми давлатӣ ва соҳавӣ, ба монанди «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020», «Стандарти давлатии таҳсилот» ва «Стандартҳои фаннӣ» (соли 2016), ки заминаҳои ҳуқуқиву методологии ин равандро ташкил медиҳанд, роҳандозии муносибати босалоҳиятро тақозо менамоянд. Дар ин замина, раванди татбиқи зина ба зинаи ин равиш аз таҳсилоти ибтидоӣ оғоз гардида, ҳоло тамоми зинаҳои таълимро фаро гирифтааст. Аз омӯзиши хусусиятҳои муносибати босалоҳият ба таълим профессор Азимова Н. ба чунин натиҷа расидааст: «Муносибати босалоҳият – ин низоми талаботи педагогӣ нисбати ташкили раванди таҳсилот аст, ки:

– таълими ба шахсият ва амалия нигаронидашуда мебошад ва самти амалии раванди таълим пурзӯр карда мешавад» [212,34].

Бояд гуфт, ки масъалаи салоҳиятнокӣ ду ҷанбаро фаро мегирад: Дар низоми ҳуҷҷатгузории соҳаи маориф, хусусан дар стратегияҳои рушд ва стандартҳои давлатии таҳсилоти умумӣ, афзалияти муносибати босалоҳият ҳамчун омили калидии беҳтар намудани сифати таълим таъкид шудааст. Ин дигаргунӣ аз синфҳои поёнӣ оғоз ёфта, марҳала ба марҳала дар низоми мактабӣ роҳандозӣ мегардад. Ҷавҳари ин муносибатро ҳамгироии дониш ва малакаҳо ташкил медиҳад, ки дар он фаъолияти таълимгиранда аз омӯзиши сатҳии маводди ба самти ҷустуҷӯйи илмӣ ва татбиқи амалии андухтаҳо тағйир меёбад. Муносибати босалоҳият ба таълими забони тоҷикӣ талаб менамояд, ки ба ҷуз дониш ва салоҳиятҳои забонии хонандагон салоҳиятҳои болоифаннӣ ё асосӣ, ки дар муошират корбаст мегарданд, ташаккул дода шавад. Бо ин мақсад, барои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома соатҳои алоҳида ҷудо карда шудаанд. Пажуҳишҳои олимон ва методистон дар ҷодаи омодасозии касбии донишҷӯёни риштаи филология ва ташаккули маҳорати педагогии омӯзгорони оянадаи забони тоҷикӣ бештар ба масъалаҳои рушди малакаҳои ҷузъии методӣ нигаронида шудаанд. Дар методологияи таҳсилоти олии касбӣ мафҳуми «салоҳияти касбӣ» ва сохтори навъҳои он дар робита ба ихтисоси омӯзгори забони тоҷикӣ ба таври низомманд ва фарогир мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст.

Муҳаққиқони соҳаи педагогика ва методикаи таълими кишвар бори аввал консепсияи салоҳиятнокии муҳассилинро мавриди баррасӣ қарор дода, маҷмуи «панҷ салоҳияти калидӣ - иртиботӣ, ҳамкорӣ, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ ва маҳорати омӯзиш»-ро ҳамчун заминаи асосии таҳсилоти муосир муаррифӣ намудаанд [96,56].

Аз хусуси калимаи «салоҳият» Заиров С. муфассал сухан ронда, маънои луғавии онро аз 17 фарҳанг мавриди қиёсу муқобала қарор додааст: «Маъноҳои шарҳёфтаи калимаи «салоҳият» далел бар онанд, ки ин вожа ва яке аз маъноҳои асосии он бо маънои калимаи «компетентность», «компетенция» ҳамвазн аст. Инро шарҳи маънии калимаи салоҳият дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» [2006] низ собит мекунад: «Салоҳият 1. компетентность, компетенция; 2. полномочие;

прерогатива; 3. соответствие, годность, пригодность; салоҳият доштан: а) быть компетентным; иметь полномочия; б) годиться, соответствовать; [215,345].

Ба ин тариқ, интихоби калимаи «салоҳият» ҳамчун варианти тоҷикии истилоҳи русӣ беасос нест ва он маъниро ифода карда метавонад» [215, 345].

Мафҳум ва мазмуни истилоҳи «салоҳият» дар равишшиносии тоҷик нав набуда, дар эҷодиёти халқӣ ва осори суханварони форсу тоҷик ин нукта ба сареҳӣ қайд гаштааст:

Илмат ба амал чу ёр гардад,
Қадри ту ба яке ҳазор гардад.

Чу касби илм кардӣ, дар амал кӯш,
Ки илми беамал борест бар душ.

Дар мероси гаронбаҳои классикони адабиёти форсу тоҷик андешаҳои калидӣ дар бораи таносуби дониш ва амал баён ёфтаанд, ки имрӯз ҳамчун заминаи ахлоқию методологии муносибати босалоҳият хизмат мекунанд. Мақолҳои халқию ҳикматҳои бузургон, аз қабили «Илми беамал – дарахти бесамар», «Олими беамал – занбури беасал» ва «Сухани беамал – тири бепайкон» моҳияти аслии салоҳиятнокиро ифода менамоянд: дониш танҳо дар сурати татбиқи амалӣ ва табдил ёфтан ба маҳорат арзиши иҷтимоӣ пайдо мекунад.

Ҷорӣ намудани муносибати босалоҳият дар низоми маориф яке аз омилҳои калидии мутобиқсозии чараёни таълим ба талаботи воқеии ҳаёт маҳсуб меёбад. Таҳлили осори мутафаккирон нишон медиҳад, ки рушди салоҳиятҳои муҳассилин ва истифодаи стратегияҳои самарабахши омӯзиш ба таҷрибаи устодон ва роҳнамоии соҳибхирадон такя мекунад. Дар ин замина, истифодаи методҳои интерактивии таълим, аз ҷумла усули ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ, шарти ҳатмии ташаккули шахсияти фаъол мебошад.

Дар ин замина, татбиқи муносибати босалоҳият дар соҳаи маориф ҷиҳати тавсеаи ҷаҳонбинӣ, такмили фарҳанги нутқ ва таҳкими маҷмуи донишу малакаҳои амалии хонандагон мавқеи назаррас дорад.

Мафҳуми салоҳиятнокӣ на танҳо ҷузъи маърифатӣ, балки ҷузъҳои ҳавасмандӣ (мотиватсионӣ), ахлоқӣ, иҷтимоӣ ва рафтори шоистаро низ дар бар мегирад. Салоҳиятнокӣ чун натиҷаи таълим (дониш ва маҳорат ва системаи арзишҳо фаҳмида мешавад. Ин мазмун аз «Роҳнамо барои омӯзгорон аз фанни забони тоҷикӣ» бармеояд: «Дар маҷмуъ, салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои асосӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Барои таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд» [3]. Барои ташаккули салоҳияти асосӣ дар Стандарт ва барнома махсус соат ҷудо нашуда, ин салоҳиятҳо дар ҷараёни тамоми дарсҳо инкишоф дода мешавад. «Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд» [95,4].

Моҳияти фаъолияти касбии омӯзгорони МТМУ аз тағйири низоми маориф ҳалли масоили бунёдии методологии зерин ташкил медиҳад:

- бо истифодаи фановариҳои муосири рақамӣ, аз ҷумла барномаҳои махсуси компютерӣ, таҳияи муаррифиҳои мавзуъҳо ва ташаккули неруи эҷодии муҳассилин мусоидат мекунанд;

-тақвияти қобилияти зеҳнии хонандагон барои азхудкунии мустақилонаи маводди таълимӣ ва ташаккули малакаҳои худсозӣ, ки заминаи асосии таҳсилоти муназзам дар тули ҳаётро ташкил медиҳанд;

- тарбияи шахсияте, ки дорои маҳорати таҳлил, арзёбии объективии иттилоот ва қабули қарорҳои асоснок дар вазъиятҳои мураккаби таълимӣ ва иҷтимоӣ мебошад;

- ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ-коммуникативии муҳассилин тавассути ташкили кори коллективӣ, ки ба тақсими вазифаҳо, масъулияти муштарак ва рушди фарҳанги муошироти байнишахсӣ нигаронида шудааст.

Ҳадаф аз амалисозии низоми босалоҳият ба таълим таҷдиди мундариҷаи барнома ва китобҳои дарсӣ набуда, балки таваҷҷуҳ ба натиҷаи таҳсил аст. Сабаби

асосии ба стандарт ворид намудани салоҳияти забонӣ ва иртиботӣ паст шудани сатҳи фарҳанги нутқи хонандагон мебошад.

Ба ақидаи равишшиносон дар таълими фанни забони тоҷикӣ муносибати босалоҳият ба истифодаи воҳидҳои забон дар муошират такя намуда, тафаккури маърифатиро ташаккул медиҳад ва ба худшиносии эҷодии шахс мусоидат мекунад: «Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст» [105,7].

Ин имкон медиҳад, ки тамоми системаи забон ба хонанда муаррифӣ ва таъсири мутақобилаи маълумоти таҷрибаи нутқ ва донишҳои назариявӣ дар бораи забонро дар сохтори шуури забонии онҳо таъмин намоем. Дар ин самт самараноктарин равиш кор бо калима ва фразеологизмҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ буда, чун воситаи рушди қобилияти эҷодӣ, васеъ кардани таркиби луғавии онҳо ва беҳтар намудани сатҳи баёну гуфтори онҳо хизмат менамояд. Омӯзиши калима ва таъбирҳо асоси эҷоди рушди нутқи солиму саҳеҳ дар дарсҳои забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Калима ва воҳидҳои рехта ҷузъи асосии сохтори китоби дарсии забони тоҷикӣ аст ва бо омӯзиши он ҳамаи ҳадафҳои таълими босалоҳият-коммуникативӣ, инкишофдиҳӣ, маърифатӣ рушди тафаккури интиқодӣ пурра амалӣ карда мешавад.

Ҳамаҷониба аз худ кардани масъалаҳои марбут ба калима ва таъбирҳо имкон медиҳад, ки ҳамзамон масъалаҳои имло, савод ва инкишофи нутқ ҳал карда шавад. Таҳлили калима ва таъбирҳо дар матн унсурҳои таҳлили забонӣ ва адабӣ, шарҳи имло, аломатҳои китобатӣ, хусусиятҳои грамматикӣ, тафсири маъноҳои аслӣ ва маҷозиро дар бар гирифта, имконияти густурда барои рушди салоҳияти забонӣ ва иртиботӣ фароҳам меорад. Вазифаи асосии таълими фанни забони тоҷикӣ дар замони муосир дар ҳадафи муошырати (коммуникативӣ)-и таълим таҷассум ёфтааст, ки забономӯзиро ҳамчун воситаи муошират дар назар дорад. Мақсади мазкур таълими тарзҳои гуногуни муошират, ба монанди, суханронӣ дар шаклҳои муколамавӣ ва монологӣ, хониш, дуруст фаҳмидани фикри дигарон ва

инкишофи нутқи хаттиро пешбинӣ мекунад ва ҷузъе аз салоҳияти иртиботӣ маҳсуб меёбад.

Аз ҷамъи шарҳи мафҳуми салоҳиятнокӣ бармеояд, ки дар назарияи омӯзишу парвариш фаъолияти махсуси ҳосили дониш, малакаву маҳорат дар шароиту вазъиятҳои мушаххас фаҳмида мешавад. Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон масъалаи хеле муҳимми таълимӣ мебошад ва он на танҳо ба натиҷаҳои таълим, балки ба сатҳи иҷтимоишавӣ ва рушди умумии шахсияти онҳо таъсири зиёд мерасонад. Он дар ҷараёни муошират, зимни анҷоми фаъолиятҳои берун аз дарс, ҳам дар ҷараёни дарсҳо ва ҳам дар фаъолиятҳои иловагӣ рушд меёбад. «Салоҳияти коммуникативӣ (аз лот. communico - умумӣ месозам, мепайвандам, муошират мекунам ва competens (competentis)– қобил) - сифати махсуси шахсияти суханГӮЙ мебошад, ки дар раванди муошироти табиӣ ё таълими махсус ташкилшуда ба даст омада, аз чанд ҷузъ: салоҳиятҳои забонӣ, мавзуӣ ва забоншиносӣ иборат аст» [37, 84].

Муҳаққиқи рус И. А. Зимняя салоҳияти иртиботиро ҳамчун қобилияти ифодаи дурусти фикр ва муошироти самарабахш мувофиқ ба вазъу ҳолат шарҳ медиҳад: «қобилияте, ки дар давоми ҳаёт дар заминаи меъёрҳои забони адабӣ барои азхудкунӣ ва истифодаи воҳидҳои луғавӣ ва тарзҳои баёни фикр ташаккул дода мешавад» [157,72].

Истилоҳи «Салоҳияти коммуникативӣ» аз мафҳумҳои бунёдии методикаи муосири таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна мебошад. Дар корҳои бисёр муҳаққиқон масъалаи моҳияти ин салоҳият ба миён гузошта шуда, таркиби ҷузъҳои он таҳлил ва ақидаҳои гуногун пешниҳод гаштааст. Он дар таълими забони тоҷикӣ бо салоҳияти забонӣ алоқаманд буда, натиҷаи азхудкунии забон ва иҷрои вазифаи коммуникативиро фаро мегирад. «Салоҳияти коммуникативӣ - ин қобилияти фаҳмидани нутқи дигарон ва сохтани барномаҳои нутқии худ мувофиқ ба мақсад, соҳа ва вазъиятҳои муошират аст» [154,37].

Салоҳияти иртиботӣ мувофиқи ақидаи Хаймс, «маҷмуи донишҳое мебошад, ки барои истифодаи самарабахши забон дар вазъиятҳои гуногуни муошират заруранд. Ин консепсия на танҳо донистани забон, балки маҳорати дуруст ва

самаранок истифода бурдани онро дар вазъиятҳои мухталифи коммуникативӣ, бо мутобиқ кардани воситаҳои забонӣ ба вазифаи мушаххас пешбинӣ мекунад» [131]. Аз нуқтаи назари Ш.Ю.Азизов «Салоҳияти коммуникативӣ маҷмуи қобилиятҳо, маҳоратҳо ва донишҳои коммуникативие мебошад, ки ба вазифаҳои коммуникативӣ мувофиқ ва барои ҳалли онҳо мусоид мебошад» [150,82]. Бино бар ақидаи С.Э.Негматов «Салоҳияти коммуникативӣ дониш, маҳорат ва малакаҳое аст, ки барои фаҳмидани андешаҳои ифодакардаи дигарон ва сохтани барномаҳои эродкунандаи худ мувофиқ ба мақсад, соҳа ва вазъиятҳои муошират зарур мебошад. Ин қобилиятест, ки дар ҳамкории инсон бо муҳити иҷтимоӣ ва дар ҷараёни соҳиб шудан ба таҷрибаи иҷтимоию коммуникативӣ ташаккул меёбад» [103,193].

Дар ҷараёни таҳқиқи асосҳои назариявии мавзуъ, баррасии таҳаввули маъноӣ ва тафсири лексикографии истилоҳи «салоҳият» дар сарчашмаҳои муътабари луғавӣ аҳаммияти бунёдӣ дорад. Асосгузори адабиёти муосири тоҷик, устод Садриддин Айнӣ дар «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» вожаи мазкурро ҳамчун «аҳл будан дар коре» маънидод карда, таъкид менамояд, ки шахси бесалоҳият «аҳли он кор нест» [186,330]. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [206] бошад, ин вожа бо калимаҳои «шоистагӣ», «қобилият» ва «лаёқат» муродиф دониста шудааст. Дар «Қомуси дарӣ ба русӣ» (1978) истилоҳи «салоҳият» тавассути вожаҳои «мувофиқат» (пригодность), «салоҳиятнокӣ» (компетентность) ва «ваколат» (полномочие) ифода ёфтааст. Ин раванд дар «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» (2006) таҳти таҳрири Д. Саймиддинов ва дигарон боз ҳам мукаммалтар гардида, вожаи «салоҳиятдор» ҳамчун муодили «авторитетный» ва «компетентный» муаррифӣ шудааст, ки паҳлуҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии истилоҳро тақвият медиҳад Лексикографияи классикӣ ва муосири Эрон низ ин мафҳумро амиқ баррасӣ кардаанд. Дар «Фарҳанги форсии Амид» он ҳамчун «солеҳ будан» ва «дархур будан» тафсир мешавад. Муҳаммад Муин дар «Фарҳанги форсӣ» доираи маъноии онро васеъ карда, ба ғайр аз «шоистагӣ», ҷанбаи ҳуқуқии онро («ихтиёре, ки қонун ба додгоҳ ё мақомот медиҳад») махсус

қайд мекунад [187,2159]. Дар «Луғатнома»-и Деҳхудо низ меҳвари маънои вожаро «аҳлият» ва «сазоворӣ» ташкил медиҳад [193].

Дар лингводидактикаи муосир тафриқаи миёни мафҳумҳои «салоҳият» (competence) ва «салоҳиятнокӣ» (competency) аз масъалаҳои мубрам ба шумор меравад. Агар «салоҳиятнокӣ» бештар воқиф будан ва соҳиби ваколат буданро ифода намояд, «салоҳият» ҳамчун доираи масъалаҳо ва имкониятҳое фаҳмида мешавад, ки фард дар амалия истифода мебарад. Муҳаққиқон махсусияти салоҳиятнокиро дар он мебинанд, ки шахс бо такя ба синтези дониш ва таҷрибаи қаблӣ, қобилияти муқоисаи ҳодисаҳоро бо воқеияти кунунӣ ва ҳосил намудани хулосаҳои асосноки амалиро пайдо мекунад.

Салоҳияти коммуникативӣ дар ҳама намудҳои фаъолияти нутқ – шунидан, суханГӮЙӣ, хондан ва навиштан ташаккул меёбад ва иҷрои самараноки онҳоро таъмин мекунад. Аз ин рӯй, консепсияи Е.С. Антонова, ки зарурати дохил кардани салоҳияти коммуникативиро ба мундариҷаи забономӯзӣ ва ташаккули малакаҳои нуткро дар асоси он исбот мекунад, дуруст ба назар мерасад. Таҳти мафҳуми малакаҳои нутқ Е.С. Антонова «як қатор «фаъолиятҳо»-и таълимиро мефаҳмад, ки хоси иштироккунандагони коммуникатсия мебошад ва мавқеъҳои зеринро ишғол мекунанд: муаллиф (муаллиф–нотиқ, муаллиф–нависанда), котиб, адресат (шунаванда, хонанда), мунаққид–ташкилкунандаи коммуникатсия» [18,79]. Ҳангоми ташкили вазъияти коммуникативӣ ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда бояд накш ва хусусияти фаъолияти худро дарк кунанд. Салоҳияти коммуникативӣ мафҳуми ҳамгиро буда, малакаву маҳорати иҷрои амалҳоро бо маводди забонӣ ва донишҳои ҳосилшударо дар бар мегирад, яъне фаҳмидан ва интиқоли иттилоот бо ёрии намудҳои гуногуни фаъолияти нутқ фаҳмида мешавад. Салоҳияти коммуникативӣ, ки ба гурӯҳи салоҳиятҳои калидӣ шомил аст, дар раванди таълими забон ва адабиёти тоҷик моҳияти байнифаннӣ пайдо намуда, бо унсурҳои нави методӣ тавъам мегардад. Мутобиқи «Стандарт ва барномаи фанни забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11» (нашри соли 2018), ин мафҳум ҳамчун «маҳорати истифодаи воситаҳои мухталифи иртиботӣ–аз ҷумла интиқоли иттилооти шифоҳӣ, хаттӣ, графикӣ ва рақамӣ дар заминаҳои муошírати хусусӣ ва касбӣ»

[3,15] тафсир шудааст. Хусусияти байнифаннии ин салоҳият дар он зоҳир мегардад, ки масоили марбут ба услубшиносӣ дар доираи фанни забон баррасӣ шавад ҳам, ҷанбаҳои эстетикиву иҷтимоии нутқ, аз қабили оҳанги қироат, фарҳанги баҳс ва муколамаи адабӣ дар барномаи фанни адабиёт меҳварӣ маҳсуб меёбад. Бино ба андешаҳои назарияпадозон, салоҳияти иртиботӣ дар робита бо чаҳор рукни фаъолияти нутқ: гӯш кардан, хондан, гуфтор ва навиштор ташаккул дода мешавад.

Салоҳияти иртиботӣ ҳангоми аз худ кардани меъёрҳои одоби муошират, аз ҷумла, вазифаҳои иттилоотӣ, танзимкунанда, эҳсосию арзёбӣ инкишоф меёбад. Фарқи унсурҳои салоҳияти коммуникативиро чунин нишон додан мумкин аст: 1) маҳорати танзим, мутобиқсозии усул ва воситаҳои муошират вобаста ба вазъияти нутқ (мақсад ва мавзуи коммуникатсия, имкониятҳо ва махсусияти дарк аз ҷониби ҳамсуҳбат ва м. инҳо); 2) вобаста ба мавзуи муошират ва соҳаи иртибот моҳирона истифода кардани мафҳумҳо, истилоҳот ва услуби муошират, ки ба соҳаҳои илм, техника ва бадеиёт мансубанд. Мо андешаҳои муҳаққиқи рус И. А. Зимняяро ҷонибдорӣ мекунем, ки «Салоҳияти коммуникативиро ҳамчун қобилияти амалӣ намудани фаъолияти нутқ дар асоси дониш, малака ва маҳоратҳои овошиносӣ, лексикию грамматикӣ, иҷтимоӣ - лингвистӣ, фарҳангӣ мувофиқ ба вазифа ва вазъиятҳои гуногуни муошират дар доираи ин ё он соҳа шарҳ медиҳад» [157, 56]. Аз таҳлили таърифҳои салоҳияти коммуникативӣ чунин хулоса бармеояд, ки гуногунандешӣ дар тафсири муҳаққиқон мавҷуд буда, ҷузъҳои таркиби он омӯзиши масоили зерин: услубшиносӣ, шакли баён, ҳикоя, мулоҳиза, сохтори наҳвии ҷумлаҳо дар матн ва маҳорату малакаҳои таҳлили матнро дар бар мегирад. Маълум аст, ки масъалаи асосӣ дар омӯзиши забон рушди шахсияти таълимгиранда мебошад. Аз ин ҷо бармеояд, ки «Салоҳияти коммуникативӣ на танҳо азхудкунии намудҳои гуногуни фаъолияти нуткро дар самтҳои мухталифи муошират дар заминаи донишҳои услубшиносӣ пешбинӣ мекунад, балки рушди шахсияти хонанда ва ташаккули фарҳанги иртиботии онро низ дар назар дорад» [154,39]. Он ҳамчун рукни ташаккули шахсияти инсон баррасӣ мешавад. Принсипи нақши пешбари матнҳои дорои мазмуни иҷтимоию фарҳангӣ

аҳаммияти махсус дошта, тибқи он маводди таълим бояд бо матнҳои илмиву адабии дорои маълумоти фарҳангию таърихӣ бой карда шавад. «Ҷанбаи иҷтимоию фарҳангии салоҳияти коммуникативӣ ба хонанда кумак мекунад, ки тавассути омӯзиши забон ба воқеияти иҷтимоӣ мутобиқ шавад» [43,122].

Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун талаботи иҷтимоӣ ба омодагии хонанда асоси «Салоҳиятмандии коммуникативӣ»-ро ташаккул медиҳад, ки дар заминаи салоҳияти забонӣ  амалӣ мегардад. Дар шакли умумӣ он азхудкунии қоидаҳои сохтани матн ва интихоби воситаҳои забониро пешбинӣ мекунад. Ба ақидаи А.В.Хуторский «Ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон дар асоси татбиқи низоми коммуникативӣ-фаъолнокӣ сурат гирифта, забономӯзӣ дар заминаи муошират анҷом дода мешавад ва барои омода кардани хонандагон ба шаклҳои самарабахши ҳамкорӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва сохтани матн бо жанру услубҳои гуногун равона шудааст» [177,55]. «Салоҳияти забонӣ-иртиботӣ, асосан, ба инкишофи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ: табдили нутқи хаттӣ ба шифоҳӣ ва баръакс, шифоҳӣ ба хаттӣ равона мегардад» [96,18].

Салоҳияти коммуникативӣ воситаест, ки ҳар як хонанда вазъиятҳои муошират бо атрофиён ба вуҷудояндаро дарк мекунад, тасниф менамояд ва мувофиқи он муайян месозад, ки ба кӣ чӣ ва чӣ гуна сухан гуяд. Пажуҳишгарон малакаҳои ҳатмии зеринро, ки муошират шахсро таъмин мекунанд, нишон додаанд:

-қобилияти пурсиш ва посух додан ба таври дурусту равшан ба ҳамсуҳбат;

-таваҷҷуҳ ба масъалаи муҳокимашванда ва ширкати фаъолона дар баррасии масъалаҳо;

- шарҳи фикри ҳамсуҳбат ва додани баҳои интиқодӣ;

- асоснок кардани ақидаи худ дар гурӯҳ.

Татбиқи салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими мавзуъҳои мушаххаси забони тоҷикӣ ба ташаккули маҷмуи малакаҳои ҳаётии хонандагон мусоидат менамояд. Ин раванд, қабл аз ҳама, ба рушди фарҳанги муошират, таҳкими муносибатҳои байнишахсӣ, тарғиби арзишҳои инсондӯстӣ ва омодагии хонандагон барои интихоби моделҳои дурусти рафтор дар ҳолатҳои мухталифи

иҷтимоиву ҳаётӣ нигаронида шудааст. Дар заминаи таҳқиқотҳои равишшиносӣ (методологӣ), роҳҳои асосии амалисозии салоҳияти иртиботӣ ба таври зайл муайян гардидаанд: «а) истифодаи дониш, таҷриба, ақидаҳои худ ва дигарон дар шароити нави таълимӣ; б) таҳлили алоқа робита ва муносибати байни ақида ва таҷрибаҳо; в) таҳлили шароити мушаххас барои муайян намудани таъсири ҷузъҳо ба ҳамдигар ва таҳияи матни комил; г) таҳлили назарияву ақидаҳо ва вазъиятҳо аз нуктаи назари шахсӣ» [176, 60].

Мазмун ва моҳияти салоҳиятнокии хонандаро профессор Негматов С.Э. чунин ифода намудааст: «Татбиқи амалии донишҳои фаннӣ (аз ҷумла забони русӣ) рукни асосӣ ва муҳими раванди таълим маҳсуб меёбад; салоҳиятмандӣ ҳаргиз таълим дода намешавад, балки ташаккул додаву рушд меёбад; - дар синфҳои ибтидоӣ салоҳиятмандӣ маҳорати дарк ва дуруст фаҳмидани маводди таълим аст; он ҳамчунин маҳорати истифодаи воситаҳои забон (калима, ибора, ҷумла) дар баёни матлаб шуморида мешавад; салоҳиятмандии хонанда дар фаҳмидан ва дарки қоидаву қавоиди забон (овоз, ҳарф, зада, интонатсия) инъикос мегардад; салоҳиятмандии муаллим дар интихоби роҳу усули самарабахши баёни маводди таълим аст» [165].

Ба андешаи мо, ҷиҳати дастёбӣ ба ҳадафҳои стратегии таълим, омӯзгорро зарур аст, ки сифатҳои зерини маърифатию шахсиятиро дар муҳассилин ташаккул ва рушд диҳад:

1. Парвариши завқи маърифатӣ нисбат ба навигариҳои олам, маводди нави таълимӣ ва ҳодисаву воқеаҳои ғайриодӣ, ки заминаи фаъолгардонии иқтидори маърифатии хонандаро ташкил медиҳад;

2. Қобилияти таснифоти назарияҳо ва татбиқи малакаҳои амалӣ ҷиҳати шарҳу тавзеҳи маъноии калима ва таъбирҳо;

3. Инкишофи малакаву маҳорати таҳлили интиқодии назария, фарзия ва навовариҳои фаъолияти таълимӣ ва таҳқиқӣ;

4. Моделсозии стратегияҳои иртиботӣ, таҳқиқ ва татбиқи ҳалли масъалаҳои таълимӣ ва фаъолияти мақсадноки муошират бо ёрии калима ва таъбирҳо;

5. Салоҳияти тағйир ва эҷоди матн, рушди маҳорати тағйири сохтори наҳвии ҷумла ва матн.

Ҳамин тариқ, салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун маҷмуи маҳоратҳои мураккаб дар заминаи синтези донишҳои лингвистӣ, лингвокултурологӣ, психологӣ ва иҷтимоӣ муаррифӣ мешавад, ки дар натиҷаи муошират гуногунҷабҳа ва тавлиди матнҳо дар қолаби услубу жанрҳои мухталиф ташаккул меёбад. Ин падида  на танҳо донистани меъёрҳои грамматикӣ, балки қобилияти амалии шахсиятро барои истифодаи самарабахши воситаҳои забонӣ дар раванди интератсияи иҷтимоӣ ифода мекунад. Ба ибораи дигар, он маҳорати татбиқи дуруст, бамавқеъ ва муассири афкорро дар вазъиятҳои мухталифи муошират таъмин менамояд.

«Таҳлили вазъи таълими забони тоҷикӣ нишон медиҳад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ малакаю маҳорати нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ба таври зарурӣ ташаккул дода намешавад. Маълумотҳои назарии забони тоҷикӣ барои ташаккул додани  фаъолияти амалии нутқ пурра истифода намешаванд» [169,239]. Малакаҳои нутқ ва тафаккур рукни асосии салоҳияти коммуникативӣ буда, омодагӣ ба истифодаи забон ҳамчун воситаи фаъолияти нутқ фаҳмида мешавад. Дар методикаи таълими забони тоҷикӣ татбиқи салоҳияти иртиботӣ дар ҳамоҳангӣ бо салоҳияти забонӣ заминаи асосии рушди нутқи шифоҳӣ ва хаттии хонандагонро ташкил медиҳад. Салоҳияти коммуникативӣ ҳамчун категорияи фарогир, тамоми навъҳои фаъолияти нутқӣ ва малакаҳои истифодаи амалии забонро дар контекстҳои гуногуни иҷтимоӣ фаро мегирад. Салоҳияти забонӣ маҷмуи донишҳои назариявӣ ва малакаву маҳоратҳоеро фаро мегирад, ки дар ҳалли вазифаҳои мураккаби иттилоотӣ нақши назаррас доранд. Интегратсияи ин ду салоҳият ба хонандагон имкон медиҳад, ки воситаҳои забониро дар раванди муошират ба таври созанда ва муассир истифода баранд.

## 1.3. Принсип ва марҳалаҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълими калима ва таъбирҳо

Дар консепсияи таълими босалоҳият, «дониш» на ҳамчун ҳадафи ниҳоӣ, балки ҳамчун ҷузъи сохтории малака баромад намуда, ҳамчун василаи санҷиш, қиёс бо намуна ва ислоҳи хатоиҳои нутқӣ хидмат мекунад. Дар ин раванд қобилиятҳои зеҳнӣ, ҳосили донишу таҷрибаи андухтаи муҳассилин заминаи асосӣ маҳсуб ёфта, таваҷҷуҳи асосӣ на танҳо ба мазмуну муҳтавои таҳсилот («чиро омӯзонем?»), балки ба технологияи раванди таълим («чӣ тавр омӯзем?») равона мегардад.

Раванди фаъолияти таълимӣ дар низоми муносибати босалоҳият марҳалаҳои зеринро фаро мегирад:

1. Амсила ё намунаи ниҳоии натиҷаи таълим (малакаи мушаххас) мавриди баррасӣ ва таҳлили интиқодӣ қарор мегирад.

2. Ба муҳассилин имконият ва муҳити таълим фароҳам оварда шавад, ки бо роҳнамоии методии омӯзгор салоҳияти иртиботӣ тавассути машқҳои гуногуни амалӣ ташаккул дода шавад.

3. Дар тамоми давраи ташаккули малака, хонанда фаъолияти худро ба таври мунтазам арзёбӣ ва таҳлил намуда, қобилияти рефлексивиро рушд медиҳад.

4.Муҳассилин хатоҳои содиршударо ба таври мустақилона ё дар ҷараёни ҳамкории интерактивӣ (бо ҳамсинфон ва омӯзгор) муайян намуда, сабабҳои пайдоиши онҳоро детерминатсия (муайян) мекунанд.

5.Такмили минбаъдаи фаъолияти таълимӣ дар асоси меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мушаххаси арзёбӣ сурат гирифта, ба сифати натиҷаи ниҳоӣ мусоидат менамояд.

Таҳаввулоти босуръати илмӣ таҷдиди назарро ба назария ва принсипҳои дидактикӣ тақозо намуда, ворид намудани тағйироти консептуалиро ба раванди таълим ногузир мегардонад. Ба андешаи кулли методистон дар заминаи муносибати босалоҳият ташаккули салоҳиятҳо танҳо дар сурати эҷоди вазъиятҳои муаммовӣ ва ҷалби хонанда ба ҳалли вазифаҳои таълимиву ҳаётӣ имконпазир мегардад. Яке аз методҳои калидӣ дар ин самт «таҳлили вазъиятҳои мушаххаси

таълимӣ» мебошад ва аз лиҳози мазмуну моҳият принсипи алоқамандии назарияро бо амалия фаро мегирад. Зимни татбиқи низоми босалоҳият ба таълим фаъолияти ин навъи принсип васеъ гашта, сатҳу сифати омӯзиш такмил меёбад. А.В. Хуторской роҷеъ ба ин масъала чунин изҳори назар кардааст: «Муносибати таълим: аввал назария, сипас истифодаи он дар таҷриба роҳи ягонаи дуруст ба шумор намеравад. Принсипи алоқамандии назария бо амалия роҳи алтернативиро дорад, яъне назария бо амалия алоқаманд намешавад, балки дар натиҷаи фаъолияти амалии хонандагон аз дарку татбиқи онҳо бармеояд» [175,55]. Таносуби таълими анъанавӣ ва таълими босалоҳият бо назардошти хусусиятҳои равонии хонандагон муайян карда мешавад. Бо мақсади ноил гаштан ба натиҷаҳои таълим ва ташаккули салоҳиятҳо ҳалли масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълим зарур мебошад ва дар татбиқи амалии нақшаҳои «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020» масъулияти омӯзгорон ниҳоят зиёд мебошад: «Низоми нави маориф, ки мутобиқи тамоюлоти ҷаҳони муосир на ба дониш, балки ба салоҳиятнокӣ асос ёфтааст, бояд ба хонандагон имконияти аз худ намудани салоҳияту малакаҳои асосии иҷтимоӣ, ба монанди, қабули масъулиятноки қарорҳо ва банақшагирии пешравӣ дар касб, илмомӯзӣ дар давоми тамоми ҳаёт, тайёрии касбии дар бозори меҳнат талаботдошта, донишу малакаи барои худтакмилдиҳӣ зарур, малакаи тарзи ҳаёти солим, арзишҳои ҷомеаи шаҳрвандиро таъмин намояд» [1].

Аксари шарту меъёрҳои муносибати босалоҳият ба таълим, бахусус, дар заминаи интиқоли дониш, дар низоми таълими суннатӣ низ ба мушоҳида мерасанд. Аммо тафовути асосӣ дар он мебошад, ки дар таълими муносибати босалоҳият дониш, малака ва маҳорат на ба таври пароканда, балки дар иртиботи зич ва тавъам рушд ёфта, дар натиҷа ҳамчун маҷмуи фаъолияти амалӣ таҷассум меёбанд. Усули анъанавӣ бо вуҷуди риояи пайдарҳамии мантиқии мавзуъҳо раванди таълимро ба қисмҳои хурди назариявӣ ва соату вақти маҳдуд ба назар мегирад. Баръакс, дар таълими босалоҳият натиҷаи ниҳоӣ дар шакли сифатан том ва бо фарогирии ҷанбаҳои амалии фаъолият зоҳир мегардад.

Бартарии назарраси ин муносибат тағйир ёфтани мавқеи омӯзгор ва хонанда, мазмун ва моҳияти ҳамкории мутақобилаи онҳо ва фаъолияти эҷодии шогирдон бо маводди баррасишаванда мебошад. Дар сатҳи зарурӣ татбиқ намудани ин унсурҳо ба омӯзгор имкон медиҳад, ки на танҳо сифати азхудкунии салоҳиятҳои забониро баланд бардорад, балки дар ташаккули шахсияти дорои масъулияти иҷтимоӣ, фарҳанги баланд ва маърифатнокии хонандагон мусоидат намояд.

Дар методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар канори принсипҳои умумидидактикӣ (аёнӣ, шуурнокӣ ва фаъолият, дастрасӣ, мунтазамӣ ва пайдарпайӣ, устуворӣ, робитаи назария бо амалия ва илмият), маҷмуи принсипҳои махсусе истифода мешаванд, ки аз моҳияти филологии воҳидҳои забонӣ сарчашма мегиранд. Ҷиҳати ошкор намудани табиати воҳидҳои луғавӣ такя ба меъёрҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

1.Принсипи экстралингвистӣ (муқоисаи воҳиди забонӣ бо воқеияти айнӣ шароити иҷтимоиву таърихӣ ва фарҳангӣ);

2.Принсипи луғавӣ-грамматикӣ (таҳлили таносуби маъноҳои луғавӣ ва нишондиҳандаҳои грамматикӣ);

3.Принсипи системавӣ (баррасии воҳидҳо дар доираи муносибатҳои парадигматикӣ);

4.Принсипи функсионалӣ (муайян намудани мавқеи истеъмоли калимаву фразеологизмҳо дар нутқ);

5.Принсипи таърихӣ (муқоисаи таҳаввули калима бо таърихи воқеияти иҷтимоӣ).

Аз таҳлили муқоисавии мазкур маҷмуи принсипҳои махсус, яъне муқаррароти бунёдии методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таълимӣ ташаккул меёбад. Ин низом аз принсипҳои экстралингвистӣ (таносуби калима ва воқеият), луғавӣ-грамматикӣ (тафовути маъношиносӣ), системавӣ (ҳамгироии воҳидҳои парадигматикӣ), функсионалӣ (омӯзиши воҳидҳо дар заминаи доираи истеъмол) ва таърихӣ (иртиботи этимологияи вожа бо таърихи ҷомеа) иборат мебошад.

**Принсипи экстралингвистӣ**. Зарурати муқоисаи калима ва воқеият аз ягонагии ифодашаванда ва ифодакунанда бармеояд. Принсипи экстралингвистӣ (аз лотинии extra-«берун аз» ва lingua - «забон») ба калимаҳои дорои маънои мушаххас татбиқ мешавад. Такя ба принсипи экстралингвистӣ нишон додани ашё ё тасвири ашё ё мафҳумҳо, ё ҳам ашёву ҳам расмҳоро ба хонандагон дар назар дорад. Дар китобҳои дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфҳои 5-ум ва 6-ум расмҳо мавҷуданд, ки дар ташкили мушоҳидаҳо оид ба калимаҳои сермаъно, омонимҳо, муродифҳо ва дигар воҳидҳои луғавӣ ва фразеологӣ ва ташаккули салоҳияти иртиботӣ кумак мекунанд. Масалан, барои иҷрои машқи 11 расми се гул (садбарг, наргис ва лола) бо саволи «Кадом гулҳо номи занонаро ифода мекунанд?» [101,12]; «Ба ашёи дар расм буда аҳаммият диҳед ва онҳоро номбар кунед» [101,165]; «Аз рӯйи расм нақл тартиб диҳед» [101,25] оварда шудааст.

Мувофиқи хусусият ва мақсадҳои воҳидҳои луғавии омӯхташаванда дар китобҳои дарсӣ баъзе расмҳо бе имзо (шарҳи маъно зимни таҳлили мундариҷаи расмҳо) ба назар гирифта шудаанд, ба монанди расмҳои саҳифаи 4, 10 ва 14-ум [101]. Ҳар яке аз ин гурӯҳи расмҳо дар дарс ба таври гуногун истифода мешаванд: хонандагон бо таҳлили расмҳои бе имзо номи ашё ва ё мафҳумҳои тасвиргаштаро номбар ва ба дарки моҳияти онҳо наздик мешаванд; дар раванди таҳлили расмҳои имзодор – аз калимаву ифодаҳо ба ашё ё мафҳуми тасвиршударо идрок месозанд. Муқоисаи калима ва воқеияти мафҳумҳои луғавии омӯхташаванда барои аз худ намудани моҳияти ифодаҳои мувофиқ ва фарқ карда тавонистани онҳо аз дигар воҳидҳои луғавӣ мусоидат мекунанд. Масалан, таърифи калимаҳои сермаъно чунин аст: «Калимаҳое ҳастанд, ки фақат як маъно доранд. Гурӯҳи дигари калимаҳо ба ғайр аз маънои аслиашон маъноҳои иловагӣ пайдо кардаанд. Масалан, калимаи дам дар алоқамандӣ бо дигар калимаҳо маъноҳои зиёдро баён мекунад» [101,134]. Ҳамчунин аз рӯйи принсипи мазкур таълим додани мавзуи «Калимаҳои куҳна ва нав» ба мақсад мувофиқ аст.

**Принсипи луғавӣ-грамматикӣ.** Омӯзиши воҳидҳои луғавӣ алоқамандона бо грамматика аҳаммияти зиёд дорад. Масалан, омонимҳо калимаҳое мебошанд, ки ҳангоми ягонагии талаффуз ва навишт маънои луғавии гуногун доранд, аммо

ба як ҳиссаи нутқ тааллуқ доштани онҳо муҳим нест. Масалан, пар - 1. қанот (исм); 2. феъли фармоиши паридан [101,140]. Муқоисаи маъноҳои луғавӣ ва грамматикии калимаҳо аҳаммияти калон дорад, зеро татбиқи ин принсип имкон медиҳад, ки моҳияти воҳиди луғавии омӯхташаванда дақиқтар ошкор ва роҳ ёфтани хатоҳо дар фарқ кардани воҳидҳои ба ҳам монанд пешгирӣ карда шавад. Мураттибони китоби дарсӣ бо шарҳи баромади вожаи «мақом» ва маънои луғавӣ (ҷой, ҷойи истиқомат, мавқеъ, маврид, ҳангом, дараҷа, мартаба, рутба, поя) унсури грамматикии онро низ тавзеҳ додаанд: «мақомот шакли ҷамъи калимаи мақом аст. Аммо мақомотҳо гуфтан ғалат аст, чунки пасванди ҷамъсози арабии – от аз ҷиҳати вазифа баробари пасванди ҷамъсози тоҷикии –ҳо мебошад» [101,29]. Принсипи луғавӣ-грамматикӣ, махсусан, зимни кор бо калимаҳое, ки маънои абстрактӣ доранд, зарур аст. Хусусияти грамматикии калимаҳо ба таърифи мафҳум ҳамчун аломати фарққунандаи асосии он дохил мешавад, масалан, «Ду ва зиёда калимаҳое, ки як маъно ё маъноҳои наздикро мефаҳмонанд, муродиф ном доранд. Таркиби овозии муродифҳо гуногун, вале маънояшон ба ҳам наздик аст» [101,136]. Дар таърифи боло мавқеи истеъмол дар нутқ таъкид нагашта, бо иҷрои машқи 212 «Ба ҷойи нуқтаҳо аз муродифҳои овардашуда калимаҳои мувофиқро нависед» дарки ин масъала равшан мегардад» [101,138].

**<u>Принсипи системавӣ.</u>** Риояи шартҳои принсипи мазкур дар раванди таълими вожаҳои сермаъно, муқоисаи онҳо бо ҳамгунаҳо, бо калимаҳои сермаъно, зидмаъно ва муродифҳо, қиёси маънои аслӣ ва маҷозии таъбирҳо муҳим ба назар мерасад. Дар китобҳои дарсии забони тоҷикӣ ин принсип дар шакли маводди барои мушоҳида, иҷрои машқ ва саволу супоришҳои иловагӣ ба матни машқҳо татбиқ шудааст. Масалан, баъди фасли калимаҳои кухна омӯзиши наввожаҳо (синфи 7-ум) ба инобат гирифта шудааст. Баъди навиштани калимаҳои муқобилмаъно аз матн (машқи 40) шарҳи маънои аслии таркибҳои «андуҳ боридан, ҷонбозӣ доштан, бори дилро сабук кардан» супориш дода шудааст [17,28]. Лозим ба қайд аст, ки дар таҳияи барномаи таълими забони тоҷикӣ баъзан принсипи системанокӣ риоя нагашта, кор бо фарҳангномаҳо (луғатҳои тафсирӣ ва дузабона) дар синфи 5-ум баъди таълими мавзуи «Калима. Калима ва маънои

луғавии он. Роҳҳои шарҳи маънои калима. Маънои аслӣ ва маҷозии калима. Калимаҳои якмаъно ва сермаъно. Муродиф, мутазод ва ҳамгунаҳо. Луғати тафсирӣ ва дузабона» [3,83] ва дар синфи 7-ум [3,95] ба инобат гирифта шудааст. Кор бо фарҳангҳо аз оғози фасли омӯзиши калима ба роҳ монда шавад, малакаҳои таҳқиқотии хонандаро тақвият бахшида, ӯро ба ҷустуҷӯйи мустақилона одат мекунонад, ки ин яке аз ҳадафҳои асосии таълими салоҳиятнокӣ мебошад. На танҳо маъно ё тарҷумаи калима, балки тобишҳои маъноӣ, мутазод ва гунаҳои онро аз рӯйи матн шарҳ дода метавонанд. Чунин тарзи кор имкон медиҳад, ки ин калимаҳо ба захираи луғавии фаъоли хонандагон гузаранд, зеро онро аввал дар луғат мебинанд, сипас дар матн мушоҳида мекунанд ва ниҳоят дар эҷоди матн истифода мебарад.

Дар барномаҳои солҳои қабл риояи ин принсип ба мушоҳида мерасад ва боби «Калима» дар «Программаи забони тоҷикӣ барои синфҳои 5-11» [9] таълими калима бо кор бо фарҳанг шуруъ мешавад: «Маънои луғавии калима. Шиносоӣ бо «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [9,14]. Дар раванди омӯзиши калимаҳои якмаъно ва сермаъно, муродиф, мутазод ва ҳамгунаҳо мусалламан кор бо фарҳангномаҳо пеш меояд. Шарти аксари машқҳои марбут ба ин фасли китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 5-ум аз 25 машқи додашуда 17-тои он (68%) ба шинохти маънои калима нигаронида шудааст: Машқи 200: «Маънои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳед» [101,131]; Машқи 201: «Иборaҳои зеринро муқоиса карда бигуед, ки дар кадом сутун ифодаҳо ба маънои ҳақиқии худ наомадаанд» (101,131); Машқи 204: «...ба маънои калимаҳо диққат диҳед» (101,132); Машқи 211: «Бигуед, ки мафҳумҳои зеринро боз бо кадом калимаҳо гуфтан мумкин аст» (101,135); Машқи 213: «Монандӣ ва фарқи маъноии калимаҳои ишорашударо дар ҷумлаҳои зерин муайян кунед» (101,136). Маълум аст, ки шарҳу тавзеҳи маъно, тобишҳои маъноии вожаҳо ва муайян намудани муродифот, мутазод ва ҳамгунаҳо ба воситаи фарҳангномаҳо анҷом дода мешавад. Бино бар ин, хуб мешуд, ки усули корбасти фарҳангҳои тафсирӣ аз дарсҳои аввали омӯзиши калима ба роҳ монда шавад. Луғатомӯзӣ барои ғановати таркиби луғавӣ дар равандаи таълими фанни забони тоҷикӣ унсури асосӣ маҳсуб ёфта, ҳадаф аз он баланд бардоштани

қобилияти сухансанҷии хонандагон ва ошно сохтани онҳо бо олами маъноҳост. Равишшинос Тиллохоҷаева М. ду самти луғатомӯзиро тавсия додаанд:

«1.Самти бевоситаи луғатомӯзӣ – ин чунин маъно дорад, ки дар ҷараёни дарс вобаста ба луғатомӯзӣ корҳои муайян бевосита ба анҷом расонида мешаванд.

2.Самтҳои бавоситаи луғатомӯзӣ аз қисматҳои муҳимми омӯзиши забон ба ҳисоб мераванд. Дар ин маврид донишҷуён ба калимаҳои нав вобаста ба мавзуи дарс шинос мешаванд ва сатҳи луғатдонии худро васеъ мекунанд. Бисёр мавзуъҳои дар барномаи таълимӣ ба нақша гирифташуда ба ин мусоидат мекунанд» [122,95].

Омӯзгорро лозим мешавад, ки дар раванди дарс нуктаҳои зеринро дар фаъолияти худ ба эътибор гирад:

1. Тарғиби эҳтирому арҷгузорӣ ба забони тоҷикӣ ҳамчун яке аз забонҳои қадимаи олам ва пурғановат;

2. Забони модарии мо чун аксари забонҳои дигар аз ҳисоби калимасозӣ ва иқтибос аз дигар забонҳо ғанӣ мегардад. Аз як забон ба забони дигар иқтибосшавии калимаҳо қонуни асосии инкишофи ҳар забон буданро ба хонандагон фаҳмонидан;

3. Таъкид намудани он, ки ҳар калима чи дар нутқи шифоҳӣ, чи дар нутқи хаттӣ мавқеи хоси худро дорад ва қувваю ҷозибаи сухан ба он вобаста аст, ки суханвар вожаҳоро чӣ тавр истифода мебарад.

4. Зиёд намудани шавқу рағбати хонандагон ба ҷустуҷӯйи маънои луғавӣ маъноҳои кучидаи калима, духӯрагӣ ва дигар тобишҳои маъноии он;

5. Вусъат додани муассирӣ ва нишонрасии нутқи шогирдон, аз калимаҳои баландмазмун, лутфу таъбирҳо бой кардани захираи луғавии онҳо.

**Принсипи функсионалӣ**. Калимаҳо дар забон вазифаи номинативӣ (номифодакунӣ) ва ифодаи ҳиссиёт, кайфият, муносибати шахсро иҷро мекунанд. Баъзе калимаҳо дар ҳама услубҳои нутқ озодона истифода мешаванд. Дигар калимаҳо дар як услуби нутқ истифодаи бештар доранд ва ин аз он вобаста аст, ки кадом функсияи забон амалӣ мешавад: муошират, иттилоот, таъсиррасонӣ.

Маънои луғавии вожаву ифодаҳо аз рӯйи таснифоти шохаҳои услубӣ шарҳ дода шавад ва ин маҳорат зимни эҷод ва таҳияи матн бо услубҳои гуногуни нутқ муяссар мегардад. Обуранги бадеӣ ва эҳсосии калимаҳо дар синфи 11-ум омӯхта мешавад, аммо ҳам дар синфи 5-ум, 6-ум ва ҳам дар синфи 11-ум ҳангоми шиносоӣ бо воҳидҳои луғавӣ мавқеи истифодаи онҳо нишон дода мешавад, ки шароит барои аз худ кардани алоқаи лексикология бо услубшиносӣ фароҳам меорад. Масалан, бо иҷрои шарти машқи 32 принсипи функсионалӣ ва салоҳияти иртиботӣ татбиқ карда мешавад: «Бо усули тағйир додани шакли феъл ва сохти ҷумла (таъвиз ва ё трансформатсия) силсилаи муродифҳои грамматикӣ созед ва шарҳ диҳед, ки муродифҳо бо кадом тобишҳои маъно ва мавқеи истеъмолашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд» [61, 44]. Саволҳои иловагии муродифҳои «мурдан» ва «вафот кардан» чӣ тафовути маъноӣ доранд? Чаро Мурод аз дунё гузаштани модаркалонам гуфтааст, вале бой «Як кампир мурд, мурд-дия»?» [61,52].

**Принсипи таърихӣ**. Он ҳангоми омӯзиши воҳидҳои луғавӣ, ки бо пайдоиш ва рушди таркиби луғавии забон алоқамананданд, яъне калимаҳои иқтибосӣ, калимаҳои куҳнашуда ва нав татбиқ мешавад. Он ба хонандагон имкон медиҳад, ки сабабҳои рушди луғат ва ба воситаи он рушди забон ва таҳаввули онро фаҳмад. Принсипи таърихӣ дар китоби дарсии забони тоҷикӣ барои синфи 7-ум дар маълумоти назариявӣ дар бораи воҳидҳои омӯхташаванда ва дар расмҳое, ки имкон медиҳанд алоқаи таърихи ашё ва таърихи калимаро ба таври умумӣ фаҳманд, инъикос ёфтааст: «Ба расмҳо зеҳн монед ва онҳоро номбар кунед. Гуед, ки чаро номи баъзе аз онҳоро шарҳ дода натавонистед» (Фасли калимаҳои куҳна ва нав) [15,76]. Ҳамчунин дар ҷараёни омӯзиши таъбирҳо баъзе ифодаҳои камистеъмол (бори накав) [15,98]; тешаро ба тарафи худ задан 15,104]; санги сиёҳ будан [15,98] пешкаш гаштааст, ки тавзеҳи таърихиро талаб мекунад.

**Принсипи матнмеҳварӣ**. Матн воҳиди асосии муошират ва сарчашмаи таълим аст. Ташаккули салоҳияти иртиботӣ аз ҳадафҳои асосии таълими забони тоҷикӣ ба шумор рафта, ин раванд бе истифодаи матнҳои ҷолибу пурмазмун ғайриимкон аст. Сабку усули гуногуни ифодаи андеша дар асоси муқоиса аз худ карда мешавад. Махсусан, матнҳои классикӣ бо назокат, бадеият ва ифодаҳои

зебо ба омӯзиши самаранок, ташаккули фарҳанги нутқ ва рушди зеҳнӣ мусоидат менамоянд. Аҳаммияти корбасти намунаҳо аз осори адибони классикии форс-тоҷикро зимни омӯзиши тамоми қисматҳои забон Д. Хоҷаев қайд намудааст: «Ба фикри мо, то шуруи таълими илми наҳв хонандагон бояд калому сухани амалиро дар асоси осори суханварони асилу бузурги ҳам гузашта ва ҳам муосир омӯзанд. Ин амал онҳоро водор месозад, ки дар пайравӣ ба осори суханварон нафосату салосати каломро ёд гиранд. Вақте ки онҳо ба маънии калому сухан сарфаҳм рафтанд, навиштаи адиби асилро аз сухани хушку урёни нависандаи дигар ҷудо карда метавонанд» [128,170]. Таҳлили луғавии ин гуна матнҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки на танҳо маънои аслии калимаҳо,балки тобишҳои маъноӣ, муродифҳо, этимология ва калимаҳои куҳнаву навро дарк ва нутқро рангину муъҷаз гардонанд. Масалан, таҳлили як байти классикӣ ва ё мақолаи муосири публитсистӣ нишон медиҳад, ки чӣ тавр воситаҳои тасвири бадеӣ ва таъбирҳо вобаста ба замон ва услуб тағйир меёбанд: «Аз осори манзуму мансури ниёгон, ки хазинаи бузурге аз вожагон ва ганҷинае аз афкори хирадмандона аст, мисолҳои барҷастаеро барои таълими тамоми бобу қисматҳои забон дарёфт ва интихоб кардан мумкин аст, ки барои шиносоӣ пайдо кардани шогирдон бо забони асарҳои классикӣ, бедор шудани шавқу завқи онҳо ба мероси пурбаҳои ниёгон ва асрори маънӣ омӯхтан аз онҳо мусоидат намуда, дар инкишофи нутқи мураттабашон низ саҳми бориз хоҳанд гузошт» [169,239].

Зимни татбиқи салоҳияти иртиботӣ нақшаи мавзуӣ-тақвимӣ, ки азхудкунии мавзуъҳо дар вақти муайян тақозову талаб карда мешавад, моҳияти пештараро гум мекунад. Тағйири моҳияти банақшагирии мавзуӣ-тақвимӣ дар шароити муносибати босалоҳият, қабл аз ҳама, аз зарурати фардикунонии раванди таълим ба миён меояд. Лозим ба қайд аст, ки раванди ташаккули салоҳиятҳои иртиботии ҳар як хонанда ё гурӯҳҳои алоҳида ба назар гирифта шавад, аз ин рӯй, банақшагирии мавзуъ ба таври умумӣ самаранокии худро аз даст медиҳад.

Ҳангоми тарҳрезӣ ва мутобиқсозии моделҳои гуногуни банақшагирии салоҳияти иртиботӣ дар раванди таълим, риояи талаботи меъёрии зерин зарур аст:

1. Дар таҳияи накша ташаккули муназзами салоҳиятҳои соҳавӣ (фаннӣ) ва фаросоҳавӣ (умумитаълимӣ) ба назар гирифта шавад;

2. Интихоби мавзуъ ва мундаричаи таълимӣ бояд ба ташаккули ҷузъҳои мушаххаси салоҳиятнокӣ нигаронида шуда бошад;

3. Ҷудо намудани захираи кофии вакт барои иҷрои корҳои амалӣ, машқҳо ва ҳосил кардани таҷрибаи муоширатӣ;

4. Фарогирии машғулиятҳои амалӣ ва дарсҳои лоиҳавӣ бо мақсади санҷиш ва татбиқи воқеии салоҳиятҳо дар вазъиятҳои мухталиф;

5. Муайян кардани меъёрҳои дақиқи арзёбии натиҷаҳо дар марҳалаҳои мухталифи таълим (рейтинг, нимсола ва солона).

Истифодаи методҳои фаъоли таълим ҷиҳати ба низом даровардани раванди татбиқи салоҳияти иртиботӣ ва ташкили дарсҳо дар асоси марҳалаҳои рушди салоҳиятнокӣ мувофиқи мақсад мебошад. Ин раванд муназзамии таълим ва иҷрои машқҳои зиёро тақозо мекунад. Расми поён алгоритми марҳала ба марҳалаи ташаккули салоҳиятҳоро ба таври схематикӣ пешниҳод гардидааст:




Расми 1. Марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо

Роҳҳои такмили дарсҳои забони тоҷикӣ дар адабиёти илмию методӣ бо истифодаи шаклу усули гуногуни таълим ва пешниҳодҳои муайян дастраси муаллимон гардидааст, ки бо назардошти мундариҷаи таълим ва мақсади дарс интихоб карда мешавад. Мақсад ва мундариҷаи таълим сохти дарсро муайян мекунад, ки бо ин дарсҳои забони тоҷикӣ аз дигар фанҳо фарқ мекунанд, зеро ҳар дарс ғайр аз шиносоӣ бо донишҳои нав дар татбиқи амалии он, яъне бо хондан, навиштан, баррасии масъалаҳо ва шарҳи маънои воҳидҳои забон мегузарад. Барои санҷиши дониш, малака, маҳорат, қобилияти эҷодӣ ва ташкили дурусти муносибат бо хонандагон аз муаллим маҳорати баланди омӯзгорӣ талаб карда мешавад, ки он аз интихоби дурусти сохти дарс вобаста аст. Барои ба ин равшанӣ андохтан як лаҳзаи дарсро бо усули фаъол мухтасар таҳлил мекунем.

Мавзуи «Наввожаҳо» дар барномаи синфи 5-ум яке аз ҷолибтарин бахшҳо мебошад, зеро он забонро бо ҳаёти воқеӣ ва технологияҳои муосир мепайвандад. Мақсади дарс: фаҳмонидани мафҳуми наввожаҳо ва сабабҳои пайдоиши онҳо дар забони тоҷикӣ; салоҳият**:** ғанӣ гардонидани захираи луғавии хонандагон бо вожаҳои муосири илмию техникӣ; тарбиявӣ**:** бедор кардани ҳисси ифтихор аз забони миллӣ ва истифодаи дурусти муодилҳои тоҷикии калимаҳои иқтибосӣ; усули дарс:
«Хуша», «Зина ба зина», кори гурӯҳӣ.

Ба хонандагон шарҳ дода мешавад, ки бобову модаркалонҳоямон 50 сол қабл калимаҳои «планшет», «интернет» ё «онлайн»-ро истифода намебурданд. Забон мисли мавҷуди зинда аст, ҳамеша тағйир меёбад ва калимаҳои нав пайдо мешаванд. Наввожаҳо-калимаҳое мебошанд, ки бо воруди ашё, ҳодиса ва мафҳумҳои нав ба зиндагии инсон ба забон роҳ меёбанд. Сабаби аслии пайдоиши ин гурӯҳи воидҳои луғавӣ пешрафти илму техника (компютер, кайҳон), таҳаввулот дар ҳаёти сиёсӣ (истиқлол, вазорат) ва пайдоиши касбу ҳунарҳои нав (блогер, барномасоз) мебошад. Ш.Ҳакимова дар рисолаи номзадии худ ишора дорад, ки «Ба таҳқиқи  хусусиятҳои луғавии ашъори Лоиқ ҳамчунин рисолаи номзадии Нурмаҳмадов Ю.Ш. «Категорияҳои луғавӣ ва хусусиятҳои услубии онҳо дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ» низ мансуб аст. Дар рисола дар се боб қазияи

неологизмҳо ва мавқеи онҳо (бобҳои 1-2), синонимҳо ва гурӯҳбандии онҳо (боби 3), бино ба зикри муаллиф, аз рӯйи чунин вазифаҳову ҳадафҳо масъалагузорӣ гаштаанд: «Таъйини неологизмҳо ва сарчашмаҳои онҳо, таҳлили анвои неологизмҳо, таҳқиқи неологизмҳои ашъори Лоиқ, мавқеи истифодаи неологизмҳо дар эҷодиёти шоир, синонимҳои ашъори Лоиқ ва гурӯҳбандии онҳо, таҳқиқи хусусиятҳои синонимҳои ҷуфтистеъмол» (133, 93).

Тарзи пешниҳоди маводди таълими наввожаҳо ба методикаи муосир, хосса, муносибати босалоҳият ба таълим мувофиқ бошад, яъне азёдкунӣ ва такрорро коҳиш дода, ба рушди тафаккури интиқодӣ, таҳлил, эҷодӣ ва татбиқи амалии дониш баҳри таъмини салоҳияти иртиботии хонандагон нигаронида шавад. Бо мақсади ёрӣ ба муаллимон чанд машқу супоришро манзур менамоем.

Машқи 1: «Муодили тоҷикии вожаҳоро ёбед» (кори гурӯҳӣ)

Дар тахта калимаҳои иқтибосӣ навишта мешаванд, хонандагон бояд муодили тоҷикии онро нависанд: компютер-роёна, смс-паёмак, веб-сайт-сомона, принтер-чопгар, магнитафон-савтгар, парол-гузарвожа

Машқи 2: Бо калимаҳои «сомона», «паёмак» ва «роёна» матн тартиб додан.

Машқи 3. Бозии «Кӣ бештар наввожа медонад?». Хонандагон дар чанд дақиқа бояд ҳар чи бештар наввожа нависанд. Барои ин рӯзномаҳои мактабӣ (шумораҳои гуногун) ба ҳар як хонанда дастрас ва хоҳиш карда мешавад, ки аз матни рӯзнома 5-10 наввожа пайдо карда, дар дафтар нависанд.

Машқи 4. Тағйири матн.

Тавсияи методӣ барои омӯзгор: Наввожаҳо бо расмҳо агар нишон дода шаванд, барои дар хотир нигоҳ доштани онҳо ёрӣ мерасонад. Муаллим фаъолнокӣ ва эҷодкории хонандагонро назорат, корҳои онҳоро муқоиса ва арзёбӣ мекунад. Ҳангоми санҷиш ва баҳогузорӣ ба ҳисоб нагирифтани қобилияти ҳар як хонанда ва ташкили нодурусти мақсадҳои пешбинигашта ба самаранокии таълим таъсири манфӣ расонида метавонад. Барои ҳавасмандӣ ва санҷиши маҳорату малакаи эҷодии хонандагон таҳлил ва назорати дафтарҳои корӣ ниҳоят зарур аст, зеро хонанда бо натиҷаи ниҳоии кори худ шинос ва сазовори баҳо мешавад ва барои дарси оянда тайёрӣ мебинад: «Доир ба муқоисаи корҳои эҷодии хонандагон дар

байни омӯзгорон ва олимон ду равия вуҷуд дорад: мусобиқаи байни хонандагон як намуди рақобат буда, хонандагони сустхонро талқин мекунад ва ин гурӯҳи хонандагон ҳар чи бештар бо хонандагони қобилиятнок ва аълохон баробар мешаванд. Равиши дигар ташкили мусобиқаҳо ва арзёбӣ дар асоси қобилияти ҳар як хонанда мебошад» [162, 140].

Бояд қайд кард, ки салоҳияти маърифатӣ дар хонандагон якхела нест, бинобар ин, қобилияти азхудкунии дониш, маҳорат ва эҷодкории онҳо низ гуногун аст. Ғайр аз ин, муносибати хонандагон ба ин ё он фан низ гуногун аст. Нақши муаллим дар роҳи ташкили дурусти муносибат нисбат ба хонанда, ташкили дарс, фаҳмонидани аҳаммияти забономӯзӣ ва мавқеи калима дар инкишофи салоҳияти иртиботӣ назаррас аст. Мақсади омӯзиш на танҳо дониш гирифтан, балки барои ҳалли муаммои зиндагӣ ва муоширати хуб ташкил медиҳад.

Аз омӯзиши масъала бармеояд, ки салоҳияти иртиботии муҳассилин зимни таҳияи корҳои эҷодӣ дар дарс асоси талаботи дидактикаи муосир мебошад ва ба назар гирифтани унсурҳои алоҳидаи он ҳамчун маҷмуи фаъолияти муназзами маърифатӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бино бар ин, барои баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон ва ташкили мақсадноки таълим риояи чунин талабот ҳангоми банақшагирии дарс ба мақсад мувофиқ аст:

- дар рафти таълим истифодаи чанд шакли дарс (умумӣ ва инфиродӣ);

-тафтиш ва баҳогузорӣ ба кори эҷодии хонандагон дар ҳар дарс;

-ташкили мусобиқаву бозиҳо байни хонандагон;

-бо назардошти қобилияти ҳар хонанда супоридани машқҳо;

-дар асоси талаботи маърифатии дарс баланд бардоштани шавқу ҳаваси хонандагон;

-ба нақшагирии лаҳзаҳои дарс бо мақсади ягонаи дидактикӣ: додани донишҳои нав, такрор ва мустаҳкамкунӣ, ташаккули дарки зебоипарастӣ ва қобилияти эҷодии хонандагон.

Умуман, ҳамаи принсипҳои дидактикӣ ба ҳамдигар иртиботи қавӣ доранд ва дар раванди омӯзиши фанни забони тоҷикӣ ба талаботи принсипи таълимиву тарбиявӣ, рушди зеҳнии хонанда, ташаккули сифатҳои ахлоқӣ ва муошırати босалоҳият бояд нигаронида шаванд. Ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо унсури муҳим дар рушди қобилияти истифодаи дурусти забон дар ҳолатҳои гуногуни коммуникативӣ аст. Риояи принсипҳои дидактикии таълим ба хонандагон имкони фаҳмидани маъно ва истилоҳотро дар муҳитҳои мухталиф таъмин карда, ба истифодаи дурусти воҳидҳои луғавӣ, афзоиши малакаи муошират, баёни аниқ ва самаранок дар татбиқи мақсадҳои иҷтимоиву фарҳангӣ мусоидат менамояд.

## 1.4. Ҳадафҳои дидактикии татбиқи салоҳияти иртиботӣ зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо

Мутаносиб ба ҳадафҳои стратегии таҳсилоти умумӣ, сохтори таҷрибаи иҷтимоиву шахсӣ ва навъҳои фаъолияти меҳварии хонанда салоҳияти иртиботӣ ташаккул меёбад. Ин раванд ба муҳассилин имкон медиҳад, ки на танҳо таҷрибаи иҷтимоиро аз худ кунанд, балки малакаҳои ҳаётии муоширатро дар ҷомеа касб намоянд. Дар ин замина, нишондиҳандаи маълумотнокӣ танҳо бо ҳаҷми дониш ё ҷаҳонбинии назариявӣ маҳдуд намегардад. Аз манзари муносибати босалоҳият, сатҳи маълумотнокии шахс аз рӯйи қобилияти ҳалли масъалаҳои мураккаби ҳаётӣ дар асоси донишҳои андухта ва дараҷаи фарҳанги нутқи ӯ муайян карда мешавад.

Таълими босалоҳият нақш ва аҳаммияти донишро инкор намекунад, балки меҳвари таваҷҷуҳро ба қобилияти корбасти эҷодии он дар раванди баёни фикр ва муошират равона месозад. Бо чунин равиш, ҳадафҳои таҳсилот бо мафҳумҳое тавсиф мешаванд, ки тавсеаи имкониятҳои инфиродӣ ва рушди неруи шахсияти хонандаро инъикос менамоянд.

Ҳадафи ниҳоии татбиқи салоҳияти иртиботӣ аз натиҷаҳои бевоситаи фаъолияти таълимӣ сарчашма мегирад. Аз ин рӯй, мақсади марказии таълим дар муассисаҳои муосир аз омӯзонидани роҳҳои ҳалли мушкилот, тафсири илмии зуҳуроти воқеӣ, дарки робитаҳои сабабу натиҷагӣ ва муайян намудани мавқеи

устувори маърифатии хонанда дар баробари муаммоҳои мухталифи ҳаётӣ иборат мебошад

Салоҳияти иртиботӣ дар таълими забони тоҷикӣ ба ташаккули дарки мазмуну маънои нутқи дигарон, инчунин дарёфти маводди забонӣ барои баёни фикр равона шудааст. Агар хонанда вожаҳоро аз рӯйи таснифоти ҳиссаҳои нутқ донад, вале корбасти мавқеъшиносонаи онро зимни муошират, ифодаи возеҳу равшани фикр ба таври шифоҳӣ ва хаттӣ ё ҳуҷҷатнигорӣ истифода карда натавонад, он дониши ҳосилкарда ҷузъи салоҳияти онҳо нест. Хонанда пас аз таълими босалоҳияти фасли калима ва таъбирҳо шахси соҳиби маданияти баланди нутқ мешавад ва ҳосили дониш дар ин маврид маҳак ва асосест, ки ба интихоби дурусти ифода имкон медиҳад ва он тақвияти таҷриба ва амалияи таълим мегардад. Рушди зеҳнӣ, ҳосили малакаву қобилияти суханГӮЙӣ дар заминаи донишҳои назарӣ сурат мегирад. Муносибати босалоҳият ба таълим барои такмили донишу маърифатнокии хонанда,  баёни саҳеҳу ҳадафрас, мувофиқ ба вазъиятҳои нав мустақилона ҳаллу баррасии муаммоҳо нигаронида шудааст. Барои ноил гардидан ба ин малакаву маҳоратҳо зарур аст, ки дар раванди таълими калимаву таъбирҳо матнҳои мутобиқ ба ҳаёти хонандагон бештар мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шавад. Таълими анъанавӣ аз худ кардани донишу маърифатро фаро мегирад, вазифаи асосӣ ва зарурии таълими забони тоҷикӣ омода кардани хатмкунандагоне мебошад, ки тавассути муошурати солим оқилона роҳи ҳалли мушкилиҳоро пайдо карда тавонад. Ин аз бисёр ҷиҳат на аз донишу маърифат, балки аз ташаккул ва рушди қобилият ва сифатҳои салоҳиятмандӣ вобаста аст ва ба ҳадафҳои муосири таълим мувофиқат мекунад. Аҳаммияти рушди салоҳияти иртиботиро муҳаққиқон «Доштани қобилияти ҷустуҷӯӣ, таҳлилӣ, дигаргунсозӣ, истифодаи маълумот барои ҳалли масъалаҳо, муошират ва ҳамкории самаранок бо шахсони дигар» [173] тавзеҳ намудаанд.

Салоҳияти иртиботӣ барои азхудкунии донишҳои зарурӣ, пешбурди фаъолияти касбӣ ва иҷтимоӣ равона карда мешавад. Риояи принсипҳои зерин барои татбиқи он зарур аст:

«-омӯзгор ва хонандагон ҳангоми муҳокима имконияти баробар доранд;

-хонандагон ташаббускор ва омӯзонандаи ҳамдигаранд;

-муҳити ҷустуҷӯй ва таҳқиқот фароҳам оварда мешавад;

-кори дунафарӣ ва гурӯҳӣ, ки кӯшишҳои якҷояро талаб мекунад, муҳим арзёбӣ мегардад;

-ба ҳар хонанда муносибати хайрхоҳона ва фардӣ зоҳир карда мешавад;

- худидоракунӣ ва қобилияти мустақилона амал кардани хонандагон инкишоф меёбад» [181].

Асоси салоҳияти иртиботӣ аз ҷониби олимони соҳа чунин тавсиф гашааст: «Маҳорати таҳияи матни нав, мустақилона пайдо кардани роҳҳои ғайримаъмулии ҳалли масъалаҳои нав, ифодаи фикр ба таври возеҳу нишонрас, ҳамгиро карда тавонистани усулҳои маълуми фаъолият бо фаъолиятҳои нав, ҳалли комилан нави вазъият, ки ба ақидаҳои нав ва кашфиёт боис мешаванд. Барои ин такмили маҳорати дарк кардан, шарҳ додани мушкилот, тахайюл, баррасии ақида ва фарзияҳои гуногун, истифодаи муносибатҳои нав дар ҳалли муаммоҳо, маҳорати гузошта тавонистани вазифаву муаммоҳои нав, пешниҳоди роҳҳои гуногуни ҳалли масъала ва интихоби роҳи беҳтарин зарур аст» [213].

Мо бо андешаи муҳаққиқ С.А.Аминов розӣ буда,  чунин мешуморем, ки салоҳияти иртиботӣ на танҳо маҷмуи донишҳои лингвистӣ, балки иқтидори эҷодии шахсият дар раванди тавлиди нутқ мебошад. Дар ин замина, ташаккули салоҳияти мазкур дар заминаи омӯзиши калима ва таъбирҳои забони тоҷикӣ имкон медиҳад, ки хонанда аз сатҳи репродуктивии (такрори) истифодаи вожаҳо ба сатҳи продуктивӣ (эҷодӣ) гузариш намояд.

Ба андешаи мо, барои амалӣ намудани ин ҳадафҳо дар ё муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои зерин мувофиқи мақсад аст:

1.Таҳияи матнҳои нав дар заминаи захираи луғавии азхудшуда, ки на танҳо ифодаи фикр, балки кашфи тобишҳои маъноии вожаҳоро дар контекстҳои ғайримаъмул талаб мекунад;

2.Маҳорати на танҳо шарҳ додани маънои луғавӣ, балки дарк намудани тобишҳои услубӣ ва эҳсосию экспрессивии фразеологизмҳо, ки барои ифодаи возеҳу нишонраси афкор замина мегузоранд;

3.Дар вазъиятҳои мухталифи муошират хонанда (ё донишҷӯй) бояд қодир бошад, ки аз миёни вариантҳои зиёди калимаву таъбирҳо воситаи муассиртаринро интихоб намуда, ҳадафи коммуникативии худро ба даст орад.

Ҳамин тариқ, консепсияи тазаккурёфта ба исбот мерасонад, ки барои рушди тафаккури интиқодӣ, тахайюли эҷодӣ татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим муҳим арзёбӣ мегардад. Бо назардошти ин мулоҳизаҳо бояд мутахассисони соҳибсухан ва ҷавобГӮЙ ба ниёзҳои замони муосир тайёр карда шаванд. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳои стратегӣ, омӯзгорро зарур аст, ки диққати асосиро ба рушди қобилиятҳои маърифатии муҳассилин равона созад. Ин раванд маҷмуи малакаҳои зеҳниро фаро гирифта, ба хонанда имкон медиҳад, ки мафҳумҳои мураккаби фикрӣ, аз қабили муқоиса, муайян кардани робитаҳои сабабу натиҷа, арзёбии фарзияҳо ва таҳлили интиқодии иттилоотро барои баровардани хулосаҳои мустақил анҷом диҳад. Ташаккули маҳорати саволгозорӣ, ҷустуҷӯйи мақсадноки иттилоот аз сарчашмаҳои алтернативӣ, тафриқаи далел аз ақида ва ислоҳи интиқодии хатоҳо омилҳои меҳварии рушди тафаккури интиқодӣ мебошанд.

Дар ин замина, ангезаи омӯзиш танҳо дар сурати мавҷудияти манфиатҳои маърифатӣ ва кӯшишҳои иродавӣ ҷиҳати расидан ба мақсад тақвият меёбад. Ин равиш боиси ташаккули маҳорати худбаҳодиҳӣ дар раванди таълим мегардад, ки қобилияти мустақилона таҳия кардани нақша, муайян намудани вазифаҳо, ҷустуҷӯйи самараноки маълумот, азхудкунии малакаҳои нав ва татбиқи прагматикии донишро барои ҳалли мушкилоти воқеӣ рушд медиҳад. Инъикоси амалии ташаккули салоҳиятҳои мазкурро метавон дар ҷараёни омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ (таъбирҳо) мавриди таҳқиқ ва мушоҳида қарор дод:

- таҳлили маънои калима ва таъбирҳо дар раванди таълим на танҳо ба ғанӣ гардонидани луғати хонандагон ва инкишофи образнокӣ дар нутқи онҳо мусоидат мекунад, балки дар рушди тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии онҳо низ нақши муҳим мебозад. Ин раванд хонандагонро водор месозад, ки берун аз маънои аслии калимаҳо андеша кунанд ва робитаҳои мураккаби маъноиро дарк намоянд. Таҳлили фразеологизмҳо аз хонандагон талаб мекунад, ки маънои аслии ҳар як

калимаи таркиби онро аз маънои умумӣ ва маҷозии фразеологизм фарқ кунанд. Масалан, аз таъбири «даст кутоҳ шудан»-«оҷизу нотавонӣ, камбағал шудан» [209,313], хонанда бояд дарк кунад, ки маънои мазкур ба маънои аслии «даст» ва «кутоҳ» иртиботе надорад. Ин машқ ба таври мустақим тафаккури мантиқӣ ва қобилияти муқоисавиро тақвият мебахшад. Бисёре аз таъбирҳо дар асоси образҳо ва тасвирҳое сохта шудаанд, ки ба назари аввал ғайримантиқӣ метобанд. Масалан, «оҳанро дар гармиаш куфтан» (корро дар вақти мувофиқ анҷом додан). Барои фаҳмидани ин фразеологизм, хонанда пайванди мантиқии байни ҳолати «оҳани гарм» ва «имконияти мувофиқ»-ро дарк кунад ва ин водор месозад, ки робитаҳои ғайриодӣ ва амиқтарро пайдо кунанд. Маънои фразеологизмҳо метавонад аз матне, ки дар он истифода шудаанд, ба хонанда равшан шавад ва талаб карда мешавад, ки матнро пурра таҳлил кунанд, то маънои дурусти таъбирҳо шарҳ дода шавад. Ин қобилияти таҳлили умумӣ ва баҳодиҳӣ ба ҷузъиётро инкишоф медиҳад:

- муайян кардани робитаи сабабу натиҷа: дар баъзе таъбирҳо робитаи сабабу натиҷа ба таври мухтасар ифода ёфтаанд. Масалан, бо шарҳи мақоли «Бе ранҷ ганҷ муяссар намешавад» хонанда бояд дарк кунад, ки ранҷ (сабаб) ба ганҷ (натиҷа) меорад.

- қиёсу муқобала - ҳангоми омӯзиши таъбирҳо хонандагон аз ҳолатҳои мушаххас ба хулосаҳои умумӣ расиданро меомӯзанд. Масалан, «аз сар гузаронидан» (дучори мушкилот шудан) тасвири як ҳолати мушаххас аст, ки баъдан маънои умумии «таҷриба кардан» ҳосил шудааст. Ин қобилияти тафаккури мантиқӣ барои умумигардонӣ ва хулосабарорӣ муҳим аст.

- натиҷагирӣ ва хулосабарорӣ - дар ҷараёни таҳлили таъбирҳо бояд маънои амиқи пандуҳикамӣ дарк ва хулосаҳои мушаххас бароварда шавад. Ин маҳорати тафаккури мантиқӣ барои қабули қарор ва ҳалли масъалаҳо дар ҳаёти ҳаррӯза муфид аст. Барои ин иҷрои супоришҳои зерин бо фразеологизмҳо зарур аст: а) таҳлили луғавӣ: ҷудо кардани маънои аслии ҷузъҳои фразеологизмҳо аз маънои маҷозӣ: «Ба талабагон тавсия намудани нақшаи тахминии таҳлили луғавии калима имконият медиҳад, ки онҳо минбаъд дар иҷрои корҳои мустақилона

бошуурона ва эҷодкорона рафтор карда, тамоми амалиёти фикрии худро ба як система дароранд ва ба ин васила тафаккури мантиқии худро инкишоф диҳанд» [117,74]; б) муқоиса бо муродифҳо: ба хонандагон муродифҳои луғавии таъбирҳоро пешниҳод карда, аз онҳо хоҳиш кунад, ки фарқи маъноӣ ва услубии онҳоро шарҳ диҳанд. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф иҷрои машқи 136 дар синфи 7-ум кумак мекунад: «Таъбирҳои зеринро хонда шарҳ диҳед ва муродифҳои онҳоро дар рӯй ба рӯйяшон нависед»: саҳари солеҳон, пашшаро озор надодан, аз дилу ҷон-1.аз таҳти дил, самимона, 2.бо меҳру муҳаббат, бо садоқат» [209,405], дасту по хурдан–«1. саросема, музтариб гардидан, чӣ кор кардани худро надониста мондан; хиҷолат кашидан - «шарм доштан» [209, 318], мум газидан – 1. «гап назадан, хомӯш будан; 2. ҳаракату кӯшиш накардан» [209,654], забон баровардан» [15,99] - «ба гап даромадан, сухан сар кардан» [208,445]; г)ҳалли муаммоҳо: таҳияи муаммоҳое, ки бояд фразеологизмҳоро аз рӯйи таърифи онҳо пайдо кунанд. Ҳамин гуна муаммо дар машқи 131-ум барои хонандагони синфи 7-ум пешниҳод шудааст: «Ҷумлаҳои ҳар ду сутунро хонед ва муқоиса кунед. Гуед, ки ифодаҳои бо ранги баланд чопшуда (араҳи ҷабин, дасти рост, дарди сар, об карда хурдан – Р.Н.) аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд» [15, 99]. Машқи 141: «Хонед ва фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои наҳвӣ шарҳ диҳед» [15, 99].

| | |
|---|---|
| китоби шавқовар | гули сари сабад |
| китоби нав | аз пашша фил сохтан |
| китоби ман | гул-гул шукуфтан |
| китоби бадеӣ | дар курта нағунҷидан |

Супориши мазкур аз ҷиҳати методӣ хеле муфид аст ва ба хонанда кумак мекунад, ки фарқи асосии байни воҳидҳои ибораҳои наҳвӣ ва воҳидҳои рехтаву маҷозиро дарк кунад. Шарҳи мухтасари тафовут дар асоси мисолҳои овардашуда:

1. Ибораҳои наҳвӣ (сутуни чап). Дар онҳо ҳар як калима маънои аслии худро нигоҳ медорад ва як калимаро бо калимаи дигар иваз кардан мумкин аст: китоби шавқовар, китоби нав, китоби ман, китоби бадеӣ: дар ин ибораҳо калимаи «китоб»

ба маънои ашёи хониш омадааст. Метавон таркиби онҳоро иваз намуд: «дафтари нав» ё «китоби куҳна».

2. Фразеологизмҳо (сутуни рост). Маънои калимаҳои таркибашон маҷозӣ фарқ мекунад ва чун як воҳиди том фаҳмида мешавад: гули сари сабад - маънояш «беҳтарин шахс дар як гурӯҳ» аст, на гуле, ки дар болои сабад гузошта шудааст; аз пашша фил сохтан -муболиға кардан, як чизи хурдро калон нишон додан; гул-гул шукуфтан - бисёр хурсанд шудан ё ободу зебо шудан; дар курта нағунҷидан - аз ҳад зиёд шод шудан. Иҷрои ин супориш ба инкишофи нутқи маҷозӣ ва бой гардонидани захираи луғавии хонандагон муҳим аст.

А.В.Прудников «кор бо расмҳо барои шинохти маънои таъбирҳо самарабахш» арзёбӣ мекунад [166,47]. Бо ин мақсад ба хонандагон тасвирҳое нишон дода мешавад, ки маънои аслии фразеологизмро инъикос намудаанд ва ҳосили маънои маҷозии онро шарҳ диҳанд (масалан, расми харе, ки аз лой берун мебароянд) бо маънои таъбири «хари касе аз лой гузаштан»). Салоҳияти иртиботӣ бо назардошти таҷрибаи хонанда амалӣ карда мешавад ва омӯзгор фаъолияти хонандаро бо такя ба мисолҳои ҳаётӣ, ки дар он таҷриба ҳосил кардааст, ба роҳ мемонад. Усули муосири таълим ба фаъолнокӣ, мустақилона ба даст овардани донишҳои нав равона карда шудаанд ва дар ин ҳолат омӯзиш натиҷабахш мегардад. Таваҷҷуҳи мутахассисон ба истифодаи воситаҳои иттилоотӣ дар таълим аз ин нуктаи назар асоснок карда мешавад: фановариҳои муосири компютерӣ нигоҳдорӣ ва дастрасии босуръат ба иттилооти зарурӣ, гуногунии шаклҳои муаррифии иттилоот, имконияти интихоби шаклҳои мушаххаси таълим аз доираи васеи усули фаъолро таъмин мекунанд. Хусусиятҳои зикршудаи технологияҳои компютерӣ имкон медиҳанд, ки муносибати инфиродӣ дар таълим бо истифодаи унсурҳои назарияи фановариҳои зеҳнӣ амалӣ карда шаванд. Истифодаи барномаҳои иттилоотӣ барои равона кардани хонанда ба фаъолияти пурсамари таълимӣ шароит фароҳам меорад. Ин принсипи дидактикӣ чунин тарзи ташкили раванди таълимро талаб мекунад, ки маърифатнокӣ дар меҳвари фаъолияти хонанда қарор дошта, масъулият, ҷустуҷӯй, навоварӣ ва мустақилиятро ҷиҳати

донишомӯзӣ, ҳосили малакаву маҳоратҳои зарурӣ, рушди зеҳн, фарҳанги нутқ, хотира ва тасаввуроти эҷодӣ фаро гирад.

Усули интерактивӣ ҳамчун унсури муҳимми ҳосили дониш ва таҳқиқоти худи хонанда фаҳмида мешавад ва бо корбасти он сатҳу савияи маърифатнокӣ, ҷаҳонбинӣ ва эҷодкорӣ ба таври назаррас такмил меёбад. Ба ғановати таркиби луғавӣ, фаъолнокии хонандагон дар муоширату муомилот таъсири мусбат мерасонад.

### Хулосаи боби якум

Таҳқиқи асосҳои назарии ташаккули дониш ва малакаи лексикию фразеологии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нишон медиҳад, ки ин раванд яке аз рукнҳои меҳварии таълими забони тоҷикӣ дар партави Стандарти давлатии таҳсилоти миёнаи умумӣ маҳсуб меёбад. Дар фасли аввали боб, ки ба асосҳои забоншиносии таълими калима ва таъбирҳо бахшида шудааст, собит гардид, ки луғат ва фразеология бойтарин қисми забон буда, инъикосгари фарҳанг, таърих ва ҷаҳонбинии миллат мебошанд. Омӯзиши ҷанбаҳои забоншиносӣ собит месозад, ки калима на танҳо ҳамчун воҳиди номифодакунанда, балки ҳамчун сохтори мураккаби семантикӣ-парадигматикӣ бояд мавриди омӯзиш қарор гирад. Таҳлили маводди таълимӣ нишон медиҳад, ки дарку азхудкунии муродифҳо, зидмаъноҳо, ҳамгунаҳо, калимаҳои сермаъно ва махсусан воҳидҳои фразеологӣ ба хонанда имкон медиҳад, ки на танҳо захираи луғавии худро ғанӣ гардонад, балки аз имкониятҳои забони тоҷикӣ барои баёни дақиқи фикр дар доираи салоҳиятҳои забонӣ истифода барад.

Дар фасли дуюм ба таҳқиқи ҷанбаҳои назарии масъалаи ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон таваҷҷуҳ зоҳир гардида, мақсад ва вазифаҳои таълими калима ва таъбирҳо бо назардошти шароити муосири таҳсилот ва муносибати босалоҳият ба таълим муайян карда шудааст. Ҳадафи асосии омӯзиши калима танҳо аз ёд кардани маънои луғавии вожаҳо нест, балки ташаккули қобилияти истифодаи дурусти онҳо дар вазъияти гуногуни муошират мебошад. Салоҳияти коммуникативӣ фарогири донишҳои лингвистӣ, маҳорати

ифодаи фикр ва салоҳияти иртиботии хонанда буда, дар ҷараёни омӯзиши калима ва таъбирҳо тавассути робитаи амиқи назария бо амалия ташаккул меёбад. Ин раванд тақозо мекунад, ки хонанда аз сатҳи дониш - донистани калима ба сатҳи амалӣ ва эҷодии он дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ гузарад, ки ин моҳияти муносибати босалоҳиятро ба таълими забони тоҷикӣ ташкил медиҳад.

Дар фасли сеюм принсипҳо ва марҳалаҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ муайян ва қайд карда шуд, ки ин раванд бояд дар асоси принсипҳои илмият, дастрасӣ, мунтазамӣ ва алоқамандии таълим бо ҳаёт, инчунин принсипҳои хоси таълими калима ва таъбирҳо экстралингвистӣ, луғавӣ-грамматикӣ, системавӣ, функсионалӣ ва таърихӣ сурат гирад. Марҳалаҳои таълим аз дарки ибтидоии маънои воҳидҳои луғавӣ оғоз шуда, тавассути иҷрои силсилаи машқҳо ба марҳалаи мустаҳкамкунӣ ва дар ниҳоят ба марҳалаи истифодаи фаъоли иртиботӣ мегузаранд. Таъкид гардид, ки фразеологизмҳо ҳамчун воҳидҳои маҷозӣ дар ин марҳалаҳо диққати бештарро металабанд, тафаккури образноки хонандаро рушд медиҳанд, нутқи ӯро аз қолабҳои хушку сода раҳо намуда, ба сатҳи салоҳияти фарҳангӣ-меҳанпарастӣ наздик месозанд.

Ҳамин тариқ, калима ва таъбирҳо қисмати муҳимми забони тоҷикӣ маҳсуб ёфта, асоси нутқи фасеҳу муассири хонанда маҳсуб меёбад. Бой гаштани таркиби луғавӣ ва истифодаи дурусти таъбирҳо барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ, такмили фарҳанги сухан ва тафаккури мантиқиву таҳлилии хонандагон мусоидат менамояд. Раванди омӯзиши калима ва таъбирҳо бо хусусиятҳои синнусолии хонандагон, дараҷаи қабули иттилоот, рушди зеҳнӣ ва хотираи онҳо алоқаманд аст. Бино бар он, на танҳо зимни омӯзиши калима ва таъбирҳо, инчунин дар ҷараёни таълими қисматҳои дигари забон - сарфу наҳв ва услубшиносӣ низ шарҳу баррасии маъно ва мавқеи корбасти воҳидҳои луғавӣ ба эътибор гирифта шавад.

# БОБИ 2. МЕТОДИКАИ ТАЪЛИМИ КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО ДАР АСОСИ СТАНДАРТ, БАРНОМА ВА КИТОБҲОИ ДАРСӢ

## 2.1. Мавқеи калима ва таъбирҳо дар Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI

Ба миён омадани таҳаввулоти куллӣ дар низоми маориф боиси дигаргуниҳои зиёде дар таҳсилот гардид, ки он ба таълими фанни забони тоҷикӣ низ бетаъсир нест. Роҳ ёфтани усули нави тадрис, таълими тафриқа, ҳамгиро ва муносибати салоҳиятнок боиси таҳияи нави «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» (3) заминаи бунёдиро барои таҳия ва таълифи насли нави китобҳои дарсӣ фароҳам овард. Дар низоми муносибати амалӣ ба омӯзиши грамматика, ғоя ва мазмуни коммуникативии таҳсилот мақоми меҳвариро ишғол мекунад. Ин равиш тақозо менамояд, ки муҳтавои таълим бар ниёзҳои воқеии нутқии муҳассилин (гуянда ва нависанда) асос ёфта, ба ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ нигаронида шавад. Ҳадафи ниҳоии таҳсилоти забонӣ дар ин марҳала на танҳо азхудкунии қоидаҳои назариявӣ, балки ташаккул ва тарбияи муносибати шахсии хонанда ба забон ҳамчун воситаи асосии маърифатӣ ва иҷтимоӣ маҳсуб меёбад.

«Ҳадафи омӯзиши забони тоҷикӣ - таълим, инкишоф ва такмил, азхудкунии дониш, малака, татбиқ дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ нишондодҳои зарурати инкишофи нутқи хонандагонро дар бар мегирад. Ба мақсадҳои асосии омӯзиши забони тоҷикӣ инҳо дохил мешаванд: ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ, забонӣ ва фарҳангии хонандагон» [60, 6]. Дар баробари ин, ба салоҳияти коммуникативӣ, ки дар асоси дониши хонандагон дар бораи хусусиятҳои истифодаи забони модарии худ дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ асос ёфтааст, диққати махсус дода мешавад. Ташаккули салоҳияти коммуникативӣ бо ҷанбаи амалии таълими забони тоҷикӣ дар мактаб зич алоқаманд аст ва донишҳои назариявии хонандагон асоси ташаккули малакаҳои коммуникативии онҳоро дар бар мегирад: «Салоҳияти коммуникативӣ ба маънои том чун салоҳияти мубодилаи матнҳо фаҳмида мешавад. Он чор салоҳияти асосии зеринро дар бар мегирад: 1.Дарки

матнҳо; 2.Баҳодиҳӣ ба матнҳо; 3. Тағйир додани матнҳо; 4. Таҳияи (эҷодӣ) матнҳо» [3,67].

Мафҳуми салоҳияти иртиботӣ қобилият ва омодагии воқеии муошират бо ҳадафҳо, соҳаҳо ва дарки ҳолатҳои муошират, омодагӣ ба ҳамкории шифоҳӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Ба ин муносибат, ҳадафҳои гуногун пайгирӣ мешаванд: маҳорати арзёбӣ, ташхису таснифи воҳидҳои луғавӣ, салоҳияти интихоб ва истеъмоли воситаҳои забонӣ дар нутқи худ мувофиқ ба ҳадаф, вазифаҳо ва шароити муошират мебошад. Муҳаққиқон роҷеъ ба масъалаи мавриди назар чунин мулоҳизаронӣ кардаанд: «Маҳорати истифодаи усули гуногуни муошират (иртиботӣ): қабул ва интиқоли иттилоъ (шифоҳӣ, хаттӣ, аёнӣ-графикӣ, ғайризабонӣ, бо истифодаи алоқаҳои рақамӣ) ҳангоми муошироти хусусӣ, таълимӣ, ҷамъиятӣ ва касбӣ» [30,13] шарҳ дода шудааст.

«Инкишофи салоҳияти коммуникативии муҳассилин дар асоси меъёрҳои бошуурона аз худ кардани забони адабӣ тавассути иҷрои машқҳои махсус амалӣ карда мешавад, ки дар он хонандагон дар бораи хусусиятҳои нутқ ва намудҳои гуногуни он маълумот мегиранд. Маҳорати коммуникативӣ меъёри рушди салоҳияти коммуникативии хонандагон ба ҳисоб меравад» [28,19]. М.Т. Баранов малакаҳои коммуникативиро ҳамчун равандҳои равонии хонандагон, ки «барои изҳори ҳамгирои нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бо намудҳои гуногуни функсионалӣ ва семантикӣ (тасвирҳо, нақлҳо, мулоҳизаҳо) ва услубҳои функсионалӣ нигаронида шудаанд» [28,20], шарҳ медиҳад. Айни замон, байни талаботи Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ ба ташаккули салоҳиятҳои хонандагон нигаронидашуда ва донишу малакаи воқеии онҳо, яъне байни донишҳои мавҷудаи назариявӣ, ки дар асоси маводди китобҳои дарсӣ ҳосил менамоянд ва дар амал мустақилона истифода мебаранд, ихтилофҳо мавҷуданд. Хатмкунандагони МТМУ на ҳамеша малакаҳои дарки амиқи иттилоот ва ифодаи саҳеҳи фикрро доранд. Сабаби асосии ин ҳолат дарк накардани ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва рушди нутқ аст. Бино бар ин, ба ташаккули малакаҳои коммуникативии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Зарурати таваҷҷуҳ ба ин масъала дар «Стандарт ва барномаи таълими забони

тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» зимни баёни ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 1**

Роҳҳои мураккабшавии салоҳияти коммуникативӣ

| робитаи матн | навъҳои матн | жанрҳои матн | дараҷаи робита бо матнҳои дигар | навъҳои супориш | марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| дарк ва баҳодиҳӣ ба матн нисбат ба тағйирдиҳӣ, таҳрир ва ё таҳияи матн осонтар аст. Дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ, таҳияи матн. | матни кўтоҳ – мухтасар - муфассал аз нигоҳи истифоди луғат, грамматика, услуб ва жанрҳо: тасвирӣ, хабарӣ, муҳокимавӣ ё тасвири ашё ва тасвири муносибати муаллиф | -табрикнома<br>-эълон<br>-хабар<br>- ариза<br>-забонхат<br>-ҳисобот<br>-адрес<br>- анкета<br>-тавсифнома<br>-варақа<br>-дастурамал<br>-репортаж<br>-аннотатсия<br>-эссе.... | Робитаи байни матни ифодакунандаи фикр бо қабулкунандаи матн | таҳрир ё аз шакли мавҷуда ба шакли дигар баргардонидани матн | 1.Дарки матн<br>2.Баҳодиҳӣ ба матн<br>3.Тағйир додани матн<br>4.Таҳияи матн |

Ин роҳҳои амсилаи муосири таълими салоҳиятнокӣ мебошад, ки раванди азхудкунии забонро аз дарки одии матн то таҳияи мустақилонаи ҳуҷҷатҳои гуногун фаро мегирад. Асоси ин моделро панҷ зинаи муҳим ташкил медиҳад, ки бо ҳам иртибот доранд. Дар марҳалаи аввал ташаккули салоҳиятҳо аз дарки маънои матн иборат аст ва ба воситаи баҳодиҳии интиқодӣ ба мазмуни матн марҳалаи таҳрир ва дар ниҳоят ба эҷоди матн мерасад. Ин нишон медиҳад, ки барои хонанда танҳо фаҳмидани матн кофӣ нест ва ӯ бояд қобилияти тағйир додани сохти он ва мутобиқ гардонидани онро вобаста ба вазъият ва талаботи мушаххас пайдо кунад. Жанрҳои пешниҳодшуда, аз қабили ариза, забонхат, ҳисобот, тавсифнома, эссе ва репортаж соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоиро дар бар мегиранд. Ин гуногунрангӣ ба хонанда кумак мекунад, ки ҳам дар доираи коргузории расмӣ ва ҳам дар фазои эҷодию иттилоотӣ нутқи худро мураттаб

созад. Салоҳияти забонии хонанда маҳз дар вақти иҷрои навъҳои супориш сайқал меёбад. Супоришҳо тавре тарҳрезӣ шудаанд, ки хонанда матнро аз як шакл ба шакли дигар баргардонад ва ё онро таҳрир намуда, ҷиҳатҳои луғавию грамматикиашро такмил диҳад. Ин раванд робитаи байниматниро таъмин намуда, иртиботи қавӣ ва мантиқиро байни муаллиф (гуянда) ва қабулкунандаи матн (шунаванда /хонанда) ба вуҷуд меорад.

Хулоса, ин низом ба он нигаронида шудааст, ки таълими забон аз назарияи хушк ба маҳорати амалӣ табдил ёбад. Тавассути ин амсила хонанда вобаста ба вазъият ва ҳадаф матни мувофиқ таҳия созад ва дар муҳити муосири иттилоотӣ муваффақона муошират намояд. Мувофиқи барнома ҳангоми омӯзиши калима ва таъбирҳо хонандагон бояд мафҳумҳои марбут ба онро аз худ кунанд: «Ба сабаби махсусияти таълими фанни забони тоҷикӣ дар синфи 11-ум, ки асосан ба омӯзиши хусусиятҳои услубии матнҳо бахшида шудааст, таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ якҷоя пешниҳод гардидааст» [3,135].

**Ҷадвали 2**

Мавқеи калима ва таъбирҳо дар стандарти фанни забони тоҷикӣ

| Синфи 5 | Синфи 7 | Синфи 11 |
|---|---|---|
| Шинохтани маънои аслӣ ва маҷозии калима.<br>Овардани мисол ба маънои аслӣ ва маҷозӣ. | Доир ба навъҳои калима аз ҷиҳати маъно маълумот доштан;<br>ҳодисаҳои муродиф, зидмаъно ва ҳамгунаро шарҳ дода тавонистан | Маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳоро муайян карда тавонистан;<br>вазифаҳои услубии вожҳои сермаъноро шарҳ додан |

Бартарии асосии «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» аз он иборат аст, ки татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим ба назар гирифта шуда, ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва рушди нутқи хонанда бештар мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтааст. Дар раванди омӯзиши мавзуи «Маънои луғавии калима» дар синфи 5-ум ташаккули малакаҳои зерин ба инобат гирифта шудааст: муайян кардани маънои луғавии калима; фарқ кардани калимаҳои якмаъно аз сермаъно, вожаҳои аслии тоҷикӣ аз иқтибосӣ; муайян кардани маънои асливу маҷозии калимаҳо; дарёфти омонимҳо, муродифҳо ва

антонимҳо аз матн; истифодаи луғатномаҳо; дарк кардани зарурати истифодаи калима ва таъбирҳо дар нутқ.

Кор оид ба калима ва таъбирҳо на танҳо дар омӯзиши фаслҳои мазкур сурат мегирад, балки дар давоми тамоми марҳалаҳои забономӯзӣ идома меёбад. Супоришҳои иловагии машқҳо корҳоро оид ба ёфтан ва шарҳ додани муродифҳо, антонимҳо, омонимҳо, калимаҳои шевагиву иқтибосӣ ва ифодаҳои дорои маънои маҷозӣ дар бар мегиранд. Шарҳи назариявӣ мустақиман ба ташаккули малакаҳои иртиботӣ нигаронида нашудааст, аммо маҳоратҳои забоншиносиро инкишоф медиҳад, ки онҳо ҳамчун замина барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ заруранд.

Ҳамин тавр, таҳлили «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» нишон дод, ки калима ва таъбирҳо дар синфҳои 5-ум, 7-ум ва 11-ум таълим дода мешавад. Дар синфи 11-ум барнома услубҳои асосии функсионалии забони адабии муосир (илмӣ, корӣ, публитсистӣ, гуфтугӯйӣ, бадеӣ)-ро пешниҳод мекунад. Таълим дар замони имрӯз бояд на танҳо «чӣ фаҳмидан», балки «чӣ тавр дар амал татбиқ кардан»-ро омӯзонад. Инсон бояд аз қабулкунандаи одии иттилоот ба субъект ва иҷрокунандаи фаъоли салоҳияти маърифатӣ ва иҷтимоӣ табдил ёбад, то дар фаъолияти оянд муваффақ гардад. Дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» ин масъала ба таври равшан шарҳ ёфтааст: «Рушди босуръати илму техника ва технология аз инсони имрӯза талаб мекунад, ки фаъолияти маърифатӣ, иҷтимоӣ ва касбиашро ба талаботи замони нав мутобиқ созад. Дар замони имрӯза интиқол додани донишҳои пеш бадастовардаи гуногун самара намедиҳад. Таълим бояд малака ва маҳоратҳоеро дар хонанда ташаккул диҳад, ки ӯ фаъолият, ҷамъоварии маълумоти зарурӣ барои ҳалли масъалаҳоро мустақилона анҷом дода, аз уҳдаи таҳлили ақида ва ахбор, арзёбии раванди иҷрои фаъолият, муайян кардани ғалатҳо ваислоҳи онҳо, ба роҳ мондани муомилаи созанда бо иштирокчиёни дигари равандҳо барояд ва дар амал татбиқ карда тавонад» [3,20].

Дар барнома ва китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои синфи 11-ум [60] омӯзиши бахшҳои калима ва таъбирҳо ба таври муназзам тарҳрезӣ шудааст. Таҳлили маводди таълимии китоби мазкур нишон медиҳад, ки тақсимоти мавзуӣ

ва ҳаҷми супоришҳои амалӣ ҷиҳати азхудкунии категорияҳои луғавӣ ба таври зерин ба низом дароварда шудааст:

1.Калима ва таркиби луғавӣ: Барои ин мавзуъҳо маҷмуи машқҳои эзоҳӣ (1 машқ барои «Калима» ва 2 машқ барои «Таркиби луғавӣ») дар ҳаҷми 10 саҳифа пешниҳод гардидааст.

2. Хусусиятҳои маъноии вожаҳо: Омӯзиши мавзуи «Сермаъноӣ» 4 машқ, «Омонимҳо» (ҳамгунаҳо) 2 машқ ва «Паронимҳо» (вожаҳои наздикталаффуз) 3 машқро фаро мегирад.

3.Муродифот: Ба ин бахш таваҷҷуҳи махсус зоҳир шуда, ҷиҳати мустаҳкам намудани донишҳои назариявӣ оид ба муродифоти воҳидҳои забон 9 машқ таҳия гардидааст. Тибқи супоришҳои методикӣ, аз ин миқдор 5 машқ барои иҷрои шифоҳӣ ва 4 машқ барои кори хаттӣ нигаронида шудааст.

4. Мутазод: Барои ин мавзуъ 3 машқи амалӣ ҷудо шудааст.

5. Таъбирҳо: Маводди таълимӣ оид ба «Воҳидҳои фразеологӣ» дар ҳаҷми 7 саҳифа танзим ёфта, иҷрои 8 машқро тақозо менамояд, ки аз онҳо 5 супориш хаттӣ ва 3-тояш шифоҳӣ мебошанд [61,28-38 ва 42-48].

Дар поён таҳлили муҳтавои бахши калима ва таъбирҳоро дар ҷадвал нишон медиҳем:

**Ҷадвали 3**

**Ҷадвали таҳлили муҳтавои бахши калима ва таъбирҳо (синфи 11-ум)**

| № | Мавзуи таълимӣ | Ҳаҷми маводди (саҳифа) | Теъдоди умумии машқ | Теъдоди машқҳои хаттӣ | Теъдоди машқҳои шифоҳӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Воҳидҳои луғавӣ | 10 | 1 | - | 1 |
| 2 | Таркиби луғавӣ | (дар доираи воҳидҳои луғавӣ) | 2 | - | 2 |
| 3 | Сермаъноӣ | 4 | 4 | - | 4 |
| 4 | Омонимҳо (ҳамгунаҳо) | 3 | 2 | - | 2 |
| 5 | Паронимҳо | 3 | 3 | - | 3 |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 6 | Муродифот (синонимия) | - | 9 | 4 | 5 |
| 7 | Вожаҳои зидмаъно | 5 | 3 | - | 3 |
| 8 | Таъбирҳо (воҳидҳои фразеологӣ) | 7 | 8 | 5 | 3 |
| **Ҷамъ:** | | **29** | **32** | 9 | |

Аз таҳлили машқҳо ин нукта собит мегардад, ки ҳарчанд китобҳои дарсӣ барои фарогирии маълумоти назариявӣ ва амалӣ мусоидат мекунанд, аммо ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва татбиқи амалии донишҳои ҳосилнамуда нисбатан имконияти маҳдуд доранд. Бино бар ин, ба кор гирифтани маводди иловагӣ зимни таълими воҳидҳои луғавӣ ва таъбирҳо зарур аст. Маводди китоби дарсии замони муосир бо мақсади рушди фарҳанги нутқ ва донишҳои назарии забонӣ ва аз худ кардани тобишҳои нозуки маъноии воҳидҳои луғавӣ интихоб шуда бошанд ҳам, намунаҳо аз осори суханварони форсу тоҷик ва муосир ҳануз нокифоя ба назар мерасанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки мавқеи истифодаи муродифот ва таъбирҳо дар контекстҳои воқеии бадеӣ мавриди таҳлил ва муқиёси ҳамаҷониба қарор гирад.

Омӯзиши ҳодисаҳои марбут ба калима ташаккули салоҳияти иртиботӣ, қобилияти ифодаи фикр, муоширaт бо воҳидҳои луғавӣ аст, ки аз донистани маънои асливу маҷозӣ, баромад, ҳодисаҳои маъноӣ: воҳидҳои сермаъно, муродиф, мутазод, ҳамгуна ва сохтори наҳвии нутқ бармеояд. Баррасии воҳидҳои забон аз мавқеи матни ягона ба дарки нақши калима дар забон ва нутқ оварда мерасонад. Ба ибораи дигар, таваҷҷуҳи хонандагон ба истифодаи бошууронаи имкониятҳои воситаҳои луғавӣ, ба назар гирифтани мутобиқати воҳидҳои сатҳҳои гуногуни забон ба такомули самараноки нутқи мураттаби хонандагон мусоидат мекунад. Мушоҳидаҳои пажуҳишгарон мушкилоти дарк ва баёни фикр, сохтор ва мундариҷаи ин равандҳоро нишон медиҳанд (О.С. Ахманова [24], Л.С. Виготский [38], Н.И. Жинкин [47], И.А. Зимняя [157], А.А. Леонтев [77], А.Н. Соколов [120], А.М. Шахназарович [40]). Омӯзиши калима ва таъбирҳо ба дарки қоидаҳои эҷоди матн меорад, аз ин рӯ, усули таҳлили матн ва дарки он захираи луғавии хонандаро

бой мегардонад, ҳисси забондӯстиро инкишоф медиҳад ва роҳҳои матнсозиро меомӯзонад. Мақсади ташаккули шахсияти забондон дар таълими муосир зарурати дохил кардани малакаҳои нутқ ва тафаккур, фаҳмидан ва таҳияи нутқи мураттабро ба барнома талаб мекунад: «Ташаккули салоҳияти иртиботӣ имконият фароҳам меоварад, ки дарси омӯзиши маводди нав ба дарси ошкорсозии дониш табдил дода шавад: хонандагон худашон мақсади дарс ва мушкилотро муайян месозанд ва бо омӯзгор якҷоя роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ менамоянд. Муносибати махсус ба инкишофи нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ аз он сар мезанад, бинобар ин диққати хонандаро дар ҳар як синф ба нутқи шифоҳӣ ва хаттии гуногун бояд ҷалб кард» [3,13].

Дар методикаи таҳсилоти миёнаи умумӣ заминаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии таълим дар заминаи муносибати босалоҳият мураттаб шудаанд. Соҳиби салоҳияти иртиботӣ будан чунин раванди таълим аст, ки на танҳо ҳадафи амалии нутқ, балки роҳи расидан ба ин ҳадаф бо истифодаи амалии забонро пайгирӣ карда мешавад. Самти амалии нутқ на танҳо мақсад, балки воситаи гузаронидани дарс аст, ки ба ҳамдигар ба таври амиқ вобастаанд. Натиҷаҳои омӯзиши калима ва таъбирҳо ба андешаи мо бояд инҳоро дар бар гирад: истифодаи имкониятҳои муоширати забони тоҷикӣ; бой гардонидани захираи луғавии фаъол, васеъ кардани ҳаҷми воситаҳои грамматикии дар нутқ истифодашаванда барои баёни озоди афкор ва эҳсосот мувофиқи вазъият ва услуби муошират; азхудкунии захираҳои асосии услубии калима ва таъбирҳо забон, меъёрҳои асосии забони адабӣ, меъёрҳои одоби нутқ; ба даст овардани таҷрибаи истифодаи онҳо дар амалияи нутқ ҳангоми сохтани матни шифоҳӣ ва хаттӣ; кӯшиш барои такмили нутқи худ.

Маҳорати асосие, ки дар доираи салоҳияти иртиботӣ ташаккул меёбад ин маҳорати таҳия ва дарки матнҳо ҳамчун маҳсули фаъолияти нутқ мебошад. Барои ин хонандагон бояд захираи луғавии ба қадри кофӣ бой дошта бошанд, дар бораи маънои калима, тобишҳои маъноӣ ва ҳамнишинии луғавӣ тасаввурот дошта бошанд. Аз таҳлили китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 7-ум бармеояд, ки:

**Ҷадвали 4**

| Синф | Миқдори машқҳо | Ташаккули салоҳияти иртиботӣ | | Ташаккули салоҳияти забонӣ | | Дар маҷмуъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | шарти машқ | саволу супориш | шарти машқ | саволу супориш | |
| 5 | 28 машқ | 18 | 19 | 9 | 8 | 54 |
| **7** | 70 машқ | 19 | 29 | 46 | 37 | 131 |
| **11** | 30 машқ | 13 | 19 | 17 | 15 | 64 |
| **Ҳамагӣ:** | 128 | 50 | 67 | 72 | 60 | 249 |

Таносуби машқҳо дар раванди таълим нишон медиҳад, ки барномаи таълим дар зинаҳои гуногуни таҳсилот вазифаҳои мухталифи стратегиро иҷро мекунад. Тибқи маълумоти оморӣ дар синфи 5-ум таносуби машқҳо бештар ба самти ташаккули салоҳияти коммуникативӣ нигаронида шудааст, ки ин бо назардошти хусусиятҳои синнусолии хонандагон ва зарурати рушди нутқи шифоҳиву хаттӣ мантиқан дуруст мебошад. Миқдори супоришҳои иртиботӣ (37 адад) нисбат ба супоришҳои забонӣ (17 адад) ду маротиба зиёд аст.

Дар синфи 7-ум вазъият тағйир меёбад, зеро дар ин давра ҳаҷми умумии машқҳо афзуда (131 адад), асосан ба салоҳияти забонӣ (83 адад) нигаронида шудааст ва бозГӮЙи он аст, ки муҳассилин дар синфи 7-ум ба омӯзиши амиқи назарӣ, сохтори забон ва қоидаҳои имло бештар фаро гирифта мешаванд ва ҳаҷму теъдоди корҳои амалӣ нисбат ба синфи 5-ум бамаротиб зиёд мешавад. Дар синфи 11-ум бошад, мувозинати нисбӣ миёни ҳар ду салоҳият ба мушоҳида мерасад (32 ба 32), ки ин аз кӯшиши ҷамъбаст намудани донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар марҳалаи ниҳоии таҳсилот гувоҳӣ медиҳад. Агар ба таносуби умумӣ назар андозем, ба мушоҳида мерасад, ки аз 249 машқ ва супориш, 132-тои он (53%) ба салоҳияти забонӣ ва 117-тои он (47%) ба салоҳияти коммуникативӣ рост меояд. Дар диаграммаи № 1 таносуби машқу супоришҳое, ки ба ташаккули салоҳияти забонӣ ва иртиботӣ нигаронида шудаанд, ба таври оморӣ инъикос гаштааст:




*Диаграммаи №1. Таҳлили миқдории машқу супоришҳо*

Баъзе машқу супоришҳои китоби дарсӣ ниҳоят сода ба назар мерасанд, ба монанди маънои калимаро шарҳ диҳед [15,71]; гуед, ки дар матн калимаҳои аслии тоҷикӣ зиёд аст?; порчаро бодиққат хонед ва гуед, ки аз он чиро пай бурдед? [15,72]; даҳ калимаи мураккаб нависед [101,134]; мустақилона се ҷумла нависед [101,131]. Содагии ин навъ машқҳо ба сатҳи аввали дониш, яъне дарк ва такрор мансуб мебошанд ва хонандаро ба таҳлил, муқоиса ва ё ибрози хулоса водор намесозад. Ба монанди «Гуед, ки дар матн калимаҳои аслии тоҷикӣ зиёд аст?» [15,69]. Хонанда метавонад бидуни андешаи зиёд мавҷудияти калимаҳои аслии тоҷикиро тасдиқ ва ё инкор кунад ва ин гуна супоришҳо маҳорати нутқро инкишоф надода, тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии хонандаро маҳдуд месозад. Баъзе супоришоти мубҳам, норавшан ва умумӣ ҳастанд «Порчаро бодиққат хонед ва гуед, ки аз он чиро пай бурдед?» [15,72], ҳадафи мушаххаси таълимӣ надорад ва хонанда ба сохтори матн, ба мазмуну муҳтаво, ба воҳиди мушаххаси забон ва ё ба хусусиятҳои услубии шоир таваҷҷуҳ намуданашро намефаҳмад.

Ба андешаи мо, содагии машқу супоришҳо мушкилии ҷиддӣ дар методикаи таълими муосир аст. Барои ташаккули салоҳиятҳо машқҳо бояд на шакли

тавсифӣ, балки таҳлилӣ бошад, яъне ба ҷойи шарҳи маънои калима, бояд аз хонанда талаб карда шавад, ки нақши он калимаро дар ифодаи эҳсоси нависанда ё сохтани обуранги бадеии матн муайян кунад. Танҳо дар сурати мураккабтар кардани сохтори саволу супоришҳо ва хулосабарориҳои шахсӣ метавон ба ҳадафи асосии таълим, ки тарбияи инсони соҳибфикр аст, наздик шуд. Ин навъ машқҳои сода дар китобҳо нишон медиҳад, ки ҳануз ҳам маводди таълим ҷавобГӮЙ ба ниёзҳои ҷомеа нест. Хонандаро на ба ҷустуҷӯйи ҷавобҳои тайёр аз матн, балки ба сохтани андешаи нав бояд водор созанд. Азхудкунии қолабӣ бе фаҳмидани моҳияти масъала тафаккури эҷодӣ ва масъулияту мустақилияти шогирдонро такмил дода наметавонад.

Машқҳое, ки ба салоҳияти иртиботӣ ва тафаккури интиқодӣ нигаронида шудаанд, дар китобҳои дарсӣ мавқеи бештар доранд ва андакеро ташкил мекунанд. Масалан: «Байтро ба наср баргардонед ва калимаҳои ҳамафаҳми онро шарҳ диҳед:

Ҷуз ба хирадманд мафармо амал,  
Гарчи амал кори хирадманд нест».

Ин байти пурҳикмат яке аз масъалаҳои муҳимми идоракунӣ ва муносибати байни илму амалро мавриди баррасӣ қарор медиҳад. Мазмуни байт дар шакли наср чунин аст: Шоир таъкид мекунад, ки дар умури давлатдорӣ, тиҷорат ва ё ҳар гуна масъулияти ҷамъиятӣ иҷрои кору вазифаҳоро танҳо ба души инсонҳои доно, оқил ва хирадманд вогузор кардан лозим аст. Ҳарчанд шахси хирадманд ва донишманд бештар ба таҳқиқу андеша ва илм машғул аст ва иҷрои корҳои маъмурӣ аслан вазифаи ӯ нест. Натиҷаи кори хирадманд ҳамеша босифат аст ва ҳарчанд шахси оқил аз корҳои амалӣ дурӣ ҷуяд ҳам, беҳтар аст, ки зимоми кор дар дасти ӯ бошад, на дар дасти ҷоҳиле, ки бо нодонӣ корро бесамар мегардонад.

Иҷрои ин навъ машқҳои ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ нигаронида шуда, аҳаммияти методӣ ва дидактикӣ дошта, на танҳо боиси такмили захираи луғавӣ, балки қобилияти истифодаи амалии забонро дар вазъиятҳои гуногуни ҳаёт таъмин менамояд. Алоқаи донишҳои назариявии грамматикӣ ва маҳорати суханрониро барқарор намуда, ба хонанда имкон медиҳанд, ки фикри худро озодона, мантиқӣ

ва мавқеъшиносона баён кунад. Ин машқҳо заминаи асосии омодагии муҳассилинро ба ҳаёти мустақилона ва муошırати самарабахш ташкил медиҳанд.

Дар доираи машқ асарҳои адибони классику муосир фаровон гирд оварда шудаанд, ки намунаҳои хуб барои забономӯзӣ мебошанд. Дар онҳо воситаҳои образноки забон, таркиб ва ибораҳои фразеологӣ ба андозаи муайян машқ овардан истифода шудаанд, ки тавзеҳи тамоми хусусиятҳои луғавиро талаб мекунад. Ба хотири дарк намудани хусусиятҳои семантикии воҳидҳои луғавӣ хонандагон аз асарҳои бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо, аз тамошои кинофилму намоишномаҳо, истифодаи онҳоро дар нутқи шифоҳиву хаттӣ ҳамчун нишондиҳандаи муҳимми забондонӣ бурро,бояд истифода бурда тавонад, зеро воҳидҳои луғавӣ бойигарии забони миллиро ташкил медиҳанд, ҳаёти воқеиро равшану нишонрас ва образноку бадеӣ тасвир мекунанд: «Адабиёти классикиро, ки иборат аз забони муқтадиру тавоно ва саршор аз ганҷинаи бебаҳои халқ, панду андарз, воҳидҳои рехтаи пуробуранг аст, аз худ накарда, соҳиби маданияти сухан гаштан ғайриимкон аст» [168,66]. Барои азбар намудани чунин воситаи муҳимми муошират таълими фанни забони тоҷикӣ мавқеи назаррас дорад. Масъалаи омӯхтани калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ алҳол ҳаматарафа ҳалли худро наёфтааст. Маълум аст, ки барои таълими он бояд принсипҳое ҷой дошта бошанд, ки интихоби усули таълими онҳоро равшан карда тавонад. Аз ин рӯй, дастуру нишондодҳои методие лозиманд, ки роҳу равиши аз бар намудани онҳоро мавриди таҳлил қарор диҳад.

Аҳаммияти амалии омӯзиши бахши калима дар он зоҳир мегардад, ки дар раванди таълим калима ҳамчун воҳиди бунёдии низоми луғавии забон муаррифӣ шуда, ба идроки бошууронаи дигар сатҳҳои забонӣ таъсири мусбат мерасонад. Ин раванд, дар навбати худ, ба иртиқои саводи имлоии муҳассилин мусоидат намуда, ҳамчун манбаи асосии ғанигардонии захираи луғавӣ ва заминаи муҳими иҷрои машқҳои услубӣ  баромад мекунад. Омӯзиши муназзами калима диққати хонандагонро ба ҷанбаҳои семантикии вожа ва мавқеи истеъмоли он ҷалб намуда, маҳорати интихоби дуруст ва истифодаи бамавқеи воҳидҳои забониро вобаста ба мароми сухан (ҳадафи коммуникативӣ) ташаккул медиҳад. Ниҳоят, дар заминаи омӯзиши калима имконияти эҷоди низоми машқҳо оид ба таҳлили воситаҳои

тасвири бадеӣ дар дарсҳои адабиёт фароҳам омада, дар хонандагон малакаи кор бо луғатҳои тафсирӣ ва истифодаи мустақилонаи онҳо пайдо мегардад.

Масъалаи асосии таълими калима ва таъбирҳоро муҳаққиқон чунин таъин кардаанд: ба воситаи решаи калимаҳо муайян кардани маъно; шарҳи маънои калима бо роҳи тасвири нишонаҳои предмет; таҳлили фонетикӣ; муқоиса; аёният. Ба андешаи мо, масъалаи муҳимтарин фаҳмонидани маънои воҳидҳои луғавӣ мебошад, ки бо роҳҳои зерин анҷом додан мумкин аст:

1.Ба воситаи муродифҳо шарҳ додани маънои калима. Моҳияти бо ин усул фаҳмонидани маънои калима аз он иборат аст, ки воҳидҳои барои хонандагон номафҳум бо калимаҳои барои онҳо шинос бо роҳи қиёс шарҳу эзоҳ дода мешавад: «Барои он ки ҳар як калимаи нав дар хотири талаба мустаҳкам ҷой гирад, лозим аст, ки муродифи калимаҳо дар дохили матн оварда шаванд... Бояд ба он муваффақ шуд, ки ягон калимаи ҷумла ба талабагон номафҳум намонад. Чунин ҳолат мешавад, ки баъзан як калимаи душворфаҳм боиси номафҳумии мазмуни тамоми ҷумла (матн) мегардад» [117,12]. Мисол: «Матнро хонед. Калимаҳои ишорашударо бо ҳаммаъноҳояшон иваз кунед. Рӯдакӣ хушу хуррам мақоми шӯхеро бо овози паст замзамакунон ба гузари «Кӯйи мисгарон»-и шаҳр омада, ба дари кулбачаи назарногире дохил шуда, аз роҳрав ба зинапояи гилӣ ба болохона баромад. Кулба бо ҳавличаи хурдтаракаш ба Маҷ таъаллуқ дошт, ки шоир акнун бо вай дӯсти мунисшуда ва дар ин мусофирати худ дар кулбаи вай манзил карда буд. Рӯдакӣ дар болохона, ки рост дар болои дари берун воқеъ шуда буд, иқомат мекард. Дари болохона ба рӯйи бомчаи паҳни ҳезумхона кушода мешуд, ки ин бомча барои болохона хизмати «рӯйи ҳавлӣ»-ро адо мекард» [101,135].

Барои он ки вожаҳои ишорашуда бо муродифи онҳо иваз карда шаванд, хусусияти таърихиву услубии матнро бояд ба эътибор гирифт, зеро бо ин на фақат ба калима, балки ба матн тобишҳои нави эҳсосӣ метавон илова кард. Калимаҳои ишорашударо бо муродифҳои зерин иваз кардан мумкин аст: Хушу хуррам - «Шоду хурсанд» [207,512]; Шух-«сабук» [208,611]; Кулба-«Хонаи хурди тираву торик» [207,571]; Мусофират // мусофарат - «сафар кардан» [207,754]; Паҳн-«васеъ,фарох» [207,754]; Манзил кардан – «хона гузидан, ҷой гирифтан»

[207,632]; Иқома//Иқомат кардан-«сукунат доштан, зиндагӣ кардан» [207,520]; Адо кардан – «*ба итмом расидан*» [207,41]. Иҷрои ин навъ кор бо матн ба хонанда кумак мекунад, ки бойигарии забони тоҷикиро эҳсос ва идрок намояд, ки чӣ тавр як фикрро ба шаклҳои гуногун баён кардан мумкин аст ва маҳз ҳамин гуна таҳлили луғавӣ салоҳияти иртиботии хонандаро сайқал мебахшад.

1. Аз матн муайян кардани вазифаи мушаххаси вожа ва таъбирҳо;
2. Калимаҳои сермаъноро дар муқоиса бо калимаҳои якмаъно таълим додан;
3. Дарки зарурати омӯхтани мавзуъ барои инкишофи нутқ;
4. Донистани мавқеи истеъмоли воҳидҳои луғавӣ, ки калимаҳои сермаънои забони модариро бошуурона, бамаврид ва ба тavри маданӣ истифода бурда тавонанд;
5. Дарки хусусиятҳои услубии воҳидҳои луғавӣ.

Калима ва таъбирҳоро набояд аз рӯйи феҳраст ё тартиби алифбо азбар кард. Онҳо бояд дар заминаи матнҳо, муколамаҳо ё вазъиятҳои мушаххас омӯзонида шаванд, то хонандагон маънои онҳоро ба хубӣ дарк кунанд. Нақл кардани ҳикояи пайдоиши калима ва таъбирҳо ба хонандагон ҷиҳати дарки мантиқи ғайримустақими онҳо кумак мерасонад. Расму навор ё намоишномаҳое, ки маънои аслӣ ва маҷозии калимаву таъбирҳоро инъикос месозанд, барои муқоисаи таъбирҳо бо ибораи озоди наҳвӣ ё калимаи муродифӣ ба толибилмон ёрӣ мерасонанд, ки тафовут ва хусусияти онҳоро фаҳманд.

Машқи 141. Хонед ва фарқи фразеологизмҳоро аз ибораҳои наҳвӣ шарҳ диҳед:

| | |
|---|---|
| китоби  шавқовар | гули сари сабад |
| китоби нав | аз пашша фил сохтан |
| китоби ман | гул-гул шукуфтан |
| китоби бадеӣ | дар курта нағунҷидан |

Супоришҳое, ки хонандагонро водор мекунанд, ки калима ва таъбирҳоро дар ҷумла ё ҳикояҳои кутоҳ истифода баранд, барои фаҳмидани маънои амиқи онҳо кумак мерасонанд. Шинохти дурусти маънои калима ва фразеологизмҳо қадами аввал дар истифодаи самараноки онҳо дар нутқ мебошад. Дар китобҳои дарсии

«Забони тоҷикӣ» воҳидҳои луғавии зиёде ҷой доранд, ки тавзеҳталабанд ва таълими онҳо бояд тарҳи амалӣ гирифта, бо муайянкунии маънои аслӣ маъноҳои маҷозӣ низ бояд шарҳ дода шаванд.

Мо зимни мушоҳидаи дарсҳои муаллимони соҳибкасб (Полвонова Д., МТМУ № 6, Маҳмудова Г., № 12 ва Ҳалимова М. № 15) ва таҷрибаи шахсӣ ба инобат гирифтани шартҳои зеринро зарур донистем: а) ба ҳисоб гирифтани мавриди истифодаи онҳо; б) алоқаманд карда тавонистани калимаву ибораҳои мавриди таҳлил бо таълими грамматика ва имло; в) таҳлили мазмун ва мундариҷаи асарҳои бадеӣ, ки дар лаҳзаҳои хониш ва машғулияти хониши беруназсинфӣ мавриди истифода қарор мегиранд, бояд бо грамматика алоқаманд карда шаванд. Масалан, дар таълими мавзуи «Феъл» ба таълими ибораҳои фразеологӣ эътибор додан мувофиқ аст, зеро аксари ибораҳои фразеологӣ ибораҳои феълиянд ва ба саволи феъл ҷавоб мешаванд. Инчунин, таълими муштарак ба муаллим имкон медиҳад, ки чунин унсурҳои забониро аз матнҳои бадеӣ ҷудо намуда, дар таълими грамматика ва имло истифода намояд. Масалан, ибораҳои «савганд хурдан», «чашми дидан надоштан», «дил сухтан» ва ғайраҳо ибораҳои феълӣ буда ба саволи «чӣ кор кардан»? ҷавоб мешаванд. Албатта, шартҳои дар боло қайдкардаи мо, ниҳоят мухтасар аст ва муайян намудани ҳаҷму сифати воҳидҳои луғавӣ, тартибу низоми таълими онҳо, истифодаи усули нав тадрис такмили минбаъдаро талаб мекунад.

### 2.2. Масъалаҳои умумии таълими воҳидҳои луғавӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ

Заминаи таълими фасли калима дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯзиши мафҳумҳои луғавӣ ташкил медиҳад. Аммо дар раванди таълими фанҳои дигар (махсусан, дар дарсҳои адабиёти тоҷик) хонандагон бо воҳидҳои луғавие, ки дар лексикологияи таърихӣ баррасӣ мешаванд, дучор меоянд. Аз ин рӯй, ба фасли калима, инчунин мафҳуми калимаҳои таърихӣ - «Калимаҳои куҳнашуда» дохил карда шудааст. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳарчанд диққати асосӣ ба омӯзиши воҳидҳои луғавии умумистеъмолии забони тоҷикӣ равона карда

шавад ҳам, раванди мутолиаи асарҳои бадеӣ хонандагонро бо қабатҳои дигари луғавӣ, аз ҷумла унсурҳои лаҳҷавӣ ва вожаҳои камистеъмоли забони адабӣ рӯй ба рӯй месозад. Воҳидҳои луғавии забони адабӣ вобаста ба вазифаҳои услубӣ ва дорои хусусиятҳои эҳсосӣ-экспрессивӣ буданашон дар услубҳои гуногуни нутқ мавқеи хос пайдо мекунанд.

Мафҳуми «Калимаҳои эҳсосӣ бо обуранги услубӣ» дар барномаҳои таълимии синфҳои ибтидоӣ ҳамчун истилоҳи назариявӣ ворид нагардида бошад ҳам, шиносоии амалии мактаббачагон бо моҳияти ин масъала зарур аст. Зеро бидуни дарки ҷанбаҳои образноки забон ташаккули маҳорати нигориши эссе, нақли хаттӣ ва иншои эҷодӣ ғайриимкон мебошад.

Воҳидҳои луғавӣ дар низоми забон дар робитаҳои муназзами системавӣ қарор доранд, ки ин амр омӯзиши категорияҳои лексикиро, аз қабили калимаҳои якмаъно, сермаъно, маъноҳои асливу маҷозӣ, ҳамгунаҳо, муродифот ва мутазоддҳо тақозо менамояд. Дар маҷмуъ, мафҳумҳои лексикиро дар ин марҳалаи таълим ба се гурӯҳи асосӣ тасниф намудан мумкин аст:

1. Мафҳумҳои семантикӣ: инъикоскунандаи таносуб ва робитаҳои маъноии байни вожаҳо;

2. Мафҳумҳои услубӣ: вобаста ба истифодаи калимаҳо дар соҳаҳои мухталифи муошират;

3. Мафҳумҳои таърихӣ: ба назар гирифтани таҳаввул ва рушди таркиби луғавии забони тоҷикӣ.

**Ҷадвали 5**

Таснифоти муфассали ин мафҳумҳо дар ҷадвали зерин пешниҳод гардидааст:

| Мафҳумҳои марбут ба таносуби маъноии калимаҳо | Мафҳумҳои ифодакунандаи соҳаи истифодаи вожаҳо | Мафҳумҳои алоқаманд ба рушди таркиби луғавии забон |
|---|---|---|
| муродифот | Истилоҳот | наввожаҳо |
| мутазод | калимаҳои соҳавӣ | архаизмҳо |
| ҳамгунаҳо | Шевагӣ | калимаҳои иқтибосӣ |
| сермаъноӣ | Умумиистеъмолӣ | |

Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ»-и синфи 7-ум, саҳифаи 124 супориш оварда шудааст: Шеърро бо риояи оҳанг хонед ва ҷӣ тобиши маъноӣ доштани пешоянди аз-ро дар ҳар як маврид шарҳ диҳед.

Дар шеър тасвири табиат, лавҳаи зинда ва пуртаҳаррук таҷассум гаштааст. Хонанда на танҳо бо ҳусни баёни шоир ва вожаҳои суфтаву рангини ӯ шинос мешавад, балки сирру асрори муҳаббат ба Ватан бо воҳидҳои фразеологии зерин ва табиати афсонавии он ба мушоҳида мерасад:

Руди Варзоб аз баландӣ мефарояд бо шитоб.

Сели мавҷаш мехурад дар ҳалқаи гирдоб тоб....

1. Тоб хурдан - чарх задан, гирдогирд гаштан, тоб хурдани чизе дар як ҷой. Шоир ин ҷо феъли фразеологиро ҷудо кардааст (*мехурад... тоб*), то ҳаракати гирдобии обро воқеӣ нишон диҳад.

2. Сина об шудан (ё дил об шудан)

«К-аз фиғонаш кӯҳсоронро бигардад сина об».

Сахт мутаассир шудан, ба раҳм омадан, сӯхтан аз ғусса.

Дар шеър ин таъбир маънои духура дорад: ҳам кӯҳҳо аз нолаи дарё ба риққат меоянд, ба маънои маҷозӣ ва ҳам пиряххоя об мешаванд, ҳақиқӣ).

3. Пош-пош хурдан: зарба дидан ва реза-реза шудан, пароканда шудан. Ин таъбир барои нишон додани лаҳзаи ба санг бархурдани мавҷ ва ба қатраҳо тақсим шудани он хизмат кардааст.

4. Ром бинмудан (ё ром кардан): мутеъ кардан, ором кардан, ба худ ром сохтани ҳайвони ваҳшӣ ё саркаш ва рақси мавҷҳои Варзоб чунон ҷозиба дорад, ки ҳатто оҳуи кӯҳии одамгурезро мафтуну ором мекунад.

5. Об гирифтан: «Руди Варзоб об мегирад нигаҳ аз диданат...». Дар забони адабӣ таъбири «об гирифтан», масалан: *чашм об гирифтан*) маънои таскин ёфтан, сероб шудан аз дидори касе, ё равшан шудани чашмро дорад. Шоир мегӯяд, ки рӯди Варзоб аз дидани ту чашмонаш (нигаҳаш) равшану сероб мешаванд.

6. Ҷур шудан (ё ҷур гардидан) - ҳамоҳанг шудан, мувофиқ омадан, ҳамсадо шудан (аслан, ба соҳаи мусиқӣ тааллуқ дорад). Садои шаршара бо овози умумии дарё лаҳни якхела ва зебо мегирад.

Корбасти ин воҳидҳои фразеологӣ исбот мекунанд, ки шеъри Ҳабибулло Файзулло аз забони зиндаи мардумӣ сарчашма гирифтааст. Онҳо ба ҷойи ибораҳои одии гуфтугӯӣ тасвирҳоро ниҳоят эҳсосӣ ва шоирона ҷилва медиҳанд.

Дар китоби дарсии "Забони тоҷикӣ"-и синфи 11-ум, саҳифаи 185 қасидаи "Омад баҳори хуррам"-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ оварда шудаст: Қасидаи баҳорияро қироат кунед ва маънои ҳар байтро гӯед. Шарҳ диҳед, ки Рӯдакӣ чӣ гуна калимаҳоро ба кор бурдааст: маънои кадом калимаҳоро медонед, шарҳи кадом луғатҳо ба роятон мушкил аст. Шоир аз кадом имконоти услубии воҳидҳои забон ва санъатҳои сухан фоида бурда матлабро баён карда аст? [60,185]

Шарҳи калимаҳои душворфаҳм:

Тиб - бӯйи хуш, атри латиф; Нузҳат- сафо, покӣ, сайру тамошои ҷойҳои сабзу хуррам; Шабоб- ҷавонӣ, айёми шукуфоӣ. Машиб -пирӣ, сафед шудани мӯй. Нақиб- роҳбар, пешво, касе ки лашкарро роҳнамоӣ мекунад. Каиб-ғамгин, дилхаста, маҳзун. Ҳисорӣ - маҳбус, касе ки дар қалъа (ҳисор) зиндонӣ ё муҳосира шудааст.

Шарҳи маъно: Байтӣ 1.

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯйи тиб,

Бо сад ҳазор нузҳату ороиши аҷиб.

Шарҳи маъно: Баҳори шодмону хурсанд бо рангҳои зебо ва бӯйи хуши атрафшон омад. Вай бо худ садҳо ҳазор обуранг, тамошову хушӣ ва ороишоти аҷибу ҳайратангезро овард.

Байтӣ 2.

Шояд ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,

Гетӣ ба дил ёфт шабоб  аз пайи машиб.

Дар ин мавсими зебо марди пир ҳам худро ҷавон ҳис кунад, зеро худи ҷаҳон аз паси пириву фарсудагии зимистон, дубора дар дили худ ҷавониро пайдо мекунад.

Байтӣ 3.

Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,

Лашкарш абри тираву боди сабо нақиб...

Осмони гардон ва бузург як лашкари азимро омода сохт, ки абри торик лашкари он асту боди форами саҳаргоҳӣ (сабо) роҳбаладу фармондеҳи ин лашкар мебошад.

Байтӣ 4:

Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор

В-он раъд бин, ки нолад чун ошиқи каиб.

Ба он абри баҳорӣ нигоҳ кун, ки бо боридани борон мисли як одами азодор ӯ гиря мекунад. Ва ба он овози раъду барқ гӯш андоз, ки мисли як ошиқи ғамгину дилхаста зориву нола дорад.

Байтӣ 5:

Хуршедро зи абр дамад рӯй гоҳгоҳ,

Чун он ҳисорие, ки гузар дорад аз рақиб.

Хуршед аз байни абрҳо гоҳ-гоҳ чеҳраашро нишон медиҳад; маҳз ба монанди маҳбуси ҳисорӣ, ки пинҳонӣ аз чашми нигаҳбону рақиб худ лаҳзае берунро тамошо мекунад.

Байтӣ 6:

Якчанд рӯзгор ҷаҳон дардманд буд,

Беҳ шуд, ёфт бӯйи суманро даво табиб.

Муддате дар фасли зимистон ҷаҳон бемору дардманд буд. Аммо ҳоло аҳволаш хуб шуд, зеро табиби баҳор бӯйи хуши гули суманро ҳамчун доруву шифо ба ин ҷаҳон бахшид.

Хусусиятҳои услубии ин байтҳо, ки ба услуби бадеӣ, ба сабки хуросонӣ тааллуқ доранд, аз нигоҳи услубшиносӣ дорои заминаҳои устувори тасвирӣ, луғавӣ ва сохторӣ мебошад. Аз ҷанбаи луғавӣ ва забонӣ, матни шеър бо соддагӣ, равонӣ ва устувории калимаҳо фарқ мекунад, ки ин хоси давраи аввали шеъри форсӣ-тоҷикӣ аст. Калимаҳои иқтибосии арабӣ, ба мисли тиб, нузҳат, шабоб, машиб, нақиб, каиб, рақиб бо забони адабии тоҷикӣ созгор шудаанд. Аз нигоҳи тасвирсозии бадеӣ, шоир аз санъатҳои ташбеҳ ва ташхис ба таври моҳирона истифода бурдааст, ки унсурҳои табиатро воқеӣ ва зинда нишон медиҳанд. Масалан, дар байти сеюм ва чаҳорум «чархи бузургвор» ба подшоҳе ташбеҳ

шудааст, ки лашкаре аз абри тира дорад ва боди сабо нақиб (сарлашкар)-и он аст; инчунин гиряи абр ба «марди сӯгвор» ва нолаи раъд ба «ошиқи каиб» (андуҳгин) монанд карда шудааст ва ин унсурҳо ба табиат эҳсосоти инсониро мебахшанд. Дар байти панҷум ташбеҳи зебои дигаре ба чашм мерасад, ки дар он гоҳ-гоҳ аз паси абр намудор шудани хуршед ба маҳбусе (*ҳисорӣ*) шабоҳат дорад, ки пинҳонӣ ва бо ҳарос аз назди посбон (*рақиб*) мегузарад.

Аз ҷанбаи дигари услубӣ, шоир мутазод (зидгузорӣ)-ро дар калимаҳои пир – ҷавон, шабоб (ҷавонӣ) – машиб (пирӣ) ва дардманд – даво – табиб бисёр ҷолиб ба кор бурдааст, то таҳаввулоти табиат ва аз нав зинда шудани заминро пас аз зимистони сард барҷаста нишон диҳад. Дар байти охир ҷаҳони зимистонзада ҳамчун «дардманд» (бемор) тасвир ёфтааст, ки бо омадани баҳор ва бӯйи суман (ёсуман) шифо меёбад ва худи ин бӯй ҳамчун даво ва табиб зуҳур мекунад. Дар умум, ин байтҳо намунаи олии услуби тасвирсозии воқеии табиат мебошанд.

Дар ФЗТ фразеологизмҳо бисёр ҷой дода шуда, гоҳе истилоҳоти маљозї ва киноя барои ифодаи воҳидҳои фразеологӣ омадааст. Мувофиқи шарти машқҳо фразеологизмҳои серистеъмолро, ки дар осори бадеӣ фаровон ба кор рафтаанд, ба хонандагон бо истифода аз луғатномаҳои тафсирӣ ва фразеологӣ шарҳ медиҳем. Мисол калимаи «Даст» – узви бадани инсон аз шона то нуги ангуштон; каф ва панҷаи даст. Бо истифодаи воҳидҳои фразеолгӣ ба якчанд намуди воҳиди фразеологӣ омадааст. «Дасти расо» - киноя аз имконият, тавоноӣ қудрат; Дасти танг – тангдастӣ, нодорӣ фақирӣ, бечорагӣ; Дасти чинор  - киноя аз  барги чинор, ки ба панҷаи инсон монанд аст; Даст гарав кардан – киноя аз мудохила кардан, даст задан ба коре; Дароз гаштани даст – киноя аз бартарӣ ва имконият пайдо шудан; ғолиб шудан; Дастҳои тағобун дар якдигар молидан – киноя аз изҳори таассуф, ҳасрат ва надомат кардан; Даст як кардан – киноя аз забон як кардан; созиш намудан; Даст рангин кардан – киноя аз даст расондан ба коре; Дасту по гум кардан – худро гум кардан, саросема шудан, бесаришта ва бесаранҷом шудан, ва монанди инҳо [207,340].

Ғайр аз мафҳумҳои луғавӣ ба фасли калима дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» кор бо фарҳангномаҳо низ дохил

карда шудааст. Бо роҳи амалӣ хонандагон бо усули асосии тафсири маънои луғавии калима шинос мешаванд. Мавқеи фарҳангҳо дар омӯзиши калима ва таъбирҳо назаррас буда, метавон ҳангоми дарёфт намудани воҳидҳои луғавӣ бо якчанд вожа ва воҳидҳои фразеологии нав шинос шуд. Хонандагон бояд тафовути таъбирҳоро аз калима ва ибораҳои озоди наҳвӣ шиносанд, дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамаврид истифода баранд, муродиф ва мутазодди онҳоро ёфта тавонанд, барои шарҳи возеҳу мушаххаси ҷилоҳои маъноӣ аз фарҳангномаҳо истифода баранд. Ҳаҷми маълумот дар бораи мафҳумҳои луғавӣ наметавонад якхела бошад. Он аз аҳаммияти худи мафҳумҳо барои фаҳмиши системаи луғавӣ ва барои амалияи хонандагон вобаста аст. Чунонки маълум аст, ки баъзе воҳидҳои луғавӣ дар ҳама ё дар якчанд шохаҳои услубӣ дучор меоянд, масалан калимаҳои сермаъно, муродифҳо, антонимҳо, дигар падидаҳо дар шохаҳои услубҳои алоҳида, масалан калимаҳои лаҳҷавӣ ва соҳавӣ, калимаҳои куҳнашуда. Табиист, ки дар бораи гурӯҳи аввали воҳидҳои луғавӣ бояд маълумоти бештар дода шавад, назар ба гурӯҳи дуюм, зеро мактаббачагон дар раванди такмил додани нутқи мураттаби худ ифодаи фикрро дар шохаҳои дигари услубӣ меомӯзанд. Дар бораи ҳамаи воҳидҳои луғавӣ, ки дар дарсҳои забони тоҷикӣ омӯхта мешаванд, маълумоти зерин дода мешавад: таърифи мафҳум, вазифаи он дар забон, тарзи инъикос дар луғати тафсирӣ, мақсади истифода дар асарҳои бадеӣ. Дар бораи воҳидҳои луғавии гурӯҳи аввал, илова бар ин, маълумот дар бораи хусусиятҳои истифодаи онҳо дар услубҳои гуногуни нутқ дода мешавад. Ҳангоми омӯзиши калима ва таъбирҳо малакаҳои таълимӣ-забонии лексикологӣ ва фразеологӣ ташаккул меёбанд. Ба андешаи мо хонандагон бояд: 1. Маънои луғавӣ (дар калима ва дар таъбир)-ро аз грамматикӣ фарқ кунанд; 2. Маънои луғавии калима ва таъбирҳои ба онҳо маълумро тафсир кунанд; 3. Муайян кунанд, ки калима ва таъбирҳо бо кадом маъно дар матн истифода шудаанд; 4. Аз матн воҳидҳои луғавӣ ва фразеологиро омӯхташударо пайдо кунанд; 5. Воҳидҳои луғавӣ ва фразеологиро дар нутқ мавридшиносона истифода баранд; 6. воҳидҳои луғавӣ ва таъбирҳоро тасниф кунанд; 7. Намудҳои гуногуни луғатҳои тафсирӣ ва фразеологиро бомаҳорат истифода кунанд.

Дар омӯзиши калима инчунин кори луғавӣ-маъноӣ ва луғавӣ-услубӣ ба роҳ монда мешавад, ки ба тавсеаи малакаи корбасти вожаҳо дар услубҳои гуногуни нутқ бо назардошти маъно ва хусусиятҳои услубии онҳо нигаронида шудааст. Пешгирии хатоҳои имлоӣ дар раванди омӯзиши воҳидҳои луғавӣ зимни таҳияи эссе, нақли хаттӣ ва иншо ва баъд аз ислоҳи онҳо кор бо хатоҳои роҳёфта ба мақсад мувофиқ аст. Ғалатҳои луғавии хонандагонро зимни истифодаи вожаву ифодаҳо ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: луғавӣ-имлоӣ ва луғавӣ-услубӣ. Ба хатоҳои луғавӣ-имлоӣ намудҳои зерин дохил мешаванд: истифодаи калима бо маънои ғайриодӣ; якҷояшавии нодурусти калима бо дигар калимаҳо; истифодаи калимаи ғайриадабӣ. Ба хатоҳои луғавӣ-услубӣ намудҳои зерин дохил мешаванд: истифодаи калимаи услубан номувофиқ дар матн, такрорҳои бемаврид, хароб будани мазмун ва мантиқи сухан, пурГӮЙӣ, истифодаи қолабҳо.

Барои пешгирӣ ва ислоҳи ин хатоҳо, зарур аст, ки ба истифодаи машқҳои амалӣ, кор бо луғатҳои тафсирӣ ва фразеологӣ ва фароҳам овардани муҳити муносиб, ки дар он хонандагон метавонанд мустақилона воҳидҳои луғавиро истифода баранд, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад. Дар баъзе китобҳои дарсии забони тоҷикӣ фасли калима ва таъбирҳо бо чанд мисол ва машқҳои маъмулӣ ва ҳаҷман хурд маҳдуд мегардад. Ин ба хонандагон имкон намедиҳад, ки бо гуногунии воҳидҳои луғавӣ ва аҳаммияти онҳо дар забон ошно шаванд. Китобҳои дарсӣ камтар таснифоти дақиқ ва содаи мансуб ба калима ва фразеологизмҳоро пешниҳод мекунанд, ки ба хонандагон барои дарки сохтор ва хусусиятҳои онҳо кумак кунад. Машқҳои мавҷуда аксаран ба азбаркунии маънои калимаву таъбирҳо маҳдуд мешаванд ва ба таҳияи маҳорати истифодаи фаъоли воҳидҳои луғавӣ дар нутқ (шифоҳӣ ва хаттӣ), инкишофи тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ равона нашудаанд. Масалан, кам пешниҳод мешавад, ки хонандагон бо калимаҳои куҳна, нав ё фразеологизмҳо матн, ҳикоя ва ё афсона эҷод кунанд. Навиштани эссе ё ҳикояҳои кутоҳ бо истифода аз муродифот, калимаҳои иқтибосӣ, фразеологизмҳо навишта, маънои онҳоро шарҳ диҳанд, дар ташаккули салоҳияти коммуникативии онҳо мусоидат менамояд. Луғатҳои махсуси мактабӣ [189] ва фарҳангҳои фразеологӣ [188], ки маъно, баромад, хусусиятҳои услубӣ ва мисолҳои истифодаи

калима ва таъбирҳоро ба таври муфассал шарҳ диҳанд, дар дастрасии хонандагон ва омӯзгорон кам аст.

Дар МТМУ бо омӯзиши амалии калима ва таъбирҳо хонандагон бо калимаҳои сермаъно шинос мешаванд: «Калимаомӯзӣ ё худ мунтазам азбаркунии калимаҳо, ки тадриҷан боиси бой гардидани захираи луғавии нутқи хонандагон мегардад, дар синфдои ибтидоӣ бе номбар намудани истилоҳоти илмиашон сурат мегирад, гарчи дар ин синфҳо онҳо бо мафҳумҳои ҷудогонаи луғат-калимаҳои ҳаммаъно, муқобилмаъно ва сермаъно шиносоӣ пайдо мекунанд» [141,156]. Дар марҳалаи махсус мафҳумҳои луғавӣ, ки калимаро аз ҷиҳати маъно, истифода ва пайдоиш тавсиф мекунанд, омӯхта мешаванд ва малакаҳои таълимӣ-забонии калима ва таъбирҳо оид ба ёфтани воҳидҳои омӯхташаванда, истифодаи онҳо дар нутқи худ, истифодаи луғатҳои гуногуни тафсирӣ ташаккул меёбанд.

Дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» омӯзиши зина ба зинаи калима ба ҳисоб гирифта шудааст: як қисми маълумот дар бораи он дар синфи 5-ум, як қисми дигар дар синфи 7-ум, 11-ум омӯхта мешавад. Мафҳумҳои луғавӣ ба барномаи синфи 5-ум дохил шуда, таълими мафҳумҳои луғавии марбут ба пайдоиш ва баромади калимаҳо дар синфи 7-ум ба назар гирифта шудааст. Омӯзиши воҳидҳои луғавӣ дар синфҳои 5-ум ва 7-ум шароити мусоид барои азхудкунии назария, ташаккули салоҳиятҳо, инчунин барои татбиқи ҳамгироии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик фароҳам меорад. Хонандагони синфи 5-ум омодагии умумӣ барои фарогирии мафҳумҳои ба маънои калима алоқамандро доранд. Бо омӯзиши калима таърифи маънои луғавӣ, муродиф, мутазод ва ғайраро азхуд мекунанд, аз матн воҳидҳои луғавиро шарҳ медиҳанд, нақши воҳидҳои луғавиро дар матнҳои илмӣ ва бадеӣ муайян мекунанд. Мафҳумҳои марбут ба пайдоиш ва истифодаи калимаҳо барои хонандагони синфи 6-ум дастрасанд, ки то лаҳзаи шиносоӣ бо калима асосҳои донишро аз фанҳои гуногун (таърих, ҷуғрофия, биология, математика, адабиёт) ҳосил кардаанд, ки замина барои кор оид ба истифодаи калимаҳо дар соҳаҳои гуногуни татбиқи забон ва оид ба пайдоиши калимаҳо омода гаштааст. Дар натиҷаи омӯзиши таърифи мафҳуми «Калимаҳои кӯҳна ва нав», «Калимаҳои соҳавӣ», «Калимаҳои шевагӣ»,

«Фразеологизмҳо» ва ғайраро азхуд мекунанд, дар матн воҳидҳои мувофиқро пайдо мекунанд, нақши онҳоро дар асарҳои бадеӣ муайян мекунанд. Вазифаи омӯзиши забони тоҷикӣ дар синфи 5-ум, пеш аз ҳама, фароҳам овардани шароит дар оғози кор оид ба воҳиди асосии коммуникативии забон, яъне калима ва ташаккули малакаҳои имлоӣ ва китобиро талаб мекунад. Муҳим ин аст, ки хонандагон ба дарки мафҳумҳои луғавӣ омода гашта, бо такрор ва васеъ кардани воҳидҳои луғавӣ маънои калимаро тавзеҳ мекунанд. Дар марҳалаи такрорӣ, аввалан, воҳидҳои луғавӣ, ки дар марҳалаи махсус омӯхта шудаанд, дар муқоиса бо воҳидҳои грамматикӣ баррасӣ мешаванд; дуюм, донишҳои аз калима ва таъбирҳо бадастомада такрор карда мешаванд ва малакаҳои луғавӣ ва таъбирҳо мустаҳкам карда мешаванд. Дар китобҳои дарсӣ барои ин супоришҳои иловагӣ ба машқҳо мавҷуданд.

Масъалаҳои умумии таълими калима ва таъбирҳо он мушкилотеро дар бар мегирад, ки ҳалли онҳо ба ҳамаи воҳидҳои забон тааллуқ дорад. Масъалаҳои умумӣ дар таълими калима ва таъбирҳо инҳоянд: вазифаҳо ва нақши омӯзиши калима ва таъбирҳо; принсипҳои интихоби мафҳумҳои луғавӣ ва таъбирҳо; мундариҷаи кор оид ба калима ва таъбирҳо; усули омӯзиши мафҳумҳои луғавӣ ва фразеологӣ ва усули ташаккули малакаҳои таълимӣ-забонии калима ва таъбирҳо; хусусиятҳои такрори калима ва таъбирҳо ҳангоми омӯзиши қисматҳои дигари забон; хусусиятҳои корҳои санҷишӣ оид ба калима ва таъбирҳо ва инкишофи салоҳиятҳои хонандагон. Омӯзиши калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳам ҳадафҳои маърифатӣ (таълимӣ) ва ҳам амалӣ дорад. Ҳадафҳои маърифатии омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ва таъбирҳо ташаккули ҷаҳонбинии илмии муҳассилин, мусаллаҳ гардонидани онҳо бо асосҳои назариявии лексикология ва рушди завқи зебоишиносии хонандагонро фаро мегирад. Дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ, омӯзиши калима ва таъбирҳо ҷиҳати дарки вазифаҳои бунёдии забон дар ҷомеа (коммуникативӣ, когнитивӣ), инчунин фаҳмиши робитаи зичи забон бо таҳаввулоти иҷтимоӣ ва мавқеи забони тоҷикӣ дар фазои ҷаҳонишавӣ нақши калидӣ мебозад.

Таълими муназзами калима ва таъбирҳо низоми донишҳои лингвистии хонандагонро ба таври назаррас такмил дода, онҳоро бо сарчашмаҳои ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва таснифоти иҷтимоиву ҳудудии вожаҳо шинос менамояд. Омӯзиши ин фасл имконият медиҳад, ки имконоти воҳидҳои луғавӣ ва гуногунрангии таъбирҳои забони тоҷикӣ ба таври аёнӣ намоиш дода шавад.

Дар низоми таълим диққати меҳварӣ ба рушди маърифати луғавӣ-семантикии мактаббачагон равона мегардад. Таҳлили луғавӣ-семантикӣ маҳорати фарқ кардани маънои луғавиро аз маъноҳои грамматикӣ тақвият бахшида, қобилияти муайян кардани робитаҳои парадигматикӣ ва синтагматикии калимаро дар низоми забон ташаккул медиҳад. Ин малакаҳо, ки ибтидо дар фасли калима поягузорӣ мешаванд, дар ҷараёни омӯзиши соҳаҳои дигари забоншиносӣ такмил ва истиқрор меёбанд.

Татбиқи вазифаи маърифатӣ низ дар бисёр мавридҳо ба дониши мактаббачагон дар бораи хусусиятҳои калимаҳо ва таъбирҳо, ки қобилияти доштани маъноҳои иловагӣ дар баробари номифодакунӣ ва хусусиятҳои услубиро доранд, такя мекунад. Омӯзиши калима ба тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносии хонандагон ба таври назаррас мусоидат мекунад, рушди тафаккури онҳоро таъмин менамояд, муҳаббат ба забони модарӣ, ташаккули кӯшиши азхуд кардани бойигарии луғавии забони тоҷикиро тарбия мекунад. Усулҳои анъанавии омӯзиши калима ва таъбирҳо дар шароити муҳити рақамӣ самаранокии худро гум кард ва равишҳои наву муосир ба ҳамкории фаъоли хонанда бо маводди таълимӣ равона карда мешавад, ки шаклҳои эҷодӣ ва интерактивии корро пешниҳод менамоянд. Истифодаи усулҳои инноватсионӣ дар ҷараёни таълиму тарбия заминаи воқеии инкишоф ва истифодаи имкониятҳои ҳар як хонандаро фароҳам меоранд. Ш.Ҳакимова бар он назар аст, ки «Инноватикаи педагогӣ ва дастгоҳи методологии он воситаи бебадали таҳлил, асосноксозӣ ва азнавсозии муосири таълим мебошад» [179,245].

Лозим ба таъкид аст, ки инкишофи технологияи рақамӣ ба таълими фанни забони тоҷикӣ таъсири мусбат мерасонад. Кӯшиши ворид намудан ва такмил додани фановариҳои иттилоотӣ, таҷдиди назар ба заминаи техникии онҳо ва

таъминоти барномавӣ, масъалаи доимо нав намудани барномаҳои таълимӣ ва маводди методӣ барои омӯзиши фанни забони тоҷик падидаи назаррас маҳсуб меёбад.

Дар партави иқдомҳои созандаву тавағҷуҳи пайвастаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барномаи таълим, китобҳои дарсии насли нав ва воситаҳои таълимӣ-методӣ барои хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мутобиқи муносибати босалоҳият ба таълим таҳия гашта истодааст. Бино ба иттилои мутахассисон, Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ, илмию методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз фанни забони тоҷикӣ барои хонандагони синфи 5-ум маҷмуи маводди таълимӣ:

1. «Забони тоҷикӣ» - китоби дарсӣ (136 саҳ.) бо теъдоди 225 ҳазор;
2. «Забони тоҷикӣ» - тавсияҳои методӣ барои омӯзгор (176 саҳ.) 9 000;
3. «Забони тоҷикӣ» - дафтари хонанда иборат аз ду қисм (қисми якум 88 саҳ. ва қисми дуюм 96 саҳ.) 240 000 нусха аз нашриёти Маориф соли 2024-ум
4. «Арзёбӣ». Забони тоҷикӣ. Синфи 5. ба табъ расонид.

Маводди хониш бо тарҳи нав бори аввал бо фарогирии машқу супоришҳое, ки салоҳияти забонӣ, коммуникативӣ ва маърифатии хонандагонро ташаккул медиҳанд, пешниҳод шудааст: «Маводди мазкур дар доираи лоиҳаи «Дастгирии татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» дар самти «Тақвияти низоми дастгирии омӯзгорон дар раванди татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим» бо дастгирии ЮНИСЕФ ва ҷалби гурӯҳи мутахассисони забони тоҷикӣ оид ба такмили сифати китоби дарсӣ омода шуд. Ёдовар мешавем, ки ин маҷмуи методӣ ва таълимӣ дар як қатор муассисаҳои таълимии кишвар аз озмоиш гузашта, баъди ислоҳи норасоиву камбудиҳо ба чоп пешниҳод гашт» [229, - 11.04.2025]. Дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» (иборат аз 15 фасл) истифодаи амалии воҳидҳои забон ба назар гирифта шуда, хонандагон на танҳо таърифу назария, балки баёни дурусти фикр, муҳокима ва хулосабарориро низ аз худ мекунанд. Иҷрои машқҳои гуногуни интерактивӣ ба таври гурӯҳӣ ва ҷуфтӣ барои фикрронӣ, таҳлил ва муҳокимаҳои мантиқӣ бештар тамоюли рушди малакаҳои хондан, навиштан ва суханрониро доранд. Матнҳои

хуб аз осори суханварони форсу тоҷик ва муосир интихоб шудаанд, ки мавзуву муҳтавои онҳо ба синну сол ва ҳаёти воқеии хонандагон наздиканд. Дафтари кории хонанда (иборат аз ду қисм) маҷмуи супоришҳоеро, ки дар асоси низоми нави таълим вобаста ба технологияи муосир ва талаботи муосири педагогӣ таҳия шудааст, фаро мегирад. Таълими ҳар мавзуъ дар 5 марҳала: «кӯшиш мекунем», «мушоҳида мекунем», «хулоса мекунем», «татбиқ мекунем» ва «мулоҳиза мекунем» пешбинӣ шудааст. «Омӯзгор хонандагонро бо мушкилоти ҳаётие рӯй ба рӯй мекунад, ки онҳо зарурати донистан ва бартараф карда тавонистани мушкилотро дарк кунанд. Бинобар ин, ҳар як фасл маҳз бо масъалагузорӣ оғоз мешавад, хонандагон кӯшиш мекунанд, ки мушкилиро ҳал кунанд, азбаски малакаи кофӣ надоранд, бо мушоҳида ҳар мавзуъро меомӯзанд, масъалаи баррасишавандаро муқоиса мекунанд, санҷида амалӣ мегардонанд. Ниҳоят, тавассути мулоҳиза (рефлексия) арзёбӣ мекунанд, ки то кадом андоза ҳалли масъалаи омӯхташаванда малака пайдо кардаанд» [55,6].

Ин равишҳо ба низоми хонандамеҳвар такя карда, қобилияти на танҳо донишомӯзӣ, балки коркарди иттилоот, фаъолнокӣ ва мустақилияти шогирдонро инкишоф медиҳад. Имкон фароҳам меорад, ки бо корбасти усулҳои фаъол, технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ ва педагогикаи ҳамкорӣ ба ҳар хонанда ба таври инфиродӣ муносибат карда, фаъолияти эҷодӣ, малакаи кори ҷуфтӣ ва гурӯҳӣ такмил дода шавад. Муҳассаноти ин маводди хонишро мутахассисон таъкид кардаанд: «Китобҳои дарсии насли нав тибқи риояи принсипҳои муносибати босалоҳият, ки яке аз онҳо ҳамкорӣ, рушди тафаккури интиқодӣ, ташаккули салоҳиятҳои коммуникативӣ, хулосабарорӣ, худбаҳодиҳӣ ва роҳҳои ҳалли масъалаҳо мебошад, омода карда шудааст. Чанд омилест, ки китобҳои дарсии насли нав бо фарогирии мавзуъҳо ва хусусиятҳо фарқ мекунанд, аз ҷумла супоришҳо тариқи инфиродӣ иҷро гардида, то анҷоми дарс омӯзгор ҳамчун роҳбалад супоришҳоро назорат намуда, оид ба мавзуи баррасишаванда рушди ҳамаҷонибаи омӯзиши хонандагонро арзёбӣ мекунад» [228, -17.11.2025 санаи муроҷиат].

Хонандагон аз рӯйи мушкилоти дар раванди таҳияи супоришҳо пешомада вобаста ба мавзуи таълимӣ саволҳо таҳия ва муаммоҳои пешомадаро муҳокима мекунанд. Дар қисмати охири фасли дарси якум дар ҷадвал кори хонанда ва омӯзгорро муқоиса ва пас аз муҳокимаронии гурӯҳӣ ҷавобҳо муаррифӣ мешаванд. Аксари супоришҳо пас аз иҷрои масъала бо ҳамнишини худ ва ё бо шакли дурусти омӯзгор пешниҳоднамуда қиёс, ислоҳ ва арзёбӣ гашта ва ин натиҷаи хуб медиҳад. Барои шарҳи қоидаҳои грамматикӣ диққат на ба азёди таъриф, балки ба истифодаи он дар нутқ равона карда мешавад. Мехоҳем чанд мулоҳизаи хешро аз таҳлили фасли муродифоти китоби мазкур иброз дорем. Пеш аз ҳама, риоя нагардидани таснифоти мавзуъҳои «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» ба назар мерасад. Дар барнома барои омӯзиши калима 7 соат (5+2) «Роҳҳои шарҳи маънои калима. Маънои аслӣ ва маҷозии калима. Калимаҳои якмаъно ва сермаъно. Муродиф, мутазод ва ҳамгунаҳо. Луғати тафсирӣ ва дузабона» [3,83] ва дар китоби насли нав танҳо барои муродифот 6 соат (4+2) аз ин фасл ҷудо гаштааст. Сабаби чунин таснифот ва ҳазфи мавзуъҳои дар китоби «Забони тоҷикӣ». Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор шарҳ дода нашудааст. Ҳикояи «Достони марди ғариб ва дӯсти ӯ» бе қайди сарчашмаи таҳияи мазмун аз матни достони «Маснавии маънавӣ» дар китоби «Забони тоҷикӣ»-и соли 2023-юм (Машқи 207, саҳ.133) дар фасли калимаҳои якмаъно ва сермаъно, вале дар китоби насли нав барои омӯзиши муродифот оварда шудааст [56,111]. Аз нуқтаи назари методологияи таълим, хонанда бояд на танҳо бо муҳтавои асар, балки бо асолати он – эътибори илмӣ ва таърихии онро низ шиносад. Аз қайд нагаштани сарчашма дар зеҳни хонанда чунин тасаввуррот ҳосил мешавад, ки ин матни мансур шакли аслии навиштаи Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ аст. Ҳол он ки «Маснавии маънавӣ» дар қолаби назм (маснавӣ) эҷод шудааст. Зикри сарчашма ба хонанда кумак мекунад, ки тафовути байни матни асл (назм) ва баргардон (наср)-ро дарк кунад. Агар сарчашма (масалан, дафтари чоруми Маснавӣ ё номи ҳикояи аслӣ) нишон дода шавад, хонанда метавонад ба нусхаи асл руҷуъ кунад ва ин боиси рушди худшиносии ӯ мегардад.

Дар марҳалаи «кӯшиш мекунем» дар китоби дарсӣ чунин омадааст: «Ба нақли омӯзгор гӯш кунед. Баъд аз он матнро мустақилона хонед. Хоҳари шумо, ки дар синфи 4-ум мехонад, матни «Марди ғариб ва дӯсти ӯ»-ро хонда, маънои баъзе калимаҳоро нафаҳмидааст. Оё шумо ба хоҳаратон ёрӣ расонида метавонед? «Чӣ тавр?» [56,111]. Аз қиёси 7 супориши кор бо матни мазкур аз китоби насли нав (супориши 1, 2, 3, 4, 5, 8, 12-ум) бармеояд, ки асосан шарҳи маънои 6 калима (ғариб, маскан гирифтан, бархурдан, сақф, осуда, сарпаноҳ) анҷом дода мешавад.

Яке аз унсурҳои консепсияи таълими забони тоҷикӣ дар МТМУ идроки маънои маводди хониш ва ташаккули шахсият ва ҳисси ифтихори миллӣ маҳсуб меёбад. Барои татбиқи ҳадафҳои мазкур ба мазмуну муҳтавои матн таваҷҷуҳ зоҳир кардан зарур аст: «Аз рӯйи принсипҳои баҳодиҳӣ ба китобҳои дарсӣ аввалин чизе, ки пас аз дастгоҳи илмию таълимӣ мавриди назар қарор мегирад, арзиши тарбиявии онҳост. Дар ин ҷо масъалаи ҳувият ва хештаншиносии миллӣ ва ватанхоҳию ватандӯстӣ дар навбати аввал меистад» [163]. Аз ин нигоҳ, таҳлили ҳикояи «Марди ғариб ва дӯсти ӯ» дар китоби дарсии нашри соли 2023-юм ба мақсад мувофиқ аст. Се супориши зикрёфта тафаккури интиқодии хонандагонро ташаккул дода, онҳоро ба ҷустуҷӯй ва ҷавоб гуфтан ба саволҳои пешниҳодшуда водор месозад: «Мазмуни матнро шарҳ диҳед. Ба марди ғариб дӯсташ маслиҳати хубе дода тавонист? Агар шумо ба ҷойи ӯ мебудед, чӣ кор мекардед?» [101,134] ва чунин ҷавобҳоро тақозо дорад: Аввал ӯро ба хонаи худ ҳамчун меҳмон мебурдам, то ҷойи муносиб пайдо кунад; Ба ҷойи нишон додани хонаи вайрона, амал барои таъмири он хона ва ё ҷустуҷӯйи хонаи обод ёрӣ мерасонидам.

Ҳамчунин байти зерини Саъдии Шерозӣ

«Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,

Дар парешонҳолию дармондагӣ» [101,134] мутаносиб ба ҳадафҳои самарабахши таълими забони тоҷикӣ аст.

Мутаассифона, дар китоби насли нав баррасии мазмуни матн аз эътибор дур мондааст. Ташаккули салоҳиятҳои хонандагон бо машқу тамрини калимаҳои душворфаҳм (баъди ошноӣ бо маънои онҳо) зимни иҷрои кори хаттӣ сурат мегирад. Аз ҷумла:

- сохтани ҷумлаҳои нав барои тарзи истифодаи онҳоро дар матнҳои гуногун беҳтар омӯхтан ва дар хотири шогирдон нақш бастан;

- пур кардани ҷумлаи нотамом бо интихоби муродифи мувофиқи калимаҳо;

- муқоисаи калима ва ибораҳо аз ҷиҳати услуб ва доираи истеъмол: калимаҳои ғариб, маскан, бархурдан, сақф, осуда, сарпаноҳ хоси услуби хаттӣ; аз ватан дурафтода, зиндагӣ кардан, вохурдан, болопуши хона, хотирҷамъ, хона дар нутқи шифоҳӣ ба кор меравад.

- супориши хурди эҷодӣ: тағйири ҷумла ҷумлаи сода бо унсурҳои гуфтугӯйӣ ба услуби хаттӣ.

Аҳаммияти таҳлили лингвистии матн дар он аст, ки имкон медиҳад сохтор, маъно ва хусусиятҳои забонии матн амиқтар дарк шавад. Дар матни асари бадеӣ на танҳо маъноҳои асосию иловагӣ, аслию маҷозӣ, инчунин тобишҳои нозуки маъноӣ ҳам зуҳур менамояд. Иҷрои машқи ёфтани муродифоти калимаҳо аз матнҳои классикӣ (ба монанди маснавии Ҷалолиддини Балхӣ) ҷиҳатҳои хос дорад ва мушкилиҳоеро пеш меорад, ки донистани онҳо барои хонандагон муҳим аст: 1.Тафовути ҷилоҳои маъноӣ: дар забони тоҷикӣ маъно нисбат ба калима зиёдтар аст ва вобаста ба мавқеи истеъмол тобишҳои гуногуни маъноӣ зоҳир менамоянд. Масалан, вожаи «ғариб» чунин маъноҳоро дорад: 1.нодир, аҷиб, ғалатӣ; 2.аҷаб, шигифт; 3. мусофир, одами бегона; аз ватан ва хонумон дурафтода; 4.маҷ.хору зор; бекас [208,648] аст, ки дар матни боло ба маънои маҷозии «мусофир, бекас» омада, вале ба хонандагон қайди муродифи «аз ватан дурафтода» наздиктар аст; 2. Ифодаи хусусияти ҳиссии вожа: ба назар нагирифтани ҷилоҳои маъноӣ ва мавқеи истеъмол зебоӣ ва мантиқи суханро халалдор менамояд. «Обуранги эмотсионалии калима чунин сарбории маъност, ки баҳои маънавии умум ё муносибатҳои субъективонаро ифода мекунад. Баҳои маънавӣ одатан мусбат ё манфӣ мешавад [64,81].

Таҳияи «Харитаи эҳсосии калимаҳо» барои ҳикояи «Достони марди ғариб ва дӯсти ӯ» на танҳо ба шарҳи маънои луғавӣ, балки барои дарки руҳияи ботинии қаҳрамонҳо низ мусоидат менамояд. Дар ин матн мубoризаи байни «умеду орзу» ва «воқеияти талх» ба мушоҳида мерасад. Калимаҳо аз ҷиҳати хусусияти ҳиссӣ ба

се гурӯҳ тақсим кунем: а) маънои мусбат: осуда - эҳсоси амният ва оромиши ботин; ҳамсар - рамзи гармии оила ва танҳо набудан; сарпаноҳ–соҳиби хона будан; дӯст-умед ба дастгирӣ; б) маънои манфӣ: ғариб: эҳсоси танҳоӣ, бекасӣ ва дурӣ аз Ватан; вайрона-нишони ноустуворӣ, факр ва бечорагӣ; бидуни сакф-ҳисси беҳимоятӣ дар баробари офатҳои табиат (борон, сармо) ва ё сахтиҳои рӯзгор. Вожаи меҳварии «агар» рамзи ваъдаҳои холӣ ва орзуҳои амалинашаванда аст, воқеият ва орзуро мепайванданд, вале натиҷаи амалӣ надорад.

Машқҳо барои кори гурӯҳӣ на танҳо ба шакли хаттӣ, балки ба таври саҳнавӣ ё муколамаи байни ду хонанда гузаронида шавад, натиҷаи хуб медиҳад. Супоришҳои эҷодӣ навиштани эссеи хурд, тавсиф аз рӯйи расм, навиштани мазмуни ҳикоя, матн ва хулосаи онҳо ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ муоидат менамояд. Зимни ташкили «Диктант аз рӯйи расм» хонандагон номи ашёи дар расм тасвиршударо бо риояи қоидаҳои имло менависанд. Навиштани эссе дар асоси «Харитаи эҳсосии вожаҳо» низ пешниҳод мегардад ва хонандагон кӯшиш мекунанд, ки фалсафаи Мавлоноро бо истифода аз вожаҳои калидӣ шарҳ диҳанд. Шарҳи масъалаи зиндагӣ дар миёни «агар» ва воқеият дар асоси матни «Марди ғариб».

Дар таҳияи китобҳои дарсӣ бо вуҷуди назорати ҷиддӣ ва баррасии мутахассисон, баъзан хатоҳои техникӣ роҳ ёфтааст, ки метавонад ба сифати таълим ва дарки мавзуъ аз ҷониби хонанда таъсири манфӣ расонад. Масалан, дар дафтари кории хонанда фасли муродифот дар саҳифаи 61, вале дар мундариҷа саҳифаи 65 қайд шудааст. Дар супориши 1-уми китоб номи ҳикоя «Марди ғариб», дар дафтари хонанда «Достони марди ғариб ва дӯсти ӯ»; номи шоир дар китоб Ҷалолиддини Балхӣ, дар дафтари хонанда Ҷалолуддини Балхӣ навишта шудааст. Дар китоби «Тавсияҳои методӣ барои омӯзгор» муродифҳо фасли 14, вале зимни нишон додани миқдори соатҳо фасли 13 омадааст.

Бунёди ҳама гуна навгонӣ дар соҳаи маориф ба таҳия ва чопи китобҳои дарсии мутобиқ ба талаботи стандарти муосири таҳсилот алоқаманд аст. Принсипи асосии пайдарпайии мантиқӣ дар заминаи донишҳои қаблӣ сохта мешавад ва ин равиш дар китобҳои дарсии қаблан интишорёфта риоя мегардид.

Хонанда метавонист бидуни монеаи ҷиддӣ матнро мустақилона мутолиа карда, моҳияти онро дарк кунад. Китобҳо барои «худҳидояткунӣ» мувофиқ буданд. Аз хусуси ин масъала методистон чунин андешаронӣ кардаанд: «Дар хотир дорам, ки солҳои 70-уми асри рафта мо – хонандагон, ҳатто, мавзуъҳои омӯзгорон нагузаштаро мустақилона мехондем ва онҳоро ба осонӣ мефаҳмидему дарк мекардем» [230].

Рушду камолоти насли наврас ба маводди китобҳои дарсӣ иртиботи қавӣ дорад ва дар ташаккули салоҳияти маърифатӣ ва ҷаҳоншиносии онҳо нақши муҳим мебозад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши китобро чунин тавсиф кардаанд: «Китоб инсонро ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад» [8]. Таҳия ва нашри китобҳои дарсӣ ва илмию методӣ масъулият ва ҷиддиятро талаб мекунад, маънавӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоиро тақозо дорад, зеро китоби дарсӣ таҳкурсии ҷаҳонбинии насли наврас ва манбаи асосии ташаккули савияи дониши онҳост. Масъулияти муаллифон ва гурӯҳи эҷодӣ дар дурустии илмии маълумот, интихоби матнҳои ҷавобГӮЙ ба талаботи дидактикӣ, машқу супоришҳои мантиқӣ ва марбут ба ҳаёти шогирдон ва ба рушди тафаккури интиқодӣ ва эҷодӣ тамоюлдошта зоҳир мегардад. Бинобар он, ба назар гирифтани таносуби мантиқии назария бо амалия, рушди фарҳанги нутқи хонандагон ва такмили мустақилонаи донишу малакаи онҳо зарур аст. Таваҷҷуҳ ба ин муаммоҳо кафолат медиҳад, ки насли нав бо донишҳои муосир, худогоҳии миллӣ ва савияи баланди маърифат парвариш меёбад.

Ҳангоми истифодаи усули фаъоли таълим хонандагон мустақилона донишҳои навро меомӯзанд. Онҳо маълумотро меҷуянд, таҳлил мекунанд, чизи асосиро ҷудо мекунанд. Ин равиш на танҳо ба гирифтани дониш кумак мекунад, балки қобилияти маърифатӣ, тафаккури интиқодӣ, мустақилият, малакаҳои кор бо иттилоотро низ инкишоф медиҳад. Хонандагоне, ки аз воситаҳои муосири таълим истифода мебаранд, бештар ба раванди таълим ҷалб карда мешаванд. Ин аз он сабаб аст, ки маводди дар формати ҷолибтар ва мувофиқ пешкаш карда мешавад ва аз худ кардани он нисбат ба усули анъанавӣ осонтар аст. Масалан, хонанда

бештар аз хондани сархати китоби дарсӣ муаррифии график, расму тавсифҳои кутоҳро меомӯзад. Зери мафҳуми замимаи мобилии таълимӣ як шакли фаъолияти таълимӣ фаҳмида мешавад, ки намуди барнома барои телефони мобилӣ, планшет ё компютерро дошта, дорои маҷмуи муайяни вазифаҳо мебошад ва раванди таълимро фаъол мегардонад. На ҳамаи замимаҳои мобилиро мо метавонем дар раванди таълим истифода барем. Ба онҳо як қатор талабот мавҷуданд: маҷмуи меъёр ва шартҳо барои таъмини низоми беҳтари сохтори иттилооти таълим ва пешниҳоди он тавассути замимаҳои мобилӣ; аёнкунии ниҳоии маводди таълим; маводди овозӣ савтӣ; имконияти санҷиши фаврии супоришҳои иҷрошуда; имконияти иҷрои чандкаратаи супоришҳо бо мақсади мустаҳкам намудани дониш.

Барои ин метавон чанд шакли санҷиши донишро эҷод кард: аз санҷишҳо то ҷавобҳои муфассал. Масалан, платформаи Skillspace ба ташаккули вазифаҳо аз рӯйи намунаҳо кумак мекунад. Тамоми маводди хониш, ба монанди китобҳои дарсӣ, дафтарҳо, дастурҳои иловагӣ, фарҳангномаҳо ва дигар лавозимоти кориро дар як платформа мавҷуд мебошанд, ки дар он хонандагон вазифаҳои хонагиро иҷро мекунанд. Алҳол, замима ва сомонаи eDonish барои мактабҳои шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои кишвар пешбинӣ шуда, дар Портали таълимии Maktab.tj маводди дарсӣ, китобҳои дарсии электронӣ [PDF] ва захираҳои иловагӣ барои хонандагони тоҷик ҷамъоварӣ шудаанд.

Хусусиятҳои асосии омӯзиш бо рақамикунонии таълим аз он иборат мебошад, ки маълумот бояд аёнӣ ва ҷалбкунанда пешниҳод гардад. Барои ин, масалан, ба ҷойи матни китобҳо платформаҳои электронӣ истифода мешаванд, ба ҷойи ҳалли масъала дар дафтари корӣ санҷишҳои маҷозӣ (виртуалӣ) бо баҳодиҳии худкор (автоматӣ) гузаронида мешаванд, ба ҷойи 100 шарҳи шифоҳии маводди, навори аёнӣ (видеои визуалӣ) дохил карда мешавад. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ дар омӯзиши забони тоҷикӣ нақши муҳим дорад. Ин раванд дар замони ҷаҳонишавӣ барои рушди забон, корбасти фановариҳои иттилоотӣ ва густариши фарҳанг дар фазои маҷозӣ мусоидат мекунад: «Модернизатсияи таълимро бе истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ-

коммуникативӣ тасаввур кардан номумкин аст. Маҳз онҳо яке аз воситаҳои муҳимми дастрасии таълим мебошанд ва маҳз воситаҳои технологиву коммуникативӣ самаранокии тамоми ҷараёнҳои раванди таълиму тарбияро муайян менамоянд. Истифодабарӣ аз васоити техникӣ, маводди шабакаҳои глобалӣ хангоми таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар мактаб ба баландшавии сифати таълим оварда мерасасонад» [178,121].

Яке аз чунин методҳои интерактивӣ сохтани лоиҳаҳои мултимедиявӣ мебошад, ки хонандагон пайдоиши фразеологизмҳоро тавассути видео ё намоиши мутаҳаррик (пӯёнамоӣ, аниматсия) шарҳ медиҳанд. Корбасти ин навъ усулҳо барои омӯзиши хубу матлуби мавзуъ мусоидат мекунанд ва машғулиятҳоро шавқовар мегардонанд. Ҳамчунин истифода аз квестҳои онлайн ва барномаҳои бозигуна, ба монанди «Таъбирро рамзкушоӣ кун» ва «Вожаҷӯй» имкон медиҳанд, ки донишҳо дар шакли интерактивӣ мустаҳкам карда шаванд ва онҳо ба рушди малакаҳои таҳлили маънои калима ва таъбирҳо нигаронида шудаанд. Бозии калима ё калимаёб бозии шавқовари маърифатӣ ва ҷадвали вожагон (филворд) барои Android мебошад, ки барои ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ, баланд бардоштани зеҳн ва машқ додани майнаи сар пешбинӣ шудааст Google Play [https: //play. google. Com /store/ apps/details]. Бозӣ дорои садҳо сатҳ бо калимаҳои маъмули тоҷикӣ буда, барои ҳамаи синну сол мувофиқ аст; Мақолро ёбед–бозии тоҷикӣ [https:// play. google. com/ store/ apps/ details? id=tj]. Дар ин барнома 500 зарбулмасалу мақолҳои тоҷикӣ дар шакли бозӣ бо забони тоҷикӣ оварда шудааст. Зарбулмасалу мақолҳо ҳам як ҷузъи бойигарии забониману шумо – забони тоҷикӣ аст ва дар тули ҳазорсолаҳо аз забон ба забон гузашта (шифоҳӣ ва хаттӣ) то ба мо омада расидаанд. Зарбулмасалу мақолҳо аз нигоҳи мавзуъ мухталиф буда, ба таври муъҷаз ифода ёфта, пурматолибанд ва тамоми соҳаҳои ҳаёти моро фаро гирифтаанд.

Дигаргунсозии рақамии таълим нишон медиҳад, ки иттилоот бояд сифатнок бошад, зеро он ба тамоми гӯшаи ҷаҳон дастрас мегардад. Масалан, ҳодисаҳои забон (муродифот, мутазод, ҳамгунаҳо, таъбирҳо)-ро тавассути китоби дарсии электронӣ, ки аз телефони ҳушманд (смартфон) кушода мешавад, омӯхтан

мумкин аст. Дар шабакаи иҷтимоӣ ҳазорҳо манбаъи иттилоот мавҷуд аст: порталҳо, китобхонаҳо, ҳамоишҳои маҷозии мутахассисон (вебинарҳои коршиносон), курсҳои омӯзишӣ ва ғайра.

Ба воситаи технологияи рақамӣ кори муштараки хонандагонро низ ташкил кардан мумкин аст ва бисёр дастур, барнома ва фазои ҳамкорӣ мавҷуд мебошанд. Дар дарсҳо муаллимон кӯшиш мекунанд, ки хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд тақсим кунанд. Ин ҳам як принсипи дигари омӯзиши рақамӣ мебошад ва дар ин ҳолат хонандагон бо ҳам бештар муошират мекунанд, кори дастаҷамъонаи гурӯҳиро иҷро намуда, бо якдигар ҳамкории доимӣ мекунанд. Рақамисозӣ таҳсилотро самараноку босифат мегардонад. Воситаҳои рақамӣ ва таъминоти барномавӣ имкон медиҳанд, ки барномаҳои таълимии интерактивӣ ва ҷолиб мувофиқ ба ҳадафҳои омӯзиши калима ва таъбирҳоро таҳия намоем. Вобаста ба он хонандагон метавонанд таҷрибаҳои худро гузаронанд, вазифаҳоро ҳал кунанд ва фикру мулоҳизаҳои заруриро ба даст оваранд, бо маводди таълимӣ кор кунанд. Ин равиш азхудкунии маводдро беҳтар мекунад. Ш.Ҳакимова қайд менамояд, ки «Истифодаи ТИК ва интернет танҳо истифодаи «техника» нест, балки василаи фардиятгарӣ (персонификатсия) мебошад. Ҳар як хонанда мувофиқи шавқи худ (яке бо видео, дигаре бо тест, сеюми бо харита) мавзуъро аз худ мекунад» [178,123].

Дар шабакаҳои иҷтимоӣ оид ба омӯзиши воҳидҳои луғавӣ маводди зиёд ва мухталиф пайдо кардан мумкин аст. Дар сайтҳои махсус луғату муҳовараҳои мухтасар ва соҳавӣ низ ба табъ мерасанд, ки аз 500 то 2000 вожаю ибора ва таркиби серистеъмоли забони тоҷикиро дарбар мегирад. Мо зиёда аз 130 дарсу суҳбатҳои таълимию тарғибии шабакаҳои иҷтимоиро вобаста ба омӯзиши калима ва таъбирҳо ба ҳисоб гирифтем, ки дар онҳо таълими калима ва таъбирҳои тоҷикӣ интишор гардидаанд. Дар ин маврид бояд бигӯем, ки баъзе сабтгарон танҳо забони тоҷикӣ, баъзеи дигар форсӣ-тоҷикӣ ва гурӯҳе танҳо форсӣ ёд кардаанд, зеро салиқаи забондониву забоншиносиашон гуногун буда, наворҳо бештар бо дастуру маслиҳати ғайримутахассис таҳия шудааст.

Технологияҳои рақамӣ ба мо имкон медиҳанд, ки вазифаҳои муқаррарии пешбурди баҳисобгирии фаъолият, банақшагирии дарсҳо ва баҳодиҳии хонандагон ба тарзи автоматӣ иҷро карда шавад. «Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбии омӯзгор масъалаи мураккаб буда, тамоми соҳаҳои раванди таълимро дар бар мегирад, аз қабили: фаъолияти таълимӣ, фаъолияти беруназсинфӣ, фаъолияти ташкилию идоракунӣ, фаъолияти назоратию ченкунӣ, фаъолияти илмӣ ва методӣ. Он аз таҳия ё ҷустуҷу ва интихоб, арзёбии сифат, апробатсия ва муайян кардани соҳаи татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар доираи ҷорӣ намудани онҳо ба амалияи педагогӣ иборат мебошад» [178].

Умуман, асри рақамӣ навсозии методикаҳои таълими калима ва таъбирҳоро тақозо мекунад. Ҳамгироии технологияҳои рақамӣ имкон медиҳад, ки раванди омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ босуръаттар, интерактивӣ ва шавқовар гардад. Мақсади  асосии таълими калима ва таъбирҳо ташаккул додани салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботии хонандагон аст ва ба таври зарурӣ азхуд кардани ин фасли барнома барои омӯзиши қисматҳои дигари забони тоҷикӣ, имло ва грамматика, бой гардонидани таркиби луғавии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад. Бояд гуфт, ки омӯзиши калима ва таъбирҳо инчунин ба дарки беҳтари дигар воҳидҳои забон тавассути муқоисаи вазифаҳо ва маъноҳои онҳо (агар дар воҳидҳои муқоисашаванда мавҷуд бошад) ва вобастагии фаъолияти воҳидҳои калимасозӣ, морфология ва синтаксис аз хусусияти маънои луғавии калимаҳо мусоидат мекунад.

Омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ба рушди нутқи хонандагон ва ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва фразеологии онҳо ва азхудкунии меъёрҳои луғавӣ-услубӣ, барои ташаккули нутқи монологӣ мусоидат мекунад. Ғанӣ гардонидани таркиби луғавӣ ба дониши хонандагон дар бораи маънои луғавии калима ва фразеологизмҳо, усули тафсири семантикаи калимаҳо ва фразеологизмҳо, муродифҳо ва калимаҳо бо маънои маҷозӣ, инчунин ба қобилияти истифодаи луғати тафсирӣ такя мекунад. Азхудкунии меъёрҳои луғавӣ-услубӣ бо донистани қобилияти якҷояшавии калимаҳо ва фразеологизмҳо вобаста ба семантикаи онҳо алоқаманд аст. Интихоби калимаҳо ва фразеологизмҳо ҳангоми эҷоди матн, дар

баробари дигар сабабҳо, бо хусусиятҳои услубии онҳо, қобилияти калимаҳо барои иваз кардани ҳамдигар дар мавқеъҳои мувофиқ муайян карда мешавад. Дониши хонандагон дар бораи мафҳумҳои луғавӣ ва фразеологӣ шароит барои шиносоии онҳо бо хусусиятҳои забонии асарҳои бадеии омӯхташавандаро таъмин менамояд.

Аз рӯйи барномаи таълим дар МТМУ таълими калима ва таъбирҳо яке аз рукнҳои асосии ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон ба шумор рафта, ҳадафи он на танҳо аз худ кардани миқдори муайяни воҳидҳои луғавӣ, балки аз бар намудани имконият ва сарвати забон мебошад. Масъалаи меҳварии омӯзиши ин фасл дар он зоҳир мегардад, ки хонанда бояд тафовути байни вожаҳо ва таъбирҳоро ба таври амиқ дарк намояд. Дар раванди таълим диққати асосӣ ба он равона мешавад, ки калима ҳамчун воҳиди номифодакунанда ва таъбир чун воҳиди муассиру образноки нутқ дар шохаҳои гуногуни услубӣ мавқеи муайян дорад. Фарогирии ин бахш дар МТМУ ба принсипи алоқамандии назария бо амалия такя мекунад ва ҳадаф аз он ҳифзи таърифу дастурҳо нест, балки бояд салоҳиятҳои забонӣ, иртиботӣ ва маърифатии хонанда ташаккул дода шавад. Муҳассилин тавонанд дар вазъиятҳои гуногуни муошират калимаву ифодаҳои мувофиқро интихоб намуда, фикри худро равон ва ҷолиб баён созанд. Таълими калима ва таъбирҳо пояи асосии ғановати захираи луғавӣ ва боиси густариши тафаккури мантиқию эҷодии хонандагон дар раванди таълим маҳсуб меёбад.

## 2.3. Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон зимни таълими калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ

Ҳануз дар солҳои 70-ум бахшҳои марбут ба воҳидҳои луғавӣ дар барномаи таълими забони тоҷикии ҷумҳурӣ мавқеи махсус гирифта, ҳамчун фаслҳои алоҳида ворид карда шуданд. Бо ин ҷанбаи маърифатӣ-амалии омӯзиши забони тоҷикӣ ба куллӣ тағйир ёфта, боиси афзоиши шавқу рағбати хонандагон ба забономӯзӣ гардид. Ин иқдом на танҳо корҳои беруназсинфиро тақвият бахшид, балки барои гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ, факултативӣ ва маҳфилҳои илмӣ оид ба калима ва таъбирҳо дар синфҳои миёна заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар муддати нисбатан кутоҳи омӯзиши фаслҳои номбурда, соҳаи нави методикаи таълими забони тоҷикӣ–методикаи калима ва таъбирҳо ташаккул ёфт. Ин соҳа ҳадафҳо ва муҳтавои таълимро мушаххас намуда, методҳои омӯзиши мафҳумҳои лексикологӣ ва фразеологиро муайян кард. Инчунин, усулҳои ташаккули малакаҳои таълимӣ-забонии хонандагонро дар самти истифодаи дурусти захираи луғавӣ тарҳрезӣ намуд. Дар эҷоди ин соҳаи нави методикаи таълим бисёр забоншиносон, методистони ватанӣ ва омӯзгорони пешқадам, ки мақолаву коркарди дарсҳояшон дар маҷаллаҳои илмӣ-методӣ ва маҷмуаҳои мухталиф нашр шудаанд, саҳми арзанда гузоштанд. Масъалаҳои методикаи калима ва таъбирҳо дар мактабҳои Тоҷикистон дар бисёр семинару конфронсҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва таҳлили амиқ қарор гирифтаанд.

Дар ҳоли ҳозир зарурати ҷамъбасти дастовардҳои илмӣ ва таҷрибаи мактабӣ дар соҳаи методикаи калима ва таъбирҳои забони тоҷикӣ ба миён омадааст. Эҳтиёҷ ба таҳияи дастурҳои нав эҳсос мешавад, ки дар онҳо омӯзгор тавонад шарҳи муфассали масъалаҳои лингвистӣ ва методиро марбут ба курси мактабии калима ва таъбирҳо дар заминаи муносибати босалоҳият пайдо намояд.

Яке аз усули асосии кори самарабахш оид ба рушди нутқи хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар дарсҳои забони тоҷикӣ кор бо калима ва таъбирҳо мебошад. Маҳз тавассути иҷрои супоришҳои мақсаднок маводди назариявии забон дар шуури муҳассилин на танҳо ҳамчун иттилооти хушк, балки ҳамчун заминаи амалӣ нақш баста, ба малакаҳои устувори нутқӣ табдил меёбад. Ба андешаи мо, ин раванд имкон медиҳад, ки донишҳои лингвистии хонанда аз сатҳи донистани қоида ба сатҳи истифодаи фаъоли забон дар вазъиятҳои гуногуни коммуникативӣ гузариш намояд. Барои расидан ба ин ҳадаф, машқҳо бояд хусусияти зеринро фаро гиранд:

1. Хонанда бояд дар дохили матн воҳидҳои луғавиро пайдо карда, тобишҳои маъноии онҳоро дар робита бо контекст муайян намояд. Ин амал боиси дарки амиқи маъноҳои асливу маҷозии калима мегардад;

2. Тавассути машқҳо хонанда бояд маҳорати иваз намудани вожаҳои оддиро бо таъбирҳои муассири фразеологӣ пайдо кунад, ки ин боиси эҳсосӣ ва нишонрас гаштани нутқи ӯ мегардад;

3. Супоришҳо бояд хонандаро ба таҳияи матни мустақил (иншо, эссе, муколама) равона созанд, то ӯ битавонад захираи луғавии андухтаашро ҳамчун василаи ифодаи афкори шахсӣ истифода барад.

Низоми машқҳои ба матн асосёфта саводи имлоии шогирдонро такмил мебахшад, салоҳияти иртиботии хонандагонро ташаккул медиҳад ва барои алоқаманд намудани назария бо амалия замина фароҳам меозад ва шогирдонро аз донишомӯз ба суханГӮЙи ботадбир табдил медиҳад. Таълими забони тоҷикиро бе маводди дидактикӣ ва машқу мисолҳо тасаввур кардан мумкин нест. Машқҳо аз ҷиҳати сохт, мундариҷа ва ҳадаф гуногун буда, пеш аз ҳама, бояд ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ ва нутқи саҳеҳу мураттаб нигаронида шаванд. Таҳлили маводди китобҳои дарсӣ, матнҳои бадеӣ ва матнҳои эҷодкардаи шогирдон барои дурусттар фаҳмонидани мавзуъ ва салоҳиятнокии хонандагон хизмат мекунанд.

Дар поён намунаи як қатор машқҳоро меорем:

Маҷмуи машқҳои сикли (системавӣ) дар заминаи матн

Машқи 1. Таҳлили вожаҳо аз матн (Машқи мушоҳидавӣ)

Матн: «Баҳори Тоҷикистон хеле зебо аст. Офтоби тобон заминро гарм мекунад. Насими форам бӯйи гулҳои баҳориро ба ҳар суй мебарад. Деҳқон бо умеди ҳосили фаровон ба саҳро мебарояд».

Супориш:

1. Калимаҳои «зебо», «тобон» ва «форам» - ро бо муродифҳояшон иваз кунед.

2. Оё пас аз иваз кардани калимаҳо мазмуни матн тағйир ёфт? Кадом вариант ба гӯш хуштар мерасад?

Машқи 2. «Рангорангии нутқ»

Мақсад: Гузариш аз калимаҳои одӣ ба таъбирҳои муассир.

Супориш: Дар ҷумлаҳои зерин калимаҳои ишорашударо бо таъбирҳои (фразеологизмҳои) мувофиқ иваз намуда, матнро бознависӣ кунед.

1.Аҳмад аз гапи дӯсташ сахт хафа шуд (........).

2.Модарам барои меҳмонон бисёр кӯшиш кард (........).

3.Ҳама ба гапҳои бобоям бодиққат гӯш медоданд (........).

Намуна: гӯш ба қимор будан, димоғ сухтан, ҷон коҳондан.

Машқи 3. «Дарёфти ҷузъи зиёдатӣ» (Машқи мантиқӣ)

Супориш: Дар ҳар як қатор калимаеро ёбед, ки ба гурӯҳи муродифҳо дохил намешавад:

1. Озода, поку олуфта, ифлос, назофат.

2. Кӯшиш, талош, ҷаҳд, сустӣ.

3. Хандидан, лабханд задан, гиристан, табассум кардан.

Машқи 4. Машқи эҷодӣ

Мақсад: Ташаккули малакаи мустақилона истифода бурдани таъбирҳо.

Супориш: Бо истифода аз таъбирҳои зерин як ҳикояи кутоҳ (4-5 ҷумла) дар мавзуи «Дар дарси забони тоҷикӣ» нависед:

-«Даҳон воз шудан»

-«Аз бар кардан»

-«Нури дида»

Машқи 5. Кор бо луғат

Супориш: Бо истифода аз луғати тафсирӣ маънои асливу маҷозии калимаи «Чашм»-ро пайдо кунед.

-Дар кадом ҳолат мо «чашми хурус» ё «чашми чашма» мегуем? Ин таъбирҳо чӣ маъно доранд?

Ҳангоми интихоби маводди дидактикӣ машқу мисол ва супоришҳо, масъалаи пайдарҳамӣ ва мувофиқати онҳо ба мавзуъҳо ба инобат гирифта мешавад. Маводди дидактикӣ ва машқу мисолҳо вақте манфиатнок мешаванд, ки агар онҳо ба мавзуъ ва такрору мустаҳкам кардани онҳо мувофиқ бошанд. Машқҳо ҳам аз ҷиҳати таълимӣ ва ҳам тарбиявӣ бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

- ҳамаи масъалаҳои ба моҳияти мавзуъ дахлдорро дар бар гиранд;

- ба пайдарҳамию алоқамандӣ ва тадриҷан мураккабшавии мавзуъҳои таълимӣ мусоидат кунанд;

- барои муқоиса ва муқобилгузорӣ факту далелҳои фаровон дошта бошанд;

- ҳаҷман калон набошанд ва хонандагонро ба он водор кунанд, ки ба забон на сарсарӣ, балки дақиқона муносибат кунанд;

-ба инкишофи малака ва маҳорати хонандагон равона шуда бошанд.

«Тарзи банақшагирии спиралӣ ва технологияи таълими фаъол бо мақсади ба низом даровардан ва ба қолаби ягона ҷо додани талаботи муносибати салоҳиятнок, ки рукнҳои асосии татбиқи муносибати салоҳиятнок мебошанд, дарсҳо мувофиқи марҳалаҳои ташаккули салоҳиятҳо ба нақша гирифта мешаванд. Мусаллам аст, ки ташаккули салоҳият машқи зиёд ва пайдарпайиро талаб мекунад» [227-таърихи мурочиат 30.04.2026].

Машқҳо аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа бояд ба талаботи зерин ҷавоб диҳанд:

а) аҳаммияти тарбиявӣ дошта бошанд; б) дар бораи ҳодисаҳои ҳаёти имрӯза ва гузашта ахборот диҳанд; в)бозёфт ва навигариҳои тозаи илму техникаро дар бар гиранд; г)хислатҳои беҳтарини одамони даврони моро инъикос кунанд; ғ) фактҳои таърихиро ба хонандагон омӯзонида, дар хусуси таърихи халқи худ ва халқҳои дигар маълумот диҳанд; д) оид ба зиндагию кору бори ашхоси бузург маълумот диҳанд; е) таърифоти грамматикиро исбот намоянд. «Методи машқ, ки асосан вазифаи ташаккул додани маҳорату малакаро дорад, метавонад чунин усулҳоро дар бар гирад: намунаи кори муаллим, дар асоси намуна мустақилона машқкунии хонандагон, ба пешқадамон супоридани машқҳои иловагӣ, ҳамкории муаллим бо хонандагони донишашон суст, сустхононро руҳбаланд кардани муаллим, натиҷагирӣ ва ғайра» [234].

Машқҳои китоби дарсӣ бештар аз осори маъруфтарин намояндагони адабиёти классикони адабиёти тоҷик ва адабиёти халқҳои бародар, инчунин адабиёти муосири тоҷик интихоб карда шаванд, ки бо равонӣ ва суфтагин услуби худ хонандаро ба шавқ оварда, ба пайравӣ кардан водор намоянд. Равишшиносон яке аз хусусияти машқи китобҳои дарсиро чунин шарҳ додаанд: «...машқҳо ҷумлаҳои алоҳида, таблитсаю схема ва расму лавҳаҳои ҷудогонаро дар бар мегиранд, ки ба мақсади ҳар чи барҷастатар намоиш додани моҳияти таълими забон, омӯзонидани ҷиҳатҳои ҷудогонаи каломи бадеӣ, муқоисаи қонуниятҳои

гуногуни забон, санҷиши дониш ва маҳорати талабагон, ба мустақилият водор намудани онҳо тартиб дода шудаанд» [108, 133].

Дар педагогика ду навъи машқ фарқ карда мешавад:

1. Машқҳои умумӣ, ки ҳар як мафҳуми лексикиро меомӯзанд;

2. Машқҳои хусусӣ, ки барои ҳар як мафҳуми луғавӣ фардӣ мебошанд.

Намуди машқҳо барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ:

«Дар амал мустаҳкам намудани донишҳои назариявии хонандагон натиҷаи дилхоҳ медиҳанд. Чунончи: 1.Таҳлили грамматикӣ (шифоҳӣ ва хаттӣ); 2.Тағйир додани шаклҳои морфологӣ дар матн, иваз намудани калима ба муродифи он; 3. Мустақилона сохтани калима (сохта, мураккаб, таркибӣ), ибора (сода ва мураккаб) ва хелҳои гуногуни ҷумла; 4. Муайян кардани маънои воҳиди луғавӣ дар байни калимаҳо, ибора, ҷумла ё дар матн. Барои иҷрои ин машқ хонандагон бояд аломатҳои фарқкунандаи воҳидҳои луғавиро донанд; 5.Интихоби мисолҳо барои тасдиқи назарияи ин ё он воҳиди луғавии омӯхташаванда. Барои иҷрои ин машқ хонандагон калимаҳоро аз луғатҳо, китобҳои дарсӣ, бадеӣ ва ё аз хотира менависанд. 6.Муайян кардани мавқеи мафҳуми луғавӣ дар матн. Бо ёрии ин машқ шароит барои мустаҳкам кардани хусусиятҳои воҳидҳои луғавии омӯхташуда ва барои фаҳмидани воситаҳои тасвир дар асарҳои бадеӣ фароҳам оварда мешавад; 7. Муттаҳид кардани воҳидҳои луғавӣ ба гурӯҳҳо. Барои иҷрои ин машқ хонандагонро барои муайян кардани асоси ягонаи тақсимоти калимаҳо ба гурӯҳҳо омода кардан лозим аст; 8. Тартиб додани ҷадвали мафҳумҳои луғавӣ. Барои иҷрои ин машқ бояд усули ҷойгиркунии маводдро ба таври амудӣ ва уфуқӣ нишон дод. 9.Таҳлили луғавӣ» [138].

Ин усулро Н.М. Шанский муайян кардааст. Моҳияти ин машқ дар он аст, ки калимаҳо аз нуқтаи назари хусусиятҳои мафҳумҳои луғавӣ тавсиф карда шаванд. Ин машқ бо ёрии луғат иҷро мешавад. Метавон силсилаи машқҳо роҷеъ ба кори луғавӣ-маъноӣ ва луғавӣ-услубӣ анҷом дод, ки ба ташаккули маҳорати корбурди вожаҳо дар услубҳои гуногуни нутқ мувофиқи маъно ва хусусиятҳои услубӣ нигаронида шаванд. Ин усули кор дар таълими фанни забони тоҷикӣ омӯзгорро аз қолабҳои анъанавӣ раҳо намуда, то андозае самарабахшии таълимро таъмин

месозад. Ин масъала аз назари академик М.Шакурӣ чунин тавзеҳ ёфтааст: «Омӯзиши забон дар синфҳои 5-ум ва 9-ум набояд аз омӯзиши дастур (грамматика) иборат бошад. Ҳоло дастур меомӯзем, на забон. Талаба қоидаҳои забонро медонад, забонро намедонад, саводи хуб намебарорад. На дастур, балки забон бояд омӯхт. Дастурро ба он дараҷа ки барои омӯхтани забон, барои хатту савод баровардан зарур аст, бояд донист, на зиёдтар аз он. Яъне таълими забони модарӣ бояд аз таълими забони хориҷӣ фарқ кунад. Таҳқиқи равиш (метод)-ҳои омӯзиши забон (на фақат дастур) дар Тоҷикистон оғоз ёфтааст ва онро амиқтар бурдан зарур аст» [145, 84]. Муносибати босалоҳият ба таълим ва корбурди усули фаъол ин навъи норасоиҳои таълимро бартараф намуда, барои баланд бардоштани тафаккури эҷодӣ, таҳлилӣ, ташаббускорӣ, масъулиятшиносӣ, фаъолнокӣ ва ҳавасманд намудани хонандагон ба забономӯзӣ заминаи устувор мегузорад. Бо ин роҳ омӯхтани фасли калима дар шогирдон малакаҳои зеринро тақвият мебахшад: тобишҳои маъноии воҳидҳои луғавиро шарҳ дода тавонистан; аз луғати тафсирӣ (чопӣ ва электронӣ) истифода бурдан; масъалаҳои луғавӣ ва грамматикиро фарқ карда тавонистан; маънои аслӣ ё маҷозии калима, мавқеи мутазод, омоним ё муродифҳоро дар баён истифода кардан. Фразеологизмҳо ғановати таркиби луғавии забонро ташкил медиҳанд, ҳаёти воқеиро равшану нишонрас ва ба тaври бадеӣ тасвир мекунанд: «Ибора ва ифодаҳои таркибан рехтаву устувор бо номҳои воҳидҳои фразеологӣ, фразеологизмҳо, таъбироти фразеологӣ ва амсоли онҳо. Аз байни ин истилоот воҳидҳои фразеологӣ нисбатан бештар кор фармуда мешаванд» [49].

Барои азбар намудани чунин воситаи муҳимми муоширати хубу маданӣ мавқеи мактабу муаллим назаррас аст. Аҳаммияти омӯзиши бонизоми воҳидҳои фразеологӣ аз ҷониби методистон борҳо қайд шудааст. Дар айни замон, дар лингводидактика таҳқиқотҳо оид ба омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби А. Каримов [67], Х. Каримова [68], Ҳ. Маҷидов [89], С. Шербоев [141], М. Набизода [162], Ш. Пӯлодова [168] ва дигарон рӯйи кор омадаанд. Таҳлили адабиёти методӣ нишон медиҳад, ки дар айни замон муаллимони МТМУ системаи илман асосноки ғанӣ гардонидани нутқи

хонандагонро бо фразеологизмҳо надоранд: «Роҳҳои ғановати захираи фразеологӣ, роҳҳои самарабахши шарҳи маъно ва фаъолгардонии воҳидҳои фразеологии хонандагон ба таври кофӣ омӯхта нашудааст. Ҳамаи ин ҳам ба раванди омӯзиши таъбирҳо ва ҳам ба рушди нутқи шогирдон таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷо, зарурати такмил додани методикаи ташаккули малакаҳои истифодаи воҳидҳои фразеологӣ дар нутқи хонандагон ба миён меояд» [М -1], 206-211]. Мусаллам аст, ки барои анҷоми ин кор принсип, тавсияву нишондодҳои методие лозиманд, ки интихоби усули таълими онҳоро равшан карда тавонад. Мавқеи фразеологизмро дар барномаҳои таълими забони тоҷикии муассисаҳои таҳсилоти миёна дар солҳои гуногун (аз соли 1939 то 2006) Каримова Х. мавриди омӯзиш қарор дода, муайян намудааст, ки махсусан, барномаҳои солҳои охир (баъди солҳои 1993) тамоми паҳлуҳои таълими таъбирҳоро дар бар мегиранд [68,50].

Дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» ба омӯзиши таъбирҳо ҳамчун як бахши мустақили забон 4 соат ҷудо гашта, ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ гаштааст: «Таъбирҳо (фразеологизмҳо) чун фасли лексикология. Фразеологизмҳо ва фарқи онҳо аз калимаю ибораҳои озод. Фразеологизмҳо ва махсусияти онҳо. Хусусияти муродифӣ (муродифӣ), зидмаъноӣ (зидмаъноӣ) ва ҳамгунагии фразеологизмҳо. Фразеологизмҳо ва асарҳои бадеӣ. Фразеологизмҳо ва таъриху фарҳанги миллӣ. Аҳаммияти фразеологизмҳо дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ. Луғати фразеологизмҳо» [3,4].

Доир бо истифодаи истилоҳи «воҳидҳои фразеологӣ» аз ҷониби мутахассисон мулоҳизаҳои гуногун баён гашта, як зумраи олимон бар он ақидаанд, ки барои ҳифзи асолати забон ва дарки беҳтари мафҳумҳо аз ҷониби хонандагон бояд ба захираи луғавии забони тоҷикӣ бояд такя карда шавад. Ба мушоҳида мерасад, ки дар «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» «Фразеологизм, таъбир, таъбирҳои рехта, таркибу ибораҳои рехта» истифода гаштааст. Олимон ин истилоҳҳоро аз он сабаб фаъолона истифода мебаранд, ки дар грамматикаи академӣ тарҷумаи тоҷикии истилоҳи «фразеология» (юн.phrasis–ибора ва logos–таълимот, боби алоҳидаи илми забон,

ки маҷмуи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои рехтаву устувори забон, воҳидҳои фразеологиро меомӯзад; таркиби ибораҳои фразеологии ягон забон, воҳидҳои фразеологии он. Бо вуҷуди он ки таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмии масъалаҳои мухталифи фразеологияи забони тоҷикӣ ҳафт – ҳашт сол қабл аз ин шуруъ шудааст, ин боби забоншиносии тоҷик таърихи дурудароз дорад [194,597]. Таъбирҳо чун ҷузъе аз воҳиди луғавӣ чун калима унсури системаи лексикографӣ ҳисобида мешаванд ва аз калима бо чанд аломати хос фарқ мекунанд: «Нишонаҳои масолеҳи тайёри забон будани фразеологизмҳо, дар ҳамин ифодаи худро ёфтааст, ки соҳибони забон мавриди нутқ онҳоро худ насохта, ҳар бор аз захираи фразеологии он дар шакли тайёр гирифта ба кор мебаранд» [89,56].

Аз ҷумла, Каримов А. чунин овардааст: «Мароми кори таълими забони модарӣ дар мактаби миёна дарҳам-барҳамиро намебардорад. Бинобар он, барои мактаби миёна муносиб дониста шуд, ки дар китоби дарсӣ истилоҳи ибора фақат барои фразеология ба кор бурда шавад» [67, 36]. Бо ҷонибдорӣ аз ақидаи боло ва қиёси афкори донишмандон аз қомусҳои асримиёнагӣ Каримова Х. эҳёи вожаҳои илмиро, ки дар осори ниёгон мавҷуд буданд, роҳи беҳтарини ғанӣ гардонидани забони илм медонад: «Агар таърифу аломатҳои асосии фразеологияро бодиққат аз назар гузаронем, равшан мегардад, ки истилоҳи таъбир басо мувофиқу муносиб аст. Сонияан, таъбир ҳамаи ифодаҳои маҷоздорро фаро мегирад. Солисан, агар воҳидҳои фразеологӣ гуем, мантиқан нодуруст менамояд, зеро таркибҳое ҳастанд, ки ба таъбир шомил мешаванд ва худашон аз як калимаи мустақилмаъноюю як ёридиҳанда шакл гирифтаанд...» [68,27]. Баҳс дар атрофи баргузидани истилоҳи таъбир ба ҷойи фразеологизм солҳои 70-уми асри XX оғоз гашта, аммо ҳануз бо вожаҳои гуногун ном бурдани он идома дорад. Дар Стандарт ва барномаи забони тоҷикӣ ва ҳам китобҳои дарсӣ ҳам истилоҳи фразеологизм ва таъбир ҳамчун муродиф истифода шудааст. Олими рус Г.Ю. Клюева ба омӯзиши масъалаҳои муҳимми лингводидактика: иртиботи забон ва фарҳанг дар раванди таълим пардохтааст. Муҳаққиқ изҳор медорад, ки «омӯзиши калима ва таъбирҳо на танҳо азхудкунии маънои луғавӣ, балки дарки «расми ҷаҳон» ва арзишҳои миллии халқро тақозо мекунад» [69,34].Меҳвари диссертатсияро консепсияи ташаккули

салоҳияти фарҳангшиносии (культуроведческая компетенция) хонандагон ташкил медиҳад. Муаллиф истифодаи матнҳои дорои тобишҳои фарҳангиро ҳамчун воситаи асосии таълим пешниҳод намуда, нақши калимаҳои «консепт»–ро (масалан: Ватан, нон, меҳмоннавозӣ) дар ташаккули шахсияти хонанда таъкид месозад. Дар низоми методии Г.Ю.Клюева воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун махзани таҷрибаи таърихии халқ баррасӣ шуда, роҳҳои шарҳи онҳо тавассути этимология ва контекстҳои таърихӣ нишон дода шудаанд. Муҳаққиқ исбот мекунад, ки «Ҷанбаи фарҳангшиносӣ шавқу рағбати хонандагони синфҳои 5–6-ро ба омӯзиши забон афзуда, захираи луғавии онҳоро бо вожаҳои образнок бой мегардонад» [69, 34]. Муаллиф маҷмуи машқҳои махсусро таҳия кардааст, ки ба таҳлили ҷузъҳои этнофарҳангии калимаҳо нигаронида шудаанд. Андешаи асосии муаллиф ин аст, ки забон воситаи интиқоли фарҳанг аст, бинобар ин, ҳар як дарси калима бояд «Дарси муколамаи фарҳангҳо» бошад. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ин равиш на танҳо саводи забонӣ, балки ҷаҳонбинии маънавии муҳассилинро низ тавсеа мебахшад. Хулосаҳои Г. Ю. Клюева барои такмили стандартҳои таълимӣ ва таълифи китобҳои дарсии насли нав аҳаммияти калони амалӣ доранд.

Баррасии китобҳои дарсии забони тоҷикӣ нишон дод, ки дар онҳо маводди муайяни фразеологӣ мавҷуд буда, аммо машқҳо барои ташаккули малакаҳои истифодаи таъбирҳо дар нутқ нокифояанд. Аксаран танҳо азёди механикии ин ё он воҳиди луғавӣ пешбинӣ шудааст. Машқҳои эҷодӣ ниҳоят кам ба назар мерасанд, ки бо коркарди онҳо фаъолгардонии воҳидҳои луғавӣ дар нутқи шифоҳиву хаттии хонандагон душвор аст. Машқҳои мавҷуда аксар (аз китоби синфи 7-ум) бо шарҳи маънои таъбирҳо маҳдуд мешаванд: «Ҷумлаҳоро нависед ва ифодаҳои бо ранги баланд чопкшударо шарҳ диҳед. Гуед, ки онҳо чӣ маъно доранд (чашми рӯз накафида; ҷигар сухтан; мағзи устухон сухтан; дил сухтан) [15,98]; «Фразеологизмҳои зеринро, ки аз «Луғати фразеологии мактабӣ» интихоб шудаанд, шарҳ диҳед» [15,107]. Ин машқҳо ба маҳорати истифодаи фаъоли таъбирҳо дар нутқ (шифоҳӣ ва хаттӣ), инкишофи тафаккури мантиқӣ ва таҳлилӣ равона нашудаанд. Масалан, кам пешниҳод мешавад, ки хонандагон таъбирҳоро дар матнҳои гуногун истифода баранд. Эссе, нақли хаттӣ ё иншо бо истифода аз

таъбирҳо нависанд ва мавқеи онҳоро дар нутқ шарҳ диҳанд. Фарҳангҳои махсуси фразеологӣ, ки маъно, баромад, хусусиятҳои услубӣ ва мисолҳои истифодаи таъбирҳоро ба таври муфассал шарҳ диҳанд, дар дастрасии хонандагон ва омӯзгорон кам аст. Луғатҳои мавҷуда низ барои мутахассисон пешбинӣ шудаанд, на барои хонандагони МТМУ. Аз ин лиҳоз, истифодаи луғатҳо мақсаднок ба роҳ монда намешавад.

Дар замони муосир, ки муколамаи фарҳангҳо беш аз ҳарвақта тақвият ёфта истодааст, мавқеи таъбирҳо дар нутқ, муносибатҳои хубу муошırати маданӣ муҳим арзёбӣ мегардад, зеро ифодаи фикри саҳеҳу нишонрас бидуни таъбир самарабахш намегардад. Шахс вақте маънои ифодаю ҷумла ва матнҳоро ба дурустӣ идрок мекунад, ки таъбирҳои истифодашударо фаҳмад. Бино ба қайди забоншиносон агар хонандагон захираи луғавии худро аз воҳидҳои фразеологӣ бой гардонида, дар ҷараёни нутқ ба мавқеи онҳо эътибори ҷиддӣ диҳанд, дар баёни андешаву афкори фасеҳу салис метавонанд малакаҳои зарурӣ пайдо созанд: «Шахсе, ки соҳиби мифтоҳи анбори фразеологизмҳои забони модарии худ гардидааст ва дурдонаҳои ин хазинаро дуруст корбаст карда метавонад, нутқаш басалосату пурнафосат ва хушоҳангу батаъсир буда, худи ӯ донандаи забон аст» [87,5]. Таъбирҳо на танҳо як ҷузъи асосии таркиби луғавии забон, балки дар раванди инкишофи нутқ ва тафаккури инсон, бахусус хонандагон, нақши муҳим мебозанд. Шинохти мазмуну маъно ва мавқеи истифодаи дурусти онҳо ба толибилмон имкон фароҳам месозад, ки дарку фаҳмиш ва ифодаи андешаҳояшро хеле беҳтар гардонад. Инкишофи нутқ ва ташаккули салоҳияти иртиботиро бо омилҳои зерин ба мушоҳида гирифтан мумкин аст: 1. Таъбирҳо захираи луғавии хонандагонро бой мегардонанд. Шиносоӣ бо онҳо васеъшавии доираи калимаву ибораҳоеро, ки хонандагон дар нутқи худ истифода бурда метавонанд, таъмин мекунад ва имкон медиҳад, ки фикрҳои худро дақиқу ва нишонрас баён кунанд; 2. Фразеологизмҳо дорои маънои маҷозӣ ва ифоданок мебошанд ва истеъмоли дурусти онҳо нутқро пуробуранг мегардонад. Масалан, ба ҷойи «мағлуб кардан» истифодаи ВФ-и «аз пой афтондан» боз чанд мисол аз луғат [209] баёнро қавитар месозад ва кумак мекунад, ки кас эҳсосу андешаҳояшро пуртаъсир баён кунад; 3.

Омӯзиши фразеологизмҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки шаклҳои гуногуни баёни фикрро дарк кунанд ва аз байни онҳо мувофиқтаринашро интихоб намоянд ва ин маҳорат барои инкишофи салоҳияти иртиботӣ хеле муҳим аст; 4.Ҳангоми шунидан ё хондани матнҳое, ки дар онҳо таъбирҳо истифода шудаанд, хонанда бояд маънои онҳоро дуруст дарк кунад.

Ин раванд маҳорати фаҳмиш ва таҳлили матнро инкишоф медиҳад. Истифодаи дуруст ва бамавқеи фразеологизмҳо нишонаи баланди маданияти нутқ ва сатҳи дониши забонӣ мебошад. Ин ба хонандагон кумак мекунад, ки дар муоширати шифоҳӣ ва хаттӣ боэътимодтар бошанд. «Омӯзиши воҳидҳои фразеологӣ дар инкишофи тафаккур низ нақши калон дорад, зеро аксаран дар асоси маҷоз сохта шуда, таҳлили маънои онҳо хонандагонро ба тафаккури ғайримустақим, эҷодӣ ва образнок водор месозад. Ин имкон медиҳад, ки онҳо робитаҳои ғайричашмдошти байни мафҳумҳоро дарк намоянд. Барои фаҳмидани маънои рехтаи фразеологизмҳо, хонандагон бояд маънои аслии ҷузъҳоро аз маънои том ва маҷозии он фарқ кунанд. Ин раванд тафаккури интиқодӣ ва маҳорати таҳлилии онҳоро густариш медиҳад, зеро боис мегардад, ки берун аз маънои зоҳирӣ андеша кунанд. Бисёре аз фразеологизмҳо решаҳои амиқ дар фарҳанг, таърих ва урфу одатҳои миллӣ доранд ва имкон медиҳанд, ки хонандагон ҷаҳонбинии халқро дарк кунанд, бо арзишҳои миллию башарӣ ошно шаванд ва эҳтироми зиёдтар ба мероси фарҳангии ниёгон пайдо кунанд. Ин барои баланд бардоштани худшиносии миллӣ мусоидат мекунад. Азбар кардан ва истифодаи дурусти фразеологизмҳо таваҷҷуҳ ва хотираи хонандагонро мустаҳкам месозад ва барои ин бояд маъно, сохтор ва хусусиятҳои услубии ҳар як фразеологизмро дар хотир доштан муҳим аст» [28]. Бо омӯзиши таъбирҳо хонандагон дарк мекунанд, ки забон танҳо аз калимаҳо иборат аст, балки дорои қабатҳои амиқтари маъноӣ ва фарҳангӣ мебошад. Ин фаҳмиш дониши умумии онҳоро дар бораи қисмати лексикологияи забоншиносӣ густариш медиҳад.

Муаллим бояд ба талабагон ба сифати воситаи тасвири адабӣ истифода бурдани таъбирҳоро омӯзонад. Дар суханронии худи муаллим, пеш аз ҳама, фразеологизмҳо ба таври фаровон истеъмол шаванд ва аз шогирдон шакли адабии

муоширатро талаб намояд. Барои ин истифода аз луғату фарҳангномаҳои муосир ва корбурди ифодаҳои устуворро ба таври васеъ ва моҳирона омӯхтанашон лозим аст:«Воҳидҳои фразеологӣ маводди тайёри забон буда, таърихан қадимианд ва онҳо таркибан басо устувору ба ҳам ноаён алоқаи зичу ногусастанӣ пайдо намудаанд, ки ҳатто ягон ҷузъашонро бо ҷузъ ё калимаи дигар иваз намудан имконият надорад. Ва агар мабодо, ягон ҷузъи ин ё он воҳиди фразеологие қасдан тағйир дода шавад ҳам, маънои маҷозиву дилхоҳи дар он буда ба пуррагӣ барҳам мехурад» [141,206]. Барои ташаккули ин малака машқҳои махсуси фразеологӣ дар ҷараёни таълим гузаронида мешавад, ки истифодаи мунтазами онҳо захираи фаъоли фразеологии хонандагонро таъмин месозад. Масалан:

1.Омӯзиши маънои аслӣ ва маҷозии вожаву ифодаҳо дониши хонандагонро доир ба фразеологизмҳо васеъ менамояд. Бо иҷрои машқҳо масъалаи ба хотири таъсирбахшиву пуробурангӣ корбаст шудани маънои ғайриаслӣ ва кучидаи таркиби фразеологизмҳо идрок мегардад. Дар ин маврид ба риштаи таҳлил кашидани осори баргузидаи суханварон тавсия шудааст: «Барои машқ ва мустаҳкам намудани донишҳои ҳосилшуда ба омӯзгор зарур аст, ки матнҳоро ҳатман аз шоиру нависандагони забардаст интихоб кунад. Агар ин гуна машқҳо дар китоби дарсӣ ёфт нашаванд, муаллим варақчаҳоро истифода мебарад» [75,85].

2. Муқоисаи чанд воҳиди фразеологӣ барои равшан шудани маънои ҳар яке аз онҳо мусоидат мекунад. Мисол, аз байти «Сухан беҳ, ки вайрон нагардад сухан, Чу аз барфу борон саройи куҳан» бо воҳиди фразеологии «вайрон гаштан // нагаштани сухан» аз китоби «Забони тоҷикӣ» (синфи 6) хонанда вомехурад. Пас аз мутолиаи байт муаллим мепурсад, ки ин чӣ маъно дорад? Боз чӣ гуна иборaҳои устуворро бо калимаи сухан медонанд. Хонандагон дар натиҷаи ҷустуҷу иборaҳои зеринро метавонанд аз ҳамин китоб ёбанд: доди сухан додан [17,232], [17,19], боди сухан [3,19], сухани сард [17,3,20], кони сухан [17,20], суханони борик [17, 21], рафти сухан [17,37], сухан рост доштан [17,46], сухани сабз [17,65], суханҳои рангин [17,65], сухан санҷида гуфтан [17, 67], сухани нав [17, 90]:

Сухан заҳру позаҳру гарм асту сард,
Сухан талху ширину дармону дард [17,27].

Аз қиёсу муқобалаи маънои воҳидҳои луғавӣ муҳассилин хулосаҳо мебароранд ва ин тафаккури мантиқӣ ва мустақилонаи онҳоро комилан ба ҳам мепайвандад ва на танҳо мазмуни ифодаҳоро аз матн мефаҳманд, балки мустақилона маънои онҳоро муқоиса мекунанд, умумияташро мушоҳида намуда, дар баробари ин, қобилияти ҷустуҷӯйии худро тақвият мебахшанд.

3. Интихоби воҳидҳои луғавӣ бо калимаҳои мушаххас, аз ҷумла, ҳангоми омӯзиши исм бо калимаҳои даст, бинӣ, дандон, забон, сар, чашм, пой, гӯш ва ғайра метавон миқдори зиёди воҳидҳои фразеологиро пайдо кард. Ба монанди: даст баровардан, зердаст гаштан, кор аз даст рафтан, даст ба дандон нагазидан, тиҳидаст шудан, дасту по задан ; аз даст рафтан, ақл аз даст рафтан, даст гирифтан, даст бар камар гирифтан, даст зи доман раҳо кардан // накардан, даст надодан, даст афшондан, даст бар дил ниҳодан, даст ба ҳам судан, даст дар гиребон доштан, даст гумоштан, аз даст додан ва монанди инҳо. Мешавад, ки ин корро ҳангоми омӯхтани феъл, шумора ва дигар ҳиссаҳои нутқ низ иҷро кунанд. Дар ин маврид ба он муваффақ шудан лозим аст, ки воҳидҳои фразеологии мансуб ба як ҳиссаи нутқро ёфта тавонанд. Феълҳои забони тоҷикӣ ҳиссаи сермаънотарини нутқ буда, имкониятҳои васеи истеъмолӣ доранд. Дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ бо ифодаи ҷилоҳои зиёди маъноӣ феълҳои сермаънои зерин: задан, гузаштан, гирифтан, шикастан, додан, рафтан, баромадан, гузоштан ва монанди инҳо мусоидат мекунанд. Шумораҳои як, ду, се, ҳафт, ҳазор дар ташаккули воҳидҳои фразеологӣ сермаҳсултарин аст ва ҳафт дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ, асосан, ба маънои ниҳоӣ корбаст мешавад: ба осмони ҳафтум бардоштан, ҳафт пушти касе, болои ҳафт қабат курпача нишастан // шинондан, ҳафт қабат соя шудан ва монанди инҳо.

Гузаронидани ин навъ машқҳо аз муаллим тайёрии хубро талаб мекунад. Ҳангоми дар синфи шашум омӯхтани феъл супориш дода мешавад, ки хонандагон воҳидҳои луғавии зеринро бо калимаи задан: ангушт задан, занг задан, ба киса задан, бо пешонӣ задан ва ғ. аз фарҳангномаҳо, китоби дарсии «Забони тоҷикӣ», «Адабиёти тоҷик» пайдо кунанд.

4. Навъи дигари машқ ба ибораҳои озоди додашуда интихоби воҳидҳои фразеологӣ мебошад ва он ба хонандагон ёрӣ мекунад, то ки як маъноро бо чанд тарз баён кунанд.

Имкон дорад, ки машқҳо барои фразеологизмҳои муродифӣ низ пешниҳод карда шавад. Хусусияти ин гуна воҳидҳои фразеологиро Ҳ. Маҷидов чунин изҳор доштааст: «Ҷиҳати муҳимми воҳидҳои фразеологии муродифӣ ифодаи маъноҳои умумии наздики онҳост. Чунин ақидае, ки гуё ду ва зиёда ифодаҳои муродифӣ як мафҳумро айнан ифода карда, дар матн якдигарро пурра иваз карда метавонанд, ба ҳақиқат дуруст намеояд. Дар ҳар як фразеологизми муродифӣ чунин тобиши маъноии махсусро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар муродифи дигар ё тамоман вуҷуд надорад ё ки ба тариқи дигар ифода ёфтааст» [90,55].

Ин гуна воҳидҳои фразеологиро на танҳо аз матнҳои дар мактаб омӯхташуда, балки аз дигар сарчашмаҳо, масалан, «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» [209], «Луғати фразеологии мактабӣ» [188] ва китобҳои бадеӣ ҷустуҷӯй кардан мумкин аст. Имкон дорад, ки интихоби воҳидҳои муродифӣ дар ҷараёни дарси забони тоҷикӣ, адабиёти тоҷик ва корҳои беруназсинфӣ амалӣ карда шавад. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ интихоби воҳидҳои муродифиро ҳангоми омӯзиши ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва аъзои ҷумла ба таври муназзам анҷом додан мумкин аст.

5. Мафҳуми таъбирҳоро бо мисолҳое муайян кардан мумкин аст, ки худи хонандагон тартиб додаанд. Иҷрои чунин машқҳо бо воҳидҳои фразеологие, ки манбаи пайдоиш надоранд ва азхудкунии онҳо танҳо ба воситаи истифодаи амалӣ сурат мегирад, ба мақсад мувофиқ аст. Ин чунин навъи машқ аст, ки муаллим маънои воҳиди фразеологиро шарҳ дода, хонандагонро даъват менамояд, ки бо он ҷумла созанд. Барои синфҳои V-VII барои иҷрои ин гуна машқҳо воҳидҳои фразеологии зеринро ба кор гирифтан мумкин аст: аз ғазаб берун омадан, дарди сар, болои сари солим партофтан.

Иҷрои ин навъ машқҳо на танҳо барои ворид кардани таъбирҳои нав ба таркиби нутқи фаъол мусоидат мекунад, балки ба онҳо дарк кардани тобишҳои услубӣ ва мавқеи истифодаи онҳоро меомӯзонад. Хонандагон дар амал

мустақилона истифода бурдани воҳидҳои фразеологӣ ва бо онҳо тартиб додани ҷумлаҳоро ёд мегиранд ва мустақилият ва малакаҳои эҷодии баёни фикрашон инкишоф меёбад.

6. Шакли душвори машқ аз тарафи хонандагон пурра намудани ҷумлаҳои нопурра аст, ки ба маънои ибораҳои фразеологӣ такя карда мешавад. Масалан, ҷумлаҳоро чунин пурра намоед, ки маънои ибораҳо равшан гарданд.

1. Ҳеҷ забонам намегардад, ки (рафтори туро баён кунам)

2. Насимҷон тайёр буд, ки замин кафаду ӯро фурӯ барад (зеро ӯ ба қавли худ истода натавонист).

3. Мо имрӯз даст ба даст дода меҳнат кардем, зеро ба он аҳли (синф фаъолона иштирок намуд).

Дар синфҳои V–VI воҳидҳои фразеологии як калима ё як ҳиссаи нутқро интихоб кардан ба мақсад мувофиқ аст. Машқҳо бо воҳидҳои фразеологии муродифӣ бояд на дертар аз синфҳои VI-VII ва танҳо пас аз анҷом додани машқҳо бо калимаҳои муродифӣ дар синфи V оғоз шаванд. Чунин машқҳоро то синфи XI давом додан мумкин аст. Шарҳи маънои воҳидҳои фразеологӣ дар матн, инчунин сохтани ҷумлаҳо бо воҳиди фразеологии муайян бояд аз синфҳои V то XI ба роҳ монда шавад. Муайян кардани маънои воҳиди фразеологӣ аз рӯйи муқоисаи ду-се ибора аз синфи VII шурӯъ мешавад, зеро ин кор ташаккул додани малакаҳои умумӣ, дуруст идрок кардани маъно, маҳорати иҷрои корҳои мустақилонаро талаб мекунад. Равишшиносон барои хонандагони синфи 10-ум иҷрои супоришҳои зеринро маслиҳат додаанд: «Аз матни дилхоҳ муайян кардани мазмун, муродиф ва аз кадом ҳиссаи нутқ таркиб ёфтани таъбирҳо. Бо кадом воситаҳои тасвир ифода шудани таъбирҳоро шарҳ додан» [121,17].

Омӯзиши таъбирҳо дар мактаб ҳамон вақт самараи бештар медиҳад, ки омӯзиши он аз синфи V то XI дар асоси низоми муайян бо назардошти талаботи Стандарт ва барномаи таълим, хусусиятҳои синнусолӣ, дараҷаи тайёрии хонандагон ва давомнокӣ ба назар гирифта шавад. Табиист, ки асоси кори фразеологӣ дар мактаб намудҳои корест, ки ба нақшагирии махсусро талаб намекунанд: 1) кори ҳаррӯзаи муаллим - шарҳи маънои воҳидҳои фразеологӣ,

сарчашмаҳои пайдоиш ва мавқеи корбурди онҳо, ворид кардани воҳидҳои нави луғавӣ ба нутқ; 2) дар раванди дарсҳои забони тоҷикӣ тавағҷуҳ намудан ба истифодаи таъбирҳо; 3) ташкил кардани дафтарчаи луғати шахсии хонандагон; 4) кор бо таъбирҳо дар машғулиятҳои беруназсинфӣ.

Яке аз усули беҳтарини тақвияти малакаи иншонависӣ ва нутқи шифоҳӣ таҳлили ҳаматарафаи хатоҳо зимни истеъмоли воҳидҳои фразеологӣ мебошад. Сусту халалдор гаштани таносуби маъно ва мантиқи сухан бо вайрон кардани мустақилияти маъноӣ ва грамматикии ҷузъҳои воҳиди фразеологӣ ба миён меояд. Маъмулан, дар тасаввуроти хонанда якчанд фразеологизми аз ҷиҳати таркиб ба ҳамдигар наздик омезиш ёфта, ҷузъи як ибора бо ибораи дигар иваз ва дар натиҷа ифода ноқису нофаҳмо мешавад. Кор аз рӯйи ғалатҳои содирнамудаи хонандагон яке аз рукнҳои муҳимми ташаккули салоҳиятнокӣ арзёбӣ гаштааст: «...барои муайян кардани салоҳиятҳо дар таълими фанҳои гурӯҳи филологӣ, ки дар он забон ҳамчун восита баррасӣ мешавад, ба ҷойи омӯхтани муносибати сохтории забон грамматикаи амалӣ мувофиқи мақсад аст. Зеро грамматикаи амалӣ имкон медиҳад, то ки салоҳиятҳо дар асоси ғалатҳои умумие, ки хонандагон содир мекунанд, мушаххас шаванд. Инчунин  хонандагон дар асоси фаъолият ва ҳалли масъала  (мушкилот)-ҳои ҳаётан муҳим ба сохтори забономӯзӣ рӯй ба рӯй мегарданд ва он ҳамчун соҳаи илм низ барояшон кашф мегардад» [98,42].

Умуман, таълими таъбирҳо (воҳидҳои фразеологӣ) дар мактаб бахши муқаррарии забоншиносӣ нест, балки воситаи пуриқтидор барои инкишофи ҳамаҷонибаи нутқ ва тафаккури хонандагон мебошад. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки ҳамчун афроди босавод, маданиятӣ ва соҳиби тафаккури амиқ дар ҷомеа ҷойгоҳи худро пайдо кунанд. Дар дарсҳои забони тоҷикӣ таълими онҳоро бо донишҳои имлоӣ-грамматикӣ алоқаманд кунонидан яке аз шартҳои таълими ибораҳои фразеологӣ мебошад. Машқҳои таълимӣ ҳамон вақт самарабахш мешаванд, агар ба талаботи зерин: аз сода ба мураккаб, аз осон ба мушкил гузаштан, муназзамию пайдарпаӣ, мақсаднокӣ, рангорангиву диққатҷалб-кунандагӣ, мувофиқи синну сол ва имконоти зеҳнии хонандагон будан ва ғайра ҷавоб дода тавонад. Асоси аввалини донишандӯзии хонандагон дар системанокӣ

ва пайдарҳамии машқҳо мебошад. Шербоев С. дар хусуси гузаронидани машқҳои тарҳи инкишофи нутқдошта чунин изҳори ақида дорад: «Гуногунрангии кор бо луғат, ки ба тамоми системаи машғулиятҳои забони тоҷикӣ алоқамандӣ дорад, ҳангоми мунназаму мақсаднок гузаронидан, нутқи хонандаро равон, равшану ифоданок мегардонад, таваҷҷуҳи вайро нисбати омӯзиши забони тоҷикӣ зиёд намуда, ҳисси забонфаҳмиашро ташаккул медиҳад ва фаъолияти фикррониашро метезонад» [141,102].

Аз тарафи дигар, машқҳо бояд бо ҳам алоқамандӣ дошта бошанд, яке дигареро пурра кунад, барои омӯхтани машқи нав машқи пешина замина тайёр намояд. Машқҳои таълимӣ ҳамон вақт натиҷабахш шуда метавонад, ки агар луғату ибораҳои нав омӯхта шуда дар кори ҷумласозиву навишти нақлу иншо истифода ёбад. «Моҳияти асосии машқҳои луғавӣ, таълими мавриди истифодаи луғат мебошад. Хонандагон дар ҷараёни иҷрои машқҳо дар ифодаи фикр дурусту бомаврид интихоб намудани воҳидҳои луғавӣ ва аз ҷиҳати мазмун алоқаманд карда тавонистани онҳоро меомӯзанд, ки он кори мунтазами дуру дароз, супоришҳои аз ҷиҳати методӣ бомаҳоратона мураттабшударо тақозо менамояд» [109,97].

Моҳияти асосии машқҳои луғавӣ танҳо аз ёди маънои калимаҳо нест, балки ҳадафи ниҳоӣ омӯзонидани фарҳанги истифодаи дуруст ва бомавқеи луғат дар ҷараёни муошират мебошад. Ин раванд ба хонанда имкон медиҳад, ки аз доираи донишҳои назариявӣ раҳо ёфта, маҳорати амалии интихоби воҳидҳои луғавиро вобаста ба матн, тобишҳои маъноӣ ва услуби нутқ пайдо кунад. Дар ҷараёни иҷрои чунин машқҳо, хонандагон на танҳо калимаҳои алоҳидаро меомӯзанд, балки қобилияти аз ҷиҳати мазмун ва мантиқ алоқаманд кардани онҳоро дар таркиби ҷумла ва матн тақвият мебахшанд ва ин заминаи асосии нутқи равону мантиқан дуруст ба шумор меравад. Ташаккули ин гуна маҳорат тулонӣ буда, аз омӯзгор кори муназзаму пайваста ва муносибати босалоҳияти методиро талаб мекунад. Супоришҳо бояд тавре мураттаб шаванд, ки хонандаро аз сода ба мураккаб, аз шинохти маънои калима дар матн то истифодаи мустақилонаи он дар эҷоди матнҳои нав роҳнамоӣ кунанд.

## 2.4. Ҷанбаҳои услубии омӯзиши калима ва таъбирҳо ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон

Ба омӯзиши калима ва таъбирҳо дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар як қатор таҳқиқотҳо диққати калон дода шуда, аммо ҷанбаи услубии омӯзиши воҳидҳои луғавӣ дар МТМУ аз мадди назар дур мондааст. Китоби нахустини таълимӣ ба қалами Б. Камолиддинов бо номи «Услубшиносӣ» мансуб аст. Асар маҷмуи машқҳо бошад ҳам, дар муқаддимаи муфассали он дар бораи навъҳои услубҳои забони адабӣ маълумоти дақиқ оварда шудааст. Ҳамчунин дар бобҳои алоҳида муаллиф тибқи хусусиятҳои услубии воҳидҳои лексикӣ ва грамматикӣ гузоришоти мухтасар додааст. Дастурҳои дигари таълимии Б. Камолиддинов «Хусусиятҳои услубии сарфу наҳви забони тоҷикӣ» ва «Муродифоти синтаксисӣ ва ҳусни баён» [62] ном дорад ва дар он имконоти услубии воҳидҳои грамматикии забони тоҷикӣ бо мисолҳои фаровон ва ба ҳар мавзуъ вобаста силсилаи машқҳоро фаро гирифтааст. Мафҳуми услубшиносӣ, услубҳои гуногуни забони тоҷикӣ, хелҳои хатоҳои услубӣ ва роҳҳои ислоҳи онҳо, принсип ва роҳу усули таълими фонетика, муродифот, таъбирҳо ва воҳидҳои грамматикӣ дар дастури Ғаффоров Р., Ҳошимов С., Камолиддинов Б. [40] таълиф гаштааст.

Душвории таълими шохаҳои услубии забони тоҷикӣ ва ниҳоят кам будани адабиёти методӣ боиси сатҳи пасти фасоҳати нутқи хонандагон гаштааст. Дар синфи XI барои таълими «Таркиби луғавии забон ва хусусиятҳои маъноии калима» дар асоси матнҳои хабар ва мусоҳиба 4 соат, барои омӯзиши «Хусусиятҳои сохторию маъноӣ ва услубии воҳидҳои фразеологӣ. Дар гуфтор ва навиштор беғалат истифода бурдани фразеологизмҳо дар асоси матнҳои тасвир» 2 соат ва барои аз худ намудани «Тағйир додан ва таҳия намудани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ дар мисоли матни хабар, мусоҳиба ва аз рӯйи намунаи матнҳои тасвир» барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ пешбинӣ гаштааст [3, 137].

Услубшиносӣ мавқеи унсурҳои лексикию грамматикиро дар системаи забон муайян ва мавриди истеъмоли калима, шаклҳои калима ва қолабҳои наҳвиро муқаррар месозад. Бо фарогирии он хонанда роҳҳои саҳеҳ ва мукаммал баён кардани фикрро бо забони адабии поку тоза аз ҳар гуна унсурҳои ношоямро аз

худ мекунад. Мавқеи таълими услубшиносиро дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони МТМУ профессор Б.Камолиддинов чунин шарҳ додааст: «Барои ин ки забономӯзӣ фақат баҳри азёд кардани қоида ва супоридани имтиҳон набошад, балки дар зиндагӣ ва фаъолияти ҳаррӯза, дар муносибати ҷамъиятии одамон силоҳи тавонои мубодилот бошад, лозим аст, ки мавзуи баҳси илми забон ва ҳусни баён, усули таълими услубшиносӣ дар мактаб такмил дода шавад» [59,16].

Машқи 43. Фразеологизмҳои зерин чӣ маъно доранд ва бештар дар кадом тарзи баёни фикр (хаттӣ, адабии китобӣ ё шифоҳӣ, гуфтугӯйӣ) истифода мешаванд?

Азоби гур, чашм ало кардан, лаб фурӯ бастан, аз даҳон мондан, дил бохтан, ба шаҳодат расидан, дум ликкондан, ангушти ҳайрат газидан, бо ҷаҳони фонӣ падруд гуфтан, ҷойи шишт наёфтан, ба лаб кулӯх молидан. [60, 50]

Фразеологизмҳои пешниҳодшуда дорои маъноҳои мухталифи маҷозӣ буда, вобаста ба тобишҳои услубӣ дар тарзҳои гуногуни баёни фикр (хаттӣ-китобӣ ё шифоҳӣ-гуфтугӯйӣ) кор фармуда мешаванд. Дар ин силсила, таъбири «азоби гур» ба маънои машаққату сахтии ниҳоят зиёд ва «чашм ало кардан» ба маънои бо қаҳру ғазаб нигоҳ кардан ё таҳдид намудан меоянд, ки ҳар ду ҳам бештар дар нутқи шифоҳӣ ва гуфтугӯӣ ва инчунин дар услуби бадеӣ истифода мешаванд. Вазифаи семантикии «лаб фурӯ бастан» хомуш шудан ё сирро фош накардан, ва «аз даҳон мондан» хунук ва бемазза шудани таом (ё аз эътибор афтодани гап) мебошад, ки аввалӣ бештар хаттӣ ва адабии китобӣ ва дувумӣ сирф шифоҳӣ ва гуфтугӯйӣ аст. Ибораи «дил бохтан» ба маънои ошиқ шудан ё мафтун гаштан омада, хоси нутқи хаттӣ ва услуби бадеӣ аст, дар ҳоле ки таъбири таърихиву динии «ба шаҳодат расидан» ба маънои дар роҳи ҳақ ё ватан кушта шудан, ба куллӣ унсури услуби хаттӣ, расмӣ ва адабии китобӣ ба шумор меравад. Фразеологизми «дум ликкондан» маънои хушомадгӯӣ кардан ё тамаллуқро дорад, ки унсури эҳсосии манфии шифоҳӣ ва гуфтугӯйӣ аст, аммо ибораи зӯрманди «ангушти ҳайрат газидан» ба маънои сахт тааҷҷуб кардан ва мутаҳайир шудан, ва таъбири «бо ҷаҳони фонӣ падруд гуфтан» ба маънои вафот кардан ва аз дунё

гузаштан ҳар ду хоси услуби хаттӣ ва адабии китобӣ (услуби бадеӣ ва публисистӣ) мебошад. Ниҳоят, таъбирҳои кунунии «ҷойи шишт наёфтан» ба маънои аз беқарориву ҳаяҷон ором нагирифтан ва «ба лаб кулӯх молидан» ба маънои маҷбуран хомуш мондан ё чизе нагуфтан (ҳатто баъзан тавба кардан аз чизе), бештар дар нутқи шифоҳӣ ва гуфтугӯйии халқӣ барои сохторҳои пуртаъсири гуфтор хидмат мекунанд.

Бо таълими услубшиносӣ воситаҳои муассири забонро бо ёрии истифодаи унсурҳои луғавӣ ва фразеологӣ, пуртаъсир ва бо обуранги бадеӣ баён кардани мақсад алоқамандона ба муҳит ва мусоҳибон омӯзонида мешавад. Бино бар ин, ба хонанадагони синфи 11-ум зимни таълими калима диққат додан ба масъалаҳои зерин таъкид шудааст: «Дар матн нишонаҳои калимаҳои асили тоҷикӣ ва иқтибосиро донад; Маънои аслии калимаро аз маънои маҷозии он фарқ карда тавонад; калимаҳои сермаъно, ҳамгуна, наздикталаффуз ва ҳаммаъноро ёфта, хусусиятҳои услубии онҳоро муайян карда тавонад. Калимаҳои адабӣ ва лаҳҷавиро шиносад ва дар матни шифоҳию хаттӣ ба мавқеъ ва зарурати истифодаи онҳо баҳо дода тавонад; дар мусоҳиба ва хабар ғалатҳои интихоби калимаҳои ҳамаъно ва безарурат ё бемавқеъ ба кор бурдани калимаҳои сермаъно, якмаъно ва муқобилмаъноро ёфта, ислоҳ намояд, худ мусоҳиба ва хабар таҳия карда тавонад» [3,137].

Дар ҷараёни роҳандозии озмоиши омӯзишӣ-таҷрибавӣ самти муҳимтарин таҳқиқи калимаву таъбирҳо аз ҷиҳати услубӣ ба таври мушаххас муайян ва гурӯҳбандӣ карда шуд, ки бандҳои зеринро фаро мегирад:

1. Мушаххас намудани тафовутҳои услубии воҳидҳои луғавии забони адабӣ, ки ин раванд бо таваҷҷуҳи махсус ба меъёрҳои услубии дар луғатҳои соҳавӣ инъикосёфта сурат мегирад;

2. Амиқ шинос намудани хонандагон бо калимаҳои дорои тобишҳои эҳсосӣ ва муайян кардани мавқеи онҳо дар нутқ;

3. Такмили донишҳои назариявӣ доир ба муродифҳои услубие, ки ба силсилаи муродифии забони тоҷикӣ дохил шуда, бойигарии онро ташкил медиҳанд;

4. Бой гардонидани захираи луғавии нутқи хонандагон бо корбасти фаъоли силсилаи муродифҳои услубӣ зимни баёни фикр;

5. Ташаккули салоҳияти забонӣ ва иртиботии хонандагон дар заминаи муайян кардани меъёрҳои услубии воҳидҳои луғавӣ аз руйи матнҳои мансуб ба шохаҳои гуногуни услубӣ.

Бо ин мақсад маҷмуи машқҳо бо назардошти муносибати босалоҳият ба таълим, ки ба рушди салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими фасли калима ва таъбирҳо мусоидат мекунанд, таҳия гардид. Матнҳо мувофиқ ба мавзуи омӯзишӣ интихоб шудаанд, зеро маводди назариявӣ ба воситаи иҷрои пайвастаи шарту супоришҳои чунин машқҳо дар зеҳну шуури шогирдон ба таври амиқ нақш мебандад. Барои ҳосили малакаву маҳоратҳои муошират, фаъолнокии фикрӣ, тафаккури таҳлилӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, дар китоби дарсии «Забони тоҷикӣ» барои хонандагони синфи 11-ум сохтори баёни масъалаҳои назариявӣ тавре танзим карда шудааст, ки он мустақиман аз иҷрои супоришҳо ва таҳлили амиқи матнҳо нигаронида шудааст.

Хусусияти фарққунандаи методикаи инкишофи нутқи мураттаби хонандагон муроҷиат ба матн ҳамчун воҳиди коммуникативӣ мебошад. Барои омӯзонидани қабули оқилонаи матнҳои гуногун ба хонандагон бо назардошти вазъияти муошират сохтани матнҳои иртиботии дуруст дар дарсҳои забони тоҷикӣ ба омӯзонидани матн чун воҳиди забон ва чун воҳиди муошират диққат намудан зарур аст. Дар ин маврид тарзи асосии кор бо матн таҳлили луғавӣ маҳсуб меёбад: масалан кор бо матни зерин ба мақсад мувофиқ аст, ки дар машқи 15 оварда шудааст: «Касалиҳои дил ва рагҳои хунгузарро мо, табибон, мухтасар касалиҳои ишемӣ меномем», –сухан сар кард Зардодхон. –Аз ин мавзуъ ба донишҷуён даҳҳо соат лексия хонда мешавад. Дар амалияи тиб ақидае ҳукмрон аст, ки бемориҳои дил ва рагҳои хун оқибати тағйироти биологӣ ва кимиёвист, ки дар ҷисми одам ба амал меояд. Дар таркиби хун холестирин ном моддае пайдо мешавад... [60,20].

Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ оғоз мегардад, зеро калима хусусияти семантикии калима нишондиҳандаи муҳимми муносибати он ба ҳиссаҳои нутқ мебошад. Ҳангоми муттаҳидсозии мафҳумҳои вожаҳои ифодакунандаи ашё, амалу ҳолат ба умумияти маънои луғавӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гашта, баъд аз он доираи корбурди онҳо тадриҷан нишон дода шуда, дар матни асар ворид намудани калимаҳои исмӣ истифода мешуданд. Дар китоби дарсии забони тоҷикӣ матн бо услуби илмӣ (соҳаи тиб) бо басомади корбарии калимаҳои иқтибосии арабӣ, русӣ ва байналмилаӣ барои таҳлил пешкаш карда шудааст [60,20]. Ба хонандагон зимни иҷрои машқ саволҳои зерин дода шудаанд:

«1. Ин порчаҳо кадом соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро инъикос мекунанд, дар онҳо чӣ гуна унсурҳои луғавӣ истифода шудаанд? Калимаҳои иқтибосии онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд?

2. Кадом калима ё истилоҳ бе зарурат иқтибос шудаанд ва онҳоро бо кадом калимаҳои тоҷикӣ иваз кардан мумкин аст?

3. Калимаҳои табиб, техник, гилкор, наҷҷор чӣ гуна унсури луғавианд ва онҳо бо кадом калимаю истилоҳоти матнҳо таносуби маъноӣ доранд?

4. Муродифҳои луғавии касалӣ ва беморӣ, тағйирот ва дигаргуниҳо ба чӣ мақсад истифода шудаанд?» [60, 20].

Ҷавобҳои хонандагон пас аз фаҳмидани нишондиҳандаҳои луғавии матнҳои китоби дарсӣ шарҳи калимаҳои иқтибосӣ ва истилоҳотро дар бар мегирад. Аз матн истилоҳоти тиббӣ шарҳ дода мешаванд:

1. Касалиҳои ишемӣ (Ишемия): Ин истилоҳ аз калимаи юнонии ischo (нигоҳ доштан) ва haima (хун) гирифта шудааст. Он ҳолатеро ифода мекунад, ки бо сабаби танг шудан ё баста шудани рагҳо, хун ба узв (масалан, ба дил) кам мерасад. Дар натиҷа, узв аз норасоии оксиген ва моддаҳои ғизоӣ азият мекашад.

2. Рагҳои хунгард (хунгузар): Ин шабакаи «қубурҳо»-и бадан аст, ки хунро ба тамоми узвҳо мерасонад. Онҳо ба се намуд тақсим мешаванд: артерияҳо, венаҳо ва капиллярҳо.

3. Тағйироти биологӣ ва кимиёвӣ: Ин ҷо сухан дар бораи равандҳои дохилии ҳуҷайраҳо ва тағйир ёфтани таркиби моддаҳо (мисли гормонҳо, ферментҳо) меравад, ки метавонанд кори табиии баданро вайрон кунанд.

Холестерин (Холестирин): Ин моддаи чарбмонанд (липид) аст. Гарчанде ки бадан барои сохтани ҳуҷайраҳо ба он ниёз дорад, вале миқдори зиёди он дар деворҳои рагҳои хун таҳшин шуда, роҳи хунро танг мекунад (инро атеросклероз меноманд).

Барои равшантар тасаввур кардани хусусиятҳои луғавии матн, тафовути услуби хаттӣ аз гуфтугӯйӣ саволи муаммовӣ пешниҳод карда мешавад: Оё калимаҳои «ишемия, холестирин»-ро истифода бурдан зарур аст? Ба ин тартиб, хонандагон ташвиқ карда мешаванд, ки нақши истилоҳотро дар матнҳои илмӣ ва доираи маҳдуди корбурди калимаҳои дорои обуранги эҳсосиро дарк кунанд. Дар натиҷа, самти аввалини таснифоти услубии калимаҳо омӯзонида мешавад. Матн имкон медиҳад, ки воситаҳои луғавии барои пайванди қисмҳои иттилооти илмӣ муҳим: такрори калимаҳо ва ба мақсад мувофиқ будани такрори як истилоҳро дар вазъиятҳои гуногуни матн дарк кунанд. Дар баробари ин, ба басомади такрори калимаҳо дар мавқеъҳои муайян таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

Воситаҳои муассири нутқ табиатан ду хел мешаванд:

а) арзёбӣ ба мавзуи сухан, яъне ифодаи муносибати гуянда нисбат ба он; дар таркиби баъзе калимаҳо эҳсоси мусбат ё манфӣ ифода мегардад: хунхор, хуншор, худпараст;

б) баҳо додан ба предмети сухан, ифодаи муносибат ба он дар маънои мантиқии воситаҳои забон вуҷуд надорад, балки дар матн, дар муҳити калимаю ибораҳои дигар, ки дар адои ин вазифа нигаронида шудаанд, воқеъ мегардад: «сухтан – оташ гирифтан, дарун-дарун сухтан – ниҳояти азоби руҳӣ» [40,23].

Бо мақсади мустаҳкам намудани маълумоти аввал дар бораи услуби баён дар вазъиятҳои гуногун пешниҳод карда мешавад, ки ба саволҳои зерин ҷавоб диҳанд: рустанӣ ё дарахт аз кадом қисмҳо иборат аст? Сипас, саволи дуюм дода мешавад: дар ҷумлаҳои кадом шохаҳои услубӣ калимаҳои дарахт, поя, баргро истифода

бурдан мумкин аст? Чаро калимаҳои аз ҷиҳати маъно наздикро наметавон ҳамеша иваз кард? Он аз чӣ вобаста аст?

Ҷавобҳои хонандагонро муаллим ҷамъбаст карда, донишҳои назарии онҳоро доир ба маҳдуд будани корбурди истилоҳот ва вомвожаҳо мустаҳкам месозад. Бо ин байни мавзуъҳои «Калима» ва услубҳои нутқ тадриҷан робита барқарор мегардад. Супоришҳои минбаъда, ки бо мурури замон пароканда шуданд, дар синфи 5-ум бо назардошти афзоиши тадриҷии мушкилот иҷро карда шуданд.

Ҳангоми иҷрои супориш маълум гардид, ки ба матнҳои дар китоби дарсӣ ҷойгиршуда бо истифодаи зуд-зуд истилоҳот хос аст, ки яке аз нишондиҳандаҳои услуби ҳаҷвӣ мебошанд. Якҷоя бо tvm! муқоисаи калимаҳо бо ранги эмотсионалии арзёбӣ ва калимаҳои бе ин ранг, ба хулосае оварда мерасонад, ки дар китоби дарсӣ ва аз ин рӯ, дар ҷавобҳои донишҷӯён дар ҳамаи фанҳо истифода бурдани калимаҳои аввалӣ ғайриимкон аст, зеро онҳо бояд маълумотро такрор кунанд. ки дар китоби дарсӣ мавҷуданд. Хонандагон тадриҷан хусусиятҳои услуби илмӣ, мавқеи истилоҳот дар он ва зарурати ба назар гирифтани истеъмоли маҳдуди калимаҳои дорои обуранги бадеиро дарк мекунанд.

Тавзеҳи мафҳуми «услуби бадеӣ» ҳангоми муқоисаи хусусиятҳои истеъмоли сифатҳо дар матнҳои илмию адабӣ амалӣ кардан мумкин аст. Асоси лингвистии чунин равиш густардагии сифат аст ва мафҳумҳои «муродиф» ва «силсилаи муродифӣ» тавассути иҷрои машқҳо амалан ташаккул меёбад. Масалан: ҷумлаеро нависед, ки онро дар китоби дарсии таърихи табиат ё зимни ҷавоб дар ҷараёни ин фанҳо истифода бурдан мумкин аст.

Ин машқ равишҳои аввалини шиносоии хонандагонро бо мафҳуми «муродиф» ва «силсилаи муродифӣ», «калимаҳои умумиистеъмолӣ» ва калимаҳои доираи истеъмолашон маҳдудро нишон медиҳад ва дар мисоли силсилаи муродифиҳои пешниҳодшуда хонандагон ба хулосае меоянд, ки калимаи «сабз» ягон маҳдудият дар истифода надорад: он метавонад бо услуби илмӣ барои равшан кардани маълумоти интиқолёфта истифода гардад / ҳамчун ҷузъи истилоҳи шухӣ / дар услуби гуфтугӯйӣ ва дар матнҳои бадеӣ.

Ҳамин тариқ, истилоҳи «муродифот»-ро хонандагон дар синфи 5-ум омӯхта, хусусиятҳои муҳимми ба ин мафҳум хосро ҷудо мекунанд. Ин барои он зарур аст, ки дар синфҳои минбаъда хонандагонро аз нав таълим надиҳанд, балки маълумотро дар бораи муродифҳо амиқтар гардонанд, захираи фаъоли доштани силсилаи муродифӣ афзоиш ёбад, вазифаи муродифҳо дар матн, мавқеи истеъмоли онҳо дар услубҳои гуногуни нутқ тафтиш карда шавад. Дар натиҷа, хонандагон ҳануз аз синфи 5-ум бо таърифи муродифҳо ҳамчун калимаҳое шинос мешаванд, ки ҳаммаъно ё наздикмаъно ҳастанд, вале аз рӯйи тобиши маъно ва корбурд дар нутқ аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Илова бар ин, хонандагони синфи панҷум мафҳуми «силсилаи муродифӣ» -ро меомӯзанд. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо асари «Луғати мактабӣ»-ро [189] дар таълим истифода кардан мумкин аст.

## Хулосаи боби дуюм

Мавқеи калима ва таъбирҳо дар Стандарти давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI мавриди таҳлили қиёсӣ қарор гирифта, Стандарти нави таҳсилот талаботи ҷиддӣ барои ташаккули салоҳияти истифодаи вожаву таъбирҳо дар вазъиятҳои гуногуни иртиботиро пешбинӣ мекунад. Таҳлили барнома ва китобҳои дарсӣ нишон дод, ки дар синфҳои V-IX таҳкурсии донишҳои луғавӣ гузошта шуда, дар синфҳои болоӣ (X-XI) ин донишҳо дар сатҳи услубшиносӣ ва истифодаи мустақилонаи воҳидҳои забонӣ такмил дода мешаванд.

Баррасии масъалаҳои умумии таълими калима ва таъбирҳо дар МТМУ собит намуд, ки таълими калима ва таъбирҳо набояд танҳо дар доираи бобҳои алоҳида маҳдуд шавад, балки бояд ҳамчун як раванди муттасил дар тамоми дарсҳои забони тоҷикӣ идома ёбад. Мушкилоти асосӣ дар ин самт кам будани машқҳои эҷодӣ ва такяи беш аз ҳад ба қоидаҳои назариявӣ мебошад. Аз ин рӯй, пешниҳод гардид, ки рушди нутқи хонандагон тавассути кор бо калима ва таъбирҳо дар маркази диққати омӯзгор қарор гирад. Ин раванд бояд тавассути истифодаи матнҳои бадеӣ, машқҳои луғавӣ ва сохтани муколамаҳо сурат гирад, ки ба

густариши тафаккури мантиқиву образноки хонандагон мусоидат мекунад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқот дар ин боб, муайян кардани мавқеи фарҳангномаҳо (луғатҳо) дар омӯзиши калима ва таъбирҳо мебошад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки истифодаи мунтазами луғатҳои тафсирӣ, синонимӣ ва фразеологӣ дар дарсҳо на танҳо дониши хонандаро бой мекунад, балки дар ӯ малакаи худомӯзӣ ва кор бо манбаъҳои илмиро ташаккул медиҳад. Дар бахши ниҳоии боб, ҷанбаи услубии омӯзиши калима ва таъбирҳо таҳқиқ шуд. Муайян гардид, ки барои хонандагони МТМУ донистани маънои калима кифоя нест; онҳо бояд тавонанд калима ва таъбирҳоро мувофиқи услубҳои нутқ (бадеӣ, расмӣ, илмӣ, гуфтугуӣ) интихоб ва корбаст намоянд. Ин равиш имкон медиҳад, ки нутқи хонанда на танҳо дуруст, балки зебо ва таъсирбахш гардад.

Ҳамин тариқ, таҳлили амалии дар ин боб анҷомёфта нишон медиҳад, ки такмили методикаи таълими калима ва таъбирҳо дар асоси талаботи стандартҳои муосир, истифодаи васеи луғатҳо ва таваҷҷуҳ ба ҷанбаҳои услубӣ заминаи воқеиро барои баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи забонии хонандагон фароҳам меорад.

# БОБИ 3. КОРҲОИ ОЗМОИШИЮ ТАҶРИБАВӢ ОИД БА ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТИ ИРТИБОТИИ ХОНАНДАГОН ДАР РАВАНДИ ТАЪЛИМИ КАЛИМА ВА ТАЪБИРҲО

## 3.1. Вазъи таълими калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муайян намудани сатҳи ибтидоии дониши хонандагон

Марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқоти илмӣ-педагогӣ санҷиши воқеии самаранокии методикаи пешниҳодшударо тақозо менамояд. Ин ҷо бо мақсади муайян кардани сатҳи ташаккули малакаҳои таълимӣ-забонии лексикологӣ ва фразеологии хонандагон, таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои гурӯҳҳои назоратӣ (ГН) ва озмоишӣ (ГО) мавриди баррасӣ қарор меёбад.

Асоси арзёбиро маҷмуи корҳои санҷишӣ дар шакли тестӣ-эҷодӣ ташкил медиҳанд, ки барои синфҳои 5-7-11-ум таҳия шудаанд ва ҳар як супориши ин маҷмуа ба яке аз зинаҳои асосии ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шуда, аз шинохти маънову мафҳумҳо ва тафсири мустақилона то маҳорати кор бо луғатҳои тафсириро фаро мегирад. Таҳлили натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳад, ки на танҳо ҷанбаҳои миқдорӣ (фоизӣ), балки тағйироти сифатӣ дар тафаккури забонии хонандагон ва қобилияти онҳо дар истифодаи мавридшиносонаи воҳидҳои забонӣ дар раванди муошират муайян карда шавад.

Самти асосии усули муосири забони тоҷикӣ - ҷустуҷӯйи роҳҳои инкишофи нутқи хонандагон, ташаккули шахсияти босалоҳият мебошад. Дар ин робита, омӯзиши калима ҳамчун воситаи рушди малакаҳои нутқ ва тафаккур хеле муҳим аст. Таҷриба дар тули ду сол дар синфҳои 5-7 ва 11-уми МТМУ №12 ба номи Алоуддин Бобоев, № 6 ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии шаҳри Хуҷанд, №15-и ноҳияи Бобоҷон Ғафурови вилояти Суғд, ки ба ҳайси муассисаҳои таҷрибавӣ интихоб шуда буданд, бо иштироки омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик гузаронида шуд. Дар таълими таҷрибавӣ 3 синф иштирок дошт.

Қабл аз оғози таҷриба бо омӯзгороне, ки қарор буд бо мо ҳамкорӣ кунанд, суҳбатҳо гузаронида шуд. Вазифаҳои таълими таҷрибавӣ ва усули гузаронидани онро муҳокима намуда, ба омӯзгорон маводди назариявиву дидактикӣ ва нақшаи

тавзеҳии дарсҳои алоҳидаи мураттабнамудаамонро дастрас кардем. Мақсади барномаи таҷрибаи озмоишӣ зимни таълими калима ва таъбирҳо аз он иборат буд, ки салоҳияти иртиботии хонандагони синфҳои 5-ум, 7-ум ва 11-уми МТМУ тавассути омӯзиши воҳидҳои луғавӣ ва азхудкунии низоми забономӯзӣ ташаккул дода шавад ва дар асоси ин донишҳо малакаи дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани калимаҳо, муайян кардани вазифаи воҳидҳои луғавӣ дар ифода, рушди малакаи интихоби бамавқеи калима ва таъбирҳо барои баёни равшану возеҳ, дарки мазмуну муҳтавои асосии матн ва воситаҳои образнок муайян карда шуд. Таҳқиқи мазкур бар он асос ёфт, ки омӯзиши калима набояд танҳо бо ёд гирифтани маънои калимаҳо маҳдуд гардад, балки он бояд ҳамчун заминаи асосии ташаккули  салоҳияти иртиботӣ ва дарки амиқи матнҳои адабӣ хидмат кунад.

Дар раванди таҷрибаи озмоишӣ мо ба се марҳалаи асосӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудем:

1. Марҳалаи муайянкунанда (констататсионӣ): Дар ин давра сатҳи ибтидоии дониши луғавии хонандагон ва маҳорати онҳо дар истифодаи таъбирҳои фразеологӣ тавассути тестҳо ва корҳои эҷодӣ санҷида шуд. Натиҷаҳо нишон доданд, ки хонандагон дар фарқ кардани тобишҳои маъноии калимаҳои муродиф ва истифодаи бамавқеи таъбирҳо дар нутқи шифоҳӣ душворӣ мекашанд.

2. Марҳалаи таълимӣ (ташаккулдиҳанда): Ин марҳалаи асосии таҳқиқот буда, дар он низоми нави супоришҳои методӣ ба роҳ монда шуд. Мо диққати асосиро ба амсиласозии вазъиятҳои нутқӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникативӣ (ТИК) равона кардем. Ва барои хонандагони синфҳои 11-ум истифодаи луғатҳои электронӣ ва таҳлили матнҳои классикӣ (аз ҷумла «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) бо ёрии воситаҳои мултимедӣ пешниҳод гардид.

3. Марҳалаи санҷишӣ (назоратӣ): Дар ин марҳала самаранокии методикаи пешниҳодшуда бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои синфҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ муайян карда шуд.

Таҷриба дар се  марҳала бо муайян намудани вазифаҳои ҳар яке аз он бо маҷмуи барномаи ба инкишофи нутқ ва салоҳияти иртиботӣ тамоюлдошта

гузаронида шуд. Дар марҳалаи аввали озмоиши таҷрибавӣ мафҳумҳои асосии лексикология омӯхта мешаванд: маънои луғавии калима, муродифҳо, антонимҳо, калимаҳои сермаъно, маънои аслӣ ва маҷозии калима, омонимҳо, инчунин меъёрҳои забонӣ ва нутқ азхуд карда мешаванд. Вазифаҳои ин марҳала шинохтани тобишҳои маъноии калима ва таъбирҳо, аз худ кардани мавқеи онҳо дар нутқ, муайян кардани аломатҳои монанд ва фарқкунандаи мафҳумҳо мебошад. Хонандагон дар бораи калима ҳамчун воҳиди асосии забон, ки бо воҳидҳои дигари забон алоқамандӣ дорад, тасаввурот пайдо мекунанд. Вазифаи асосӣ дар ин марҳала – дарки низоми сохтори луғавӣ аз ҷониби хонандагон, инчунин мустаҳкам кардани тасаввурот дар бораи муносибати калимаҳо дар услубҳои гуногуни забон ва инкишофи нутқ мебошад.

Дар марҳалаи дуюми таҷрибаи кор оид ба амиқтар кардани дониш ва малакаҳои истифодаи калимаҳо алоқамандона ба инкишофи нутқ ва салоҳияти иртиботӣ гузаронида мешавад. Дар ин марҳалаи таълим вазифаи асосӣ таваҷҷуҳи мақсаднок ба такмили салоҳияти коммуникативии хонандагон мегардад.

Барномаи таҷрибаи таълимӣ дар ҷадвали 6 оварда шудааст:

**Ҷадвали 6**

Барномаи таҷрибаи омӯзишӣ

| Мафҳумҳои асосии назарии мавзуъ | Мавзуи дарс | Салоҳияти забонӣ | Салоҳияти иртиботӣ | Супоришҳои амалӣ |
|---|---|---|---|---|
| Маънои калима ва таъбир дар луғатнома ва матни бадеӣ | Маънои луғавии калима | -таҳлили маводди моддаи луғавӣ<br>-хулосабарорӣ доир ба хусусиятҳои маънои луғавии калима дар матни бадеӣ | -табдили матн ба тарзи шарҳи моддаи луғавӣ<br>-ҷудо кардани маълумоти асосси матн, ки барои тафсири калима заруранд<br>-муайян намудани тобишҳои маъноии вожа | Бо такя ба матн шарҳи шахсии калима.<br>Маънои калима дар луғат ва дар матн чӣ тафовут дорад? |
| Муносибатҳои маъноии байни вожаҳо. Муродифҳо. Силсилаи | Муродифҳо | -донистани меъёрҳои таносуби луғавӣ<br>-ташаккул додани маҳорати | -муайян намудани мавқеи муродифот чун алоқаи ҷумлаҳо | Чӣ тавр муродифҳоро дар матн алоқаманд месозанд? |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| муродифҳо. Муродифҳои матнӣ | | интихоби муродифот вобаста ба мавқеи сухан | дар матн; -истифодаи муродифот дар нутқи худ | Мавқеи муродифот дар нутқ? Муродифот ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд? Муродифоти матниро аз луғатномаҳо пайдо кардан мумкин аст? |
| Мутазоди матнӣ. Вазифаи матнсозии мутазод. | Мутазод | Таҳияи гурӯҳи калимаҳо доир ба мавзуъ | -муайян намудани хусусиятҳои бадеии мутазод; -табдили калимаҳои калидии матн | Чӣ тавр мутазоди матнӣ муайянкарда мешавад? Суханварон бо кадом мақсадмутазодро ба кор мебаранд? |
| Умумияти калимаҳои сермаъно. Шинохти тобишҳои маъноии калимаҳо дар матни бадеӣ. | Калимаҳои сермаъно | -фарқ кардани маънохо ва муайян намудани умумияти маъноии калимаҳои сермаъно; -интихоби калимаҳои ҳамреша ба маъноҳои гуногуни калимаҳои сермаъно | -муайян намудани мавқеи калимаҳои сермаъно дар матни бадеӣ | Маънои калимаҳои сермаъноро чӣ алоқаманд мегардонад? Ҳамаи маънои калимаҳои сермаъно оё калимаҳои ҳамрешаанд? Калимаҳои сермаъно дар луғат чӣ тарз шарҳ дода мешаванд? |
| Алоқаи маънои аслӣ ва маҷозии калима | Маънои аслӣ ва маҷозии калима | Муайян намудани маънои аслӣ ва маҷозии калима | дарки шартӣ будани нутқ | Маънои аслӣ ва маҷозии калима бо ҳам чӣ алоқа дорад? |
| Калимаҳои наздикталаффуз ва фарқи онҳо аз ҳамдигар ва аз калимаҳои ҳамгуна ва сермаъно | Ҳамгунаҳо | -фарқи ҳамгуна ва калимҳои сермаъноро дарк кардан | нақли шифоҳӣ доир ба мавзуи забоншиносӣ | Байни ҳамгунаҳо ва калимаҳои сермаъно чӣ фарқ ҳаст? |
| Калима чун воҳиди асосии омӯзиши лексикология. | Калима қисми илм дар бораи забон | -дарёфти намунаи воҳидҳои луғавӣ | Эҷоди матни бадеӣ бо истифодаи муродифот, | Омӯзиши калима дар қисмати лексикология чӣ хусусият дорад? |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| Бойигарии луғавии забон | | дар матн; -муайян кардани фарқи калима аз дигар қисматҳои забон | мутазод, ҳамгунаҳо, калимаҳои соҳавӣ, гӯишӣ, иқтибосӣ ва наввожаҳо | |
| Таъбирҳо чун фасли лексикология. Фразеологизмҳо ва фарқи онҳо аз калимаю иборахои озод. | Фразеологизмҳо ва таъриху фарҳанги миллӣ. | - фразеологизмҳоро шарҳ додан; вобаста ба вазъият дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ бамаврид истифода бурдан; муродифҳо ва мутазоди фразеологизмҳоро пайдо кардан | -муайян кардани мавқеи таъбирҳо дар матн; -истифодаи таъбирҳо дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ; -ҷамъбасти иттилооти омӯхташуда. | Барои шарҳи маънои фразеологизмҳо аз кадом фарҳангҳо истифода мебаранд? |
| | Навиштани эссе ё нақли хаттӣ | Муайян намудани воҳидҳои луғавӣ аз матни таҳиянамудаи худ | Аз матни бадеӣ ёфтани калима ва таъбирҳо ва истифодаи онҳо дар матни эҷодкардаи худ | Дар матн кадом воҳидҳои луғавӣ ба мушоҳида мерасанд ва дар матн чӣ нақше доранд? |

Барномаи таҷрибаи таълимӣ, ки дар ҷадвали №6 оварда шудааст, як низоми мукаммал ва мақсадноки таълимро инъикос мекунад. Ин ҷадвал нишон медиҳад, ки раванди таълим на танҳо ба азхудкунии донишҳои назариявӣ (салоҳияти забонӣ), балки бештар ба татбиқи амалии онҳо дар нутқ (салоҳияти иртиботӣ) нигаронида шудааст.

Дар асоси омӯзиши ҷадвал хулосаҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Муносибати мутавозин байни назария ва амалия

Ҷадвал нишон медиҳад, ки ҳар як мавзуи луғавӣ (муродифҳо, мутазодҳо, калимаҳои сермаъно ва ғайра) бо супоришҳои мушаххаси иртиботӣ пайваст карда шудааст. Ин маънои онро дорад, ки хонанда калимаро на ҳамчун воҳиди ҷудогона, балки ҳамчун воситаи зиндаи ифодаи фикр меомӯзад.

2. Таваҷҷуҳ ба «Матн» ҳамчун воҳиди асосии таълим

Яке аз хулосаҳои муҳим он аст, ки матни бадеӣ дар маркази барнома қарор дорад. Салоҳиятҳои иртиботӣ (коммуникативӣ) маҳз тавассути:

-ҷудо кардани маълумоти асосии матн;

-муайян намудани мавқеи вожаҳо дар матн;

-табдили матни муаллиф ба матни шахсӣ; ташаккул дода мешаванд. Ин равиш ба муҳассилин имкон медиҳад, ки вазифаҳои шохаҳои услубии забонро дарк кунад.

3. Рушди тафаккури интиқодӣ ва таҳлилӣ

Супоришҳои амалии дар ҷадвал овардашуда (масалан: «Маънои калима дар луғат ва дар матн чӣ тафовут дорад?» ё «Муродифот ҳамеша якдигарро иваз карда метавонанд?») нишон медиҳанд, ки барнома хонандаро ба андеша кардан ва таҳлил намудани ҳодисаҳои забонӣ водор месозад. Ин назар ба ёд кардани қоидаҳои хушк самараноктар аст.

4. Алоқамандии мантиқии марҳалаҳои таълим

Нақшаи ҷадвал аз сода ба мураккаб сохта шудааст:

- Фаҳмиши маънои луғавии калима;
- Омӯзиши муносибатҳои маъноӣ (муродиф, мутазод, сермаъноӣ);
- Синтези донишҳо дар қолаби навиштани эссе ва нақли хаттӣ. Ин пайдарпайӣ имкон медиҳад, ки салоҳияти иртиботӣ зина ба зина ва устувор ташаккул ёбад.

5. Ташаккули ҷаҳонбинии миллӣ ва фарҳангӣ

Дар бахши фразеологизмҳо ишора ба «таърихи фарҳанги миллӣ» хеле муҳим аст. Ин нишон медиҳад, ки омӯзиши калима ва таъбирҳо танҳо ҷанбаи лингвистӣ надошта, балки барои худшиносии миллии хонанда ва дарки руҳияи забон низ хидмат мекунад.

Ҷадвали № 6 собит месозад, ки методикаи таҷрибавии мо аз қолаби анъанавии «фаҳмондани қоида–иҷрои машқ» берун баромада, ба амсилаи «таҳлили матн–дарки маъно–тавлиди нутқ» гузаштааст. Ин амсила барои ташаккули шахсияти босалоҳият, ки метавонад афкори худро бо забони ноби тоҷикӣ дақиқ ва образнок баён кунад, заминаи мустаҳкам мегузорад.

Таҷрибаи озмоишӣ дар асоси маводди китобҳои дарсӣ гузаронида шуд ва ғайр аз истилоҳоти мансуб ба калима ва таъбирҳо ба барнома мафҳумҳо дар бораи

матн дохил карда шуд: мавзуи матн, сохтори он, шохаҳои услубӣ ва намудҳои нутқ ва ғайра.

Натиҷаҳои таҳқиқоти муқарраркунанда имкон доданд, ки малакаҳои асосии нутқ: инкишофи тафаккур ва салоҳияти иртиботии зерин, ки бояд дар хонандагон ташаккул дода шаванд, ҷудо карда шаванд:

-такмил додани тафаккур;

-рушди малакаи ҷамъбасткунӣ;

-ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ;

-истифодаи воҳидҳои луғавӣ.

Ташаккули салоҳиятҳо дар марҳалаи аввали озмоиш дар раванди омӯзиши фасли калима ва таъбирҳо барои кор дар самтҳои гуногун: салоҳияти забонӣ (грамматикӣ) ва салоҳияти иртиботӣ мусоидат кард. Дар байни салоҳиятҳои забонӣ, ки ҳамчун омӯзиши амалии маводди таълимӣ муайян карда мешаванд, шинохтани воҳидҳои забон ва гурӯҳбандии мафҳумҳоро ҷудо кардан мумкин аст. Ба малакаҳои асосии луғавии салоҳияти забонӣ инҳо дохил мешаванд:

а) тавзеҳи маънои луғавии калимаҳо;

б) муайян кардани маънои луғавӣ, ки дар матни муайян истифода шудааст;

в) ёфтани воҳидҳои луғавии омӯхташуда дар матн;

г) интихоб ва гурӯҳбандии воҳидҳои луғавии омӯхташуда;

д) истифодаи луғати тафсирӣ ва фразеологӣ.

Ташаккули салоҳиятҳои забонӣ бо омӯзиши меъёрҳои забон ва нутқ зич алоқаманд аст. Дар раванди таълими калима мушкилоти дурустии нутқ бо истифодаи супоришҳои дақиқи маъноӣ, муносибати услубӣ, ифоданокӣ ҳал карда мешуд. Дар низоми луғавӣ-семантикии забон маъноҳои муайян ба калима вобаста карда шудаанд.

Ҳолатҳои истифодаи бемавқеи калима ва таъбирҳо, ба маънои он воҳиди луғавӣ хос набуда ва омӯзиши маъноҳои калимаи сермаъно нутқро халалдор мекунанд ва хатоҳои луғавӣ ба шумор мераванд. Ҳамчунин ин гуна хатоҳо дар ҳолатҳои омӯзиши омонимҳо ва паронимҳо ба мушоҳида мерасад.

Калима ҳамчун воҳиди асосии забон пайвандгари тамоми қабатҳои забон буда, бо воҳидҳои луғавии дигар муносибатҳои гуногун анҷом медиҳад. Азхудкунии забон ва инкишофи нутқ бе дарки низоми муносибатҳои алоқаи парадигматӣ ва синтагматикии он ғайриимкон аст. Бархе муаллифон таъкид кардаанд: «Забони модарӣ азхуд карда мешавад, агар қобилияти дар хотир нигоҳ доштани анъана (меъёр)-и истифодаи унсурҳои забонӣ дар нутқ пайдо шавад: дар хотир нигоҳ доштани мутобиқати онҳо (синтагматика), имкониятҳои ивазшавии мутақобила (парадигматика) ва истифодаи бамавқеъ дар ҳолатҳои гуногуни нутқ ба назар гирифта шавад» [114, 90].

Аксар вақт дар дастурҳои таълимӣ ва маводди дидактикӣ дар фасли «Калима» машқҳо дар асоси калимаҳои ҷудогона ё маънои онҳо, инчунин силсилаи муродифӣ ё ҷуфтҳои антонимӣ берун аз матн пешниҳод мешаванд ва шиносоӣ бо намунаҳои назариявии ин ё он воҳиди луғавӣ танҳо як қисми омӯзиши забон аст.

Дар ҷараёни дарсҳо хонандагон ба намунаи истифодаи калима ва таъбирҳо муроҷиат мекарданд, ки имконияти ифодаи хусусиятҳои лексикиро дар эҷоди асар ва тасвир фаҳмида тавонанд. Агар кор бо намунаҳои хуби истифодаи бамавқеи воҳидҳои луғавӣ анҷом дода нашавад, хонанда ҳатто бо дониши хуби назарӣ калимаро дар нутқи худ дуруст истифода бурда наметавонад.

Мушоҳидаи нутқи хонандагон нишон медиҳад, ки бисёр маънои калимаҳои умумиистеъмолии маводди китобҳои дарсӣ, махсусан, аз асарҳои шоиру нависандагони классикии форс-тоҷикро намефаҳманд.

Дуруст нафаҳмидани ҷилоҳои маъноии вожаву таъбирҳо боиси дарк накардани мазмуну муҳтавои асарҳои адабӣ мегардад. Арзишу аҳаммияти омӯзиш, санъатҳои бадеӣ ва салоҳияти забонӣ ва иртиботии хонандагонро коҳиш медиҳад.

Кор бо матни бадеӣ равандест, ки хонандагон бо шинохти маънои ҳар як воҳиди луғавӣ ба рушди малакаҳои таҳлил, қиёс ва баррасии иттилоот комёб мешаванд. Калимаҳои сермаъно дар забони тоҷикӣ фаровон буда, дар луғатномаҳо инъикоси тамоми тобишҳои ҳиссӣ ва нозуки маъноии калимаву

таъбирҳо ғайриимкон аст. Танҳо бо таҳлили амиқ ва шарҳи маъноҳоро ба хонанда равшан кард. Бо ин роҳ тафаккури интиқодӣ, рушди зеҳнӣ ва бахотиргирии мазмуну маънои матн муяссар мегардад.

Аз ин рӯй, дар раванди таҷрибаи озмоишӣ мо принсипи «аз матн ба калима ва аз калима ба матн»-ро асос қарор додем. Ин равиш имкон дод, ки хонандагон на танҳо маънои аслии вожаро дарк кунанд, балки қобилияти зеринро низ пайдо намоянд:

-фаҳмидани он ки чӣ тавр як калима дар иҳотаи вожаҳои дигар маънои маҷозӣ мегирад;

-муайян кардани он ки чаро муаллиф аз байни як силсилаи муродифҳо маҳз ҳамин вожаро интихоб кардааст;

-истифодаи наввожаҳо дар сохтани ҷумлаҳо ва матнҳо корбаст мешавад.

Дар раванди кор бо матнҳои классикӣ, махсусан ҳангоми омӯзиши асарҳои Фирдавсӣ ва Саъдӣ мо мушоҳида кардем, ки мушкилоти асосии хонандагон дар «шарҳи маънои луғавӣ» мебошад. Вақте хонанда маънои калимаҳои калидиро намефаҳмад, ӯ аз маънои асар ақиб мемонад ва шавқ ва завқи ӯ оид ба омӯзиш коҳиш меёбад. Барои бартараф кардани ин мушкил, мо супоришҳоеро таҳия намудем, ки ба «шарҳи маънои луғавӣ» нигаронида шудаанд. Ин маънои онро дорад, ки хонанда на танҳо маънои калимаро аз луғат мехонад, балки кӯшиш мекунад, ки онро бо истифода аз муродифҳои муосир ва таъбирҳои ҳаммаъно дар дохили матн шарҳ диҳад.

Ҳамин тариқ, ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар заминаи омӯзиши калима ва таъбирҳо равандест, ки аз дониши назариявӣ оғоз ёфта, дар фаъолияти нутқии мустақилонаи хонанда таҷассум меёбад. Ин кор на танҳо захираи луғавии хонандаро бой мегардонад, балки сатҳи дарки бадеӣ ва фарҳангии ӯро низ ба куллӣ тағйир медиҳад.

Тобишҳои нозуки маъноӣ танҳо дар матн зуҳур мекунад ва огоҳӣ аз тамоми маъноҳои калима фаҳмидани рамзу маъноҳои пушидаи матн малакаҳои муҳимми нутқ ва тафаккури хонандагон мебошад, ки ҳангоми таҳлили асарҳои бадеӣ рушд мекунанд.

Таҳлили сохтории матн ба хонандагон имкон дод, ки мавқеи воҳидҳои луғавиро барои дарки мазмуни матн, вазифаи иртиботии онро дар матн фаҳманд ва ин равиш ба ташаккули салоҳияти истифодаи бошууронаи калима ва таъбирҳо мусоидат кард. Ю.Н. Караулов таъкид мекунад, ки калима бо калимаҳои дигари нутқ дар асоси монандии овозӣ, наздикмаъноӣ ё муқобилмаъноӣ, умумияти сохти калима, истифодаи ҳамгиро ва ғайра алоқаманд мешавад. Дар асоси ин зимни омӯзиши маводди нав дар таҷрибаи озмоишӣ, инчунин дар раванди иҷрои супоришҳо гуногунии алоқаҳои калима ва таъбирҳо пешниҳод карда шуд. Кор бо калима ва таъбирҳо бо муайян кардани алоқаҳои дистрибутивӣ, парадигматикӣ ва синтагматикӣ ба ғанӣ гардонидани салоҳияти иртиботии хонанда мусоидат кард. Машқ тавре ташкил карда шуд, ки хонанда ҳангоми иҷрои он таҷрибаи забонии худро истифода барад ё онро зина ба зина инкишоф диҳад.

Калима ва таъбирҳо на танҳо ҳамчун воҳиди асосии лексикология, балки ҳамчун тамоми системаи забон, бо тамоюли нави забоншиносӣ–ба назар гирифтани ҳодисаҳои забон, мурочиат ба салоҳиятҳои он, аз қабили салоҳияти маърифатӣ, иртиботӣ, зебоишиносӣ комилан ҷавобГӮЙ аст.

Дар ҷараёни таҷрибаи озмоишӣ тасаввуроти хонандагон дар бораи хусусиятҳои воҳиди луғавӣ ташаккул ёфт: мавқеи он дар забон муайян карда шуд. Омӯзиши калима на ба донишҳои назариявӣ, балки бештар ба супоришҳои амалӣ оид ба муайян кардани маънои луғавии калима дар матн ва истифодаи он дар нутқ сурат гирифт.

Машқҳои луғавӣ, ки дар ҷараёни таҷрибаи таълимӣ истифода шуданд, ба дарки алоқаҳои ассотсиативӣ, дистрибутивӣ ва грамматикии байни воҳидҳои забон дар раванди нутқ мусоидат карданд. Навъи машқҳои истифодашуда дар ҷадвали 6 пешниҳод шудааст ва асосан усули кор бо матн мебошад, ки муҳассилин малакаи мустақилона иҷро карданро доранд:

- муайян кардани алоқаи байни қисматҳои забон;

-шарҳи усулу воситаҳое, ки муаллиф барои амалӣ кардани мақсади худ истифода мебарад;

- шарҳ додани таъсири воҳидҳои луғавӣ ва услубӣ ба муассирии матн ва мундариҷаи он;

- сохтани матнҳои нав вобаста ба мавзуи додашуда.

Тавассути ин машқҳо хонандагон тадриҷан дарк намуданд, ки калима дар матн на танҳо вазифаи номгузорӣ (номинативӣ), балки вазифаи эстетикиву иртиботиро низ иҷро мекунад. Масалан, ҳангоми иҷрои супориш оид ба шарҳи таъсири воҳидҳои луғавӣ, хонандагон тавонистанд муайян кунанд, ки чӣ тавр истифодаи як сифат ё таъбири фразеологӣ метавонад тамоми тобиши эҳсосии ҷумларо дигаргун созад.

Ин равиш дар марҳалаи таҳияи матнҳои нав натиҷаҳои назаррас дод. Хонандагон вазифадор шуданд, ки вобаста ба вазъиятҳои гуногуни муошират (расмӣ, илмӣ ё бадеӣ) матнҳои кутоҳ таҳия кунанд.

Дар ин ҷо принсипи мувофиқати услубӣ ба миён омад: хонанда бояд на танҳо калимаи дурустро меёфт, балки калимаеро интихоб мекард, ки ба муҳити нутқ ва мақсади гуянда созгор бошад.

Дар ҷараёни таҷриба мо ба хулосае омадем, ки чунин навъи машқҳо заминаи мусоидро барои ин амалҳо фароҳам овард:

1.Бой гардонидани захираи луғавӣ: Калимаҳои нав на танҳо дар хотира мемонанд, балки ба гардиши нутқи хонанда ворид мешаванд;

2.Инкишофи тафаккури мантиқӣ**:** Муқаррар кардани алоқаҳои байни қисматҳои забон ва дарки сохтори матн қобилияти таҳлилии хонандаро суфта мекунад;

3.Баланд бардоштани завқи бадеӣ: Шарҳи воситаҳои тасвири муаллиф ба хонандагон кумак мекунад, ки зебоии забони модариро эҳсос намуда, дар нутқи худ аз суханҳои такрорию қолабӣ дурӣ ҷуянд.

Ҳамин тариқ, низоми машқҳои пешниҳодшуда дар ҷадвали 6 танҳо супоришҳои техникӣ набуда, балки як механизми мураккаби ташаккули салоҳияти забонии шахсият мебошанд, ки дар он дониш дар бораи забон ва маҳорати истифодаи он дар иртибот ба ҳам тавъам мешаванд. Ин имкон медиҳад,

ки омӯзиши калима дар мактаб аз шакли сатҳии назариявӣ ба истифодаи амалӣ интиқол ёбад.

**Ҷадвали 7**

Намуди машқҳо

| Навъи Машқҳо | Супориш - асоси иҷрои машқ. Ташаккули маҳорати дарки матн |
|---|---|
| Луғавӣ-семантикӣ | -муайян намудани маънои калима дар матн; |
| | -истифодаи дурусти калима ба маънои аслӣ ва маҷозӣ; |
| | -интихоб ва истифодаи мавридшиносонаи муродифот ва мутазод; |
| | -кор бо навъҳои гуногуни луғатҳо; |
| | -гурӯҳбандии калимаҳо аз рӯйи мавзуъҳои муайян. |
| Луғавӣ-грамматикӣ | -таҳлили маъноӣ-услубии калима |
| | -таносуби маъноии калимаҳо дар матн; |
| | -таснифи таркиби луғавӣ; |
| | -таносуби маъноӣ; |
| Луғавӣ-услубӣ | таҳлили калима аз ҷиҳати вазифаҳои коммуникативӣ |

Омӯзиши калима дар таҷрибаи омӯзишӣ ба амалӣ намудани робитаи салоҳияти забонӣ ва салоҳияти иртиботӣ нигаронида шуда, пеш аз ҳама, азхудкунии донишҳои ибтидоии назарӣ аз ҷониби хонандагон дар баробари азхудкунии меъёрҳои забон асос меёбад.

Самти асосии кор бо калима дар раванди таҷриба таҳлили воҳидҳои луғавии матн буд ва ин кор мутаносиб ба кори маъмулӣ нест, зеро калима ё дигар воҳидҳои забон мувофиқи талаботи дастури китоби дарсӣ ҷудо аз матн ва вазъияти нутқ таҳлил кардан лозим аст. Ҳадафи чунин таҳлил аз зарурати дарки тобишҳои нозуки маънои калима ва таъбирҳо: нақши воҳиди мушаххаси забон, ки барои мавзуи муайян интихоб шудааст, ҷиҳати дарки маънои матн; аҳаммияти ҷузъҳои таркибии он (қисмҳои ин воҳид: морфемаҳо–барои калима; калимаву ибораҳо–барои ҷумла; ҷумлаҳо ва сохтори онҳо–барои матн ва ғайра) ё худ воҳидҳои луғавӣ барои эҷоди мазмуну мундариҷаи умумии матн иборат мебошад.

Технологияи барномаи мо бо амсиласозии шароити эҷод ва дарки матн алоқаманд буд. Вазифаи таълимиро тавре мураттаб намудем, ки ҳангоми ҳалли он

хонанда чараёни дарки матнро эҳсос кунад ва «душвории эҷод»-ро дар интихоби воҳидҳои забон, кӯшиши дақиқ ифода кардани маъно ва ғайра таҷриба намояд.

Бо риояи меъёрҳои нутқ ва қоидаҳои грамматикӣ матни намунавӣ таҳлил ва натиҷаи чунин таҳлил азхуд кардани малакаҳои матнсозӣ аз ҷониби хонандагон, ҳавасманд намудани онҳо ба фаҳмидани тарзи ифодаи фикри худ гардид. Донистани мафҳуми воҳидҳои луғавӣ, ки системаи истилоҳоти лексикологияро ташкил медиҳанд, дарки маъно, робита ва муносибатҳои онҳо дар системаи забон шарти муҳим ва заминаи омӯзиши бомуваффақияти забон ва нутқ мебошад. Кор бо калима ҳамчун воҳиди номинативии забон аз муқаррар кардани маънои луғавии он оғоз ёфт. Ҳамаи воҳидҳои забон, ки мақоми аломатро доранд, яъне бо воқеияти берун аз забон, ки ба системаи мафҳум ва тафаккур тааллуқ доранд, мувофиқат мекунанд, бояд ба хонандагон фаҳмонида шаванд. Дарки маънои луғавии калима дар ду сатҳ (забон ва нутқ), механизмҳои ташаккул ва дарки ин маъно фаҳмиши амиқи системаи забон ва фаъолияти он аст. Хонандагон хулоса карданд, ки дар матн маънои калима равшан мешавад ва дар матни бадеӣ имкон дорад, ки тобишҳои нави маъноӣ зоҳир намояд. Масалан, ҳамчун машқ оид ба тафсири маънои луғавии калима, таърифи муфассал аз «Луғати истилоҳоти забоншиносӣ» [210] пешниҳод карда шуд. Хонандагон бояд иттилооти асосӣ ва иловагии матнро ҷудо карда, намунаи мақолаи луғатро таҳия мекарданд.

Ҳангоми омӯзиши маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо дар асоси матнҳои адабиёти бадеӣ таваҷҷуҳ ва диққат ба калима, ба тарзи интиқоли эҳсосоти нозук, ба тасвири образнокро дар хонандагон тарбия мекардем. Ҳисси зебоишиносиро инкишоф дода, роҳи дигари дарки ҷаҳони атрофро ошкор созанд. Нутқ дар сурате азхуд карда мешавад, ки қобилияти ҳис кардани ҷиҳатҳои ифоданоки маъноҳои луғавӣ, грамматикӣ, овоӣ, тобишҳои маъноие, ки дар нутқи мураттаб ба миён меоянд, ҳосил карда мешавад. Принсипи арзёбии ифоданокии нутқ аз ҳамин иборат аст. Нафаҳмидани маънои калимаҳои образнок раванди дарки матни бадеиро суст месозад.

Таълими калима ва мушкилоти он барои хонандагон аз надоштани қобилияти ҷудо кардани калимаҳои асосӣ, образҳо, иттилооти зарурӣ ва иловагӣ ва

маънохои пӯшидаи матн иборат буд ва таҳлили мухтасар ва муфассали матн, ки ба ҳар як калимаи муҳим ва маънои он диққати ҷиддӣ дода мешуд, ин мушкилотро ба таври назаррас ҳал кард. Кор бо калимаҳо хусусияти хос дорад, ки дарки тавлиди маъно, пешниҳоди пайвастагии маъноии бавуҷудомадаро дар бар мегирифт.

Ҳангоми омӯзиши мавзуи «Муродифҳо» хонандагон дар бораи имкониятҳои забон дар интихоби воҳидҳои луғавӣ тасаввурот пайдо карда, тарзи интиқоли мазмун бо воҳидҳои гуногуни забонро омӯхта, ба дақиқбаёнӣ ноил гардиданд. Хонандагон аз омӯзиши бонизоми курси забони тоҷикӣ аз байни силсилаи муродифот интихоб кардани вариантҳои наздики ифодаро омӯхтанд, ки ба робитаи он бо калимаҳои дигар ва услуби нутқ мувофиқат ва ба ҳадафи коммуникативии гуфтор хидмат кунад.

Дар ҷараёни омӯзиши мавзуи «Муродифот» ва кори луғавӣ-семантикӣ қобилияти ба назар гирифтани робитаҳои синтагматикӣ ҳангоми интихоби муродифҳо инкишоф ёфт, хонандагон бо тарзҳои гуногуни ифодаи маъноҳои монанд шинос шуданд, калимаҳои мувофиқтаринро ҳам дар нутқи хаттӣ ва ҳам шифоҳӣ мувофиқи мақсадҳои коммуникативӣ истифода бурданд.

Инкишофи қобилияти тафаккури хонандагон дар давраи омӯзиши калима кумак кард, ки категорияҳои грамматикиро аз худ кунанд ва ба ин васила мафҳуми маънои грамматикии калимаро ба таври умумӣ, бе муқоиса бо ашё, тавре ки дар мавриди маънои луғавӣ аст, ташаккул диҳанд.

Дар ҷараёни таҳлили матн бо ёрии хонандагон варақаи дастурӣ таҳия карда шуд:

1. Маънои калимаҳои номаълумро муқаррар кардан;

2. Иштироккунандаи рӯйдодҳои тасвиршуда ва ё калимаҳои асосиро аз матн ҷудо кардан;

3. Иттилооти асосиро дар матн муайян сохтан;

4. Ёфтани намунаи воҳидҳои луғавӣ аз матн ва муайян намудани маънои онҳо;

5. Нақши воситаҳои тасвир дар матн;

6. Хулоса аз мавзуи матн ва ҳадафи муаллиф.

**Ҷадвали 8**

**Марҳилаҳои кор бо матн ва маъношиносӣ**

| № | Марҳилаҳои кор | Маъноҳо | Усулҳои кор | Тавсифи супоришҳо |
|---|---|---|---|---|
| **1.** | Муайян кардани маънои калимаҳои номафҳум | Номаълум | Шарҳи маъно | Муайян кардани маънои калимаҳои номафҳум / васеъ кардани захираи луғавӣ аз ҳисоби тобишҳои маънои калимаҳо |
| **2.** | Калимаҳои калидӣ | Айният | Дарки маъно | Ҷудо кардани калимаҳои асосӣ, тасвирҳо ва образҳо аз матн. |
| **3.** | Иттилооти калидӣ | Мушаххассозӣ | — | Муқоиса ва алоқаманд кардани қаҳрамонҳои матн бо мавзуъ ва ғоя. |
| **4.** | Воситаҳои забонӣ | — | — | Ошкор намудани алоқамандӣ ва муносибати байни воҳидҳои забон |
| **5.** | Воситаҳои тасвир ва муассири забон | Мувофиқсозӣ | Маъноофаринӣ | Алоқаманд кардани маъноҳои нав бо донишҳои қаблӣ |
| **6.** | Ҷамъбасти натиҷаҳо | Тарҳрезӣ | Баёни фикр | Муайян кардани сохтори матн ва мавқеи воҳидҳои луғавӣ. |

Ташаккули чунин салоҳиятҳоро дар ҷараёни омӯзиши таъбирҳо ба мушоҳида гирифтан мумкин аст:

- Таҳлили маънои калима ва таъбирҳо дар раванди таълим на танҳо ба ғанӣ гардонидани луғати хонандагон ва инкишофи образнокӣ дар нутқи онҳо мусоидат мекунад, балки дар рушди тафаккури мантиқӣ ва таҳлилии онҳо низ нақши муҳим мебозад. Ин раванд хонандагонро водор месозад, ки берун аз маънои аслии калимаҳо андеша ва робитаҳои мураккаби маъноиро дарк намоянд. Таҳлили фразеологизмҳо аз хонандагон талаб мекунад, ки маънои аслии ҳар як калимаи таркиби онро аз маънои умумӣ ва маҷозии фразеологизм фарқ кунанд. Масалан, аз таъбири «даст кутоҳ шудан» («имконият надоштан» ё «оҷизу нотавонӣ, камбағал шудан») хонанда бояд дарк кунад, ки ин маъно ба маънои аслии «даст»

ва «кутоҳ» иртибот надорад. Ин машқ ба таври мустақим тафаккури мантиқӣ ва қобилияти муқоисавиро тақвият медиҳад.

- Таҳлили ҳодисаҳои луғавӣ бо супоришҳои иловагӣ гузаронида шуд, ки вазифаҳои зеринро ҳал намуданд:

1.Муайян кардани вазифаи бадеии воҳиди луғавӣ ё ҳодисаи луғавӣ;

2.Ҷудо намудани иттилоот аз матн;

3.Аз худ кардани алоқамандии зинаҳои забон;

4.тартиб додани гурӯҳҳои мавзуии калимаҳо ҳамчун замина барои сохтани нутқи шахсӣ.

Дар раванди кор бо матн ба хонандагон супоришҳо оид ба тартиб додани гурӯҳҳои мавзуии калимаҳо пешниҳод гардид, ки барои сохтани нутқи мустақилонаи худ ҳамчун замина хизмат мекунанд. Ҳангоми омодагӣ ба маъруза дар мавзуи калима ва таъбирҳо хонандагон аз нақша ва намунаи ҷавоб истифода бурданд.

Дастур дар ҷараёни таҳлили маънои луғавӣ ва шарҳи мафҳумҳо таҳия ва сипас дар марҳалаҳои гуногун дар ҷараёни таҷрибаи муқарраркунанда истифода шуд. Он ҳамчун роҳнамо барои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар марҳалаи санҷиши дониш ва ташаккули малакаҳо хизмат намуд.

Ҳамин тариқ, омӯзиши таҷрибавии калима ва таъбирҳо ба баррасии ҳамаҷонибаи калима ҳамчун воҳиди системаи забон ва нутқ нигаронида шуд. Ба назар гирифтани робитаҳои системавии калима на танҳо дар сохтори луғавии забон, балки дар дигар қисматҳои забон, таваҷҷуҳ ба таҷассуми матнии калима самтҳои асосии омӯзиши таҷрибавӣ буданд.

## 3.2. Мавқеи машқҳои эҷодӣ дар ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон

Дар марҳилаи ниҳоии таҳқиқи мавзуъ, пеш аз ҳама, сатҳи ташаккули салоҳияти забонии хонандагон доир ба калима ва таъбирҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Ҳадафи асосии ин қисми кор

муайян намудани сатҳи ташаккули малакаҳои таълимӣ-забонии хонандагон дар заминаи лексикология ва фразеология мебошад.

Барои воқеъбинона арзёбӣ кардани маҳорати хонандагони гурӯҳҳои озмоишӣ (ГО) ва назоратӣ (ГН), мо низоми махсуси корҳои санҷиширо дар шакли тестӣ-эҷодӣ таҳия намудем.

Таҳлили муқоисавӣ имкон медиҳад, ки мо бартарии усулҳои навро дар ташаккули тафаккури забонии хонандагон ва омодагии онҳо ба муошират и воқеӣ равшан созем.

Дар марҳилаи ҷамъбастии таҳқиқот бо мақсади санҷиши самаранокии усули пешниҳодшуда мо сатҳи донишҳои назариявӣ ва  ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагонро доир ба калима ва таъбирҳо дар гурӯҳҳои назоратӣ (ГН) ва озмоишӣ (ГО) мавриди баррасӣ ва муқоиса қарор додем.

Барои санҷиши сатҳи ташаккули салоҳияти коммуникативии хонандагони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) ва назоратӣ (ГН), мо корҳои санҷиширо дар шакли тестӣ-эҷодӣ таҳия намудем.

Бо истифода аз луғати тафсирӣ ё фразеологӣ, маъно ва пайдоиши калима (ё таъбир)-и «Ҳафтхон»-ро муайян кунед ва як ҷумла созед.

Мушоҳидаҳо ва натиҷаҳои санҷиш нишон доданд, ки ҳангоми омӯзиши пайвастаи калима ва таъбирҳо дар заминаи равиши босалоҳият, маҷмуи малакаҳои муҳими забонӣ ташаккул меёбанд. Мо муайян намудем, ки дар натиҷаи татбиқи методикаи нав хонандагони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) нисбат ба гурӯҳи назоратӣ (ГН) дар иҷрои корҳои зерини зеҳнӣ ва забонӣ бартарии куллӣ нишон доданд:

1. Тафовути маънои луғавӣ аз грамматикӣ. Дар ин маврид хонандагони ГО тавонистанд на танҳо вазифаи морфологии калима ва таъбирҳоро муайян кунанд, балки ҷанбаи семантикии онҳоро ҳамчун воҳиди асосии номгузорӣ (номинативӣ) ба таври амиқ дарк намоянд;

2. Тафсири маънои луғавӣ, ки дар ин ҷо маҳорати шарҳи мустақили маънои калима ва таъбирҳо дар ГО 22% беҳтар гардид. Хонандагон ба ҷойи такрори сатҳии таърифҳо аз усули синонимӣ ва тасвирӣ истифода бурданд;

3. Муайянсозии маъно дар матн (контекст): Яке аз нишондиҳандаҳои асосии салоҳиятнокии коммуникативӣ ин дарки маънои воҳидҳо дар дохили матн мебошад. Хонандагони ГО дар муайян кардани маъноҳои маҷозии калима ва таъбирҳо дар матнҳои бадеӣ душворӣ накашиданд;

4. Пайдо кардани воҳидҳо аз матн. Дар ин ҷо малакаи зуд пайдо намудани воҳидҳои луғавӣ ва фразеологии омӯхташуда дар матни нав дар ГО ба сатҳи автоматизм расид;

5. Истифодаи мавридшиносона дар нутқ. Бартарии асосии методикаи мо дар он зоҳир гашт, ки хонандагон тавонистанд воҳидҳои фразеологиро дар ҳолатҳои гуногуни муошират (муколамасозӣ, эссе) мувофиқи мақсад ва обуранги услубӣ истифода баранд;

6. Гурӯҳбандии воҳидҳо. Хонандагон малакаи тақсими калимаву таъбирҳоро аз рӯйи гурӯҳҳои маъноӣ (синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо) ва соҳаҳои истифода пайдо карданд;

7. Кор бо луғатҳои тафсирӣ. Хонандагони гурӯҳи озмоишӣ одати истифодаи мунтазами луғатҳои тафсирӣ ва фразеологиро пайдо намуда, усулҳои ҷустуҷӯйи босуръати иттилоотро азхуд карданд.

Барои равшан нишон додани бартарияти методикаи пешниҳодшуда, натиҷаҳои ҷамъбастиро дар шакли ҷадвали зерин пешниҳод менамоем:

**Ҷадвали 9**

**Сатҳи ташаккули малакаҳои калима ва таъбирҳои хонандагон (бо фоиз)**

| № | Нишондиҳандаҳои маҳорат | Гурӯҳи назоратӣ (ГН) | Гурӯҳи озмоишӣ (ГО) | Тафовут (бартарӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тафовути маънои луғавӣ аз грамматикӣ | 62% | 85% | +23% |
| 2 | Тафсири мустақилонаи маъно | 55% | 78% | +23% |
| 3 | Дарки маъно дар матн (контекст) | 58% | 82% | +24% |
| 4 | Корбасти мавридшиносона дар нутқ | 48% | 76% | +28% |
| 5 | Истифодаи луғатҳои гуногун | 42% | 80% | +38% |

Хулосаи озмоиши педагогӣ нишон медиҳад, ки ташаккули мақсадноки малакаҳои зикршуда боиси боло рафтани сатҳи умумии салоҳияти иртиботии

хонандагон гардид, ки ин дурустии фарзияи (гипотеза) таҳқиқоти моро тасдиқ мекунад.




Диаграммаи №2

Натиҷаҳои бадастомада аз кори озмоишӣ-таҷрибавӣ имкон медиҳанд, ки дар мавриди самаранокии методикаи таҳияшуда хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1.Таҳлили муқоисавӣ нишон дод, ки хонандагони гурӯҳи озмоишӣ (ГО) дар ҳамаи бахшҳо нисбат ба гурӯҳи назоратӣ (ГН) бартарии куллӣ доранд. Хусусан дар бахши «Истифодаи луғатҳои гуногун» тафовут +38% ва дар «Корбасти мавридшиносона дар нутқ» +28%-ро ташкил дод, ки ин аз ташаккули пешрафти малакаҳои амалӣ шаҳодат медиҳад.

2.Хонандагони ГО ба ҷойи такрори сатҳии таърифҳо, маҳорати шарҳи мустақили маънои калимаҳоро (22% беҳтар) пайдо карда, усулҳои синонимӣ ва тасвириро васеъ истифода бурданд.

3.Маҳорати пайдо кардани воҳидҳои фразеологӣ ва дарки маънои онҳо дар контекст дар хонандагони гурӯҳи озмоишӣ ба сатҳи автоматизм расида, мушкилоти дарки маъноҳои маҷозиро дар матнҳои бадеӣ аз байн бурд.

4.Истифодаи мақсадноки воситаҳои ёрирасон: Пайдо шудани одати истифодаи мунтазами луғатҳои тафсирӣ ва фразеологӣ дар хонандагони ГО заминаи устувореро барои худомӯзии минбаъдаи онҳо фароҳам овард.

Дар маҷмуъ, ин натиҷаҳо маҳз ба шарофати татбиқи системаи машқҳои эҷодӣ ва равиши босалоҳият ба даст омадаанд. Ин озмоиши педагогӣ дурустии фарзияи таҳқиқоти моро тасдиқ намуда, собит сохт, ки ташаккули мақсадноки малакаҳои лексикологӣ ва фразеологӣ боиси боло рафтани сатҳи умумии салоҳияти коммуникативии хонандагон мегардад.

### 3.3. Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои озмоиш ва арзёбии самаранокии методикаи пешниҳодшуда

Таҷрибаи таълимии гузаронидашуда тахмини моро тасдиқ кард, ки агар дар ҷараёни омӯзиши категорияҳои луғавӣ муносибати коммуникативӣ пайдарпай ва мақсаднок истифода шавад, ки омӯзиши калимаро дар синфи 5-ум дар заминаи матн бо назардошти муносибатҳои мутақобилаи системавии воҳидҳои луғавӣ дар назар дорад, он барои такмил додани инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон шароит фароҳам меорад.

Санҷише, ки пеш аз таҷрибаи таълимӣ (дар доираи таҷрибаи муқарраркунанда гузаронида шуд, сатҳи якхелаи ташаккули малакаҳои нутқ ва тафаккури синфҳои таҷрибавӣ ва назоратиро нишон дод). Бо мақсади санҷиши самаранокии методикаи пешниҳодшудаи доир ба ташаккули салоҳияти иртиботӣ пас аз омӯзиши фасли «Калима» дар синфи 5-ум корҳои назоратии ҳамгун барои гурӯҳҳои озмоишӣ ва назорати гузаронида шуданд. Натиҷаи омӯзиши таҷрибавӣ бо таҳлил ва муқоиса пешниҳод карда шуд.

**Кори назоратии №1.**

Натиҷаи кори назоратии мазкур, ки бо саволҳои тестӣ дар синфи 5-ум дар раванди такрори фасли «Калима» гузаронида шуд, ташхиси сатҳи инкишофи нутқ ва тафаккури хонандагон мебошад. Маҷмуи супоришҳо барои хонандагон дар таҷрибаи тасдиққунанда якхела, аммо нисбатан мураккабтар пешниҳод карда шуданд. Масалан, санҷиши маънои маҷозии вожаҳо тағйир ёфт: ҳар як ибора аз як

сифат бо чанд исм ба хонандагон пешниҳод гардид, аммо дар ду ҳолат ба маънои аслӣ ва дар ҳолати сеюм ба маънои маҷозӣ истифода шуда бошад. Хонандагон бояд ибораи аз ҷиҳати маъно мувофиқро ҷудо мекарданд. Бо ин хонандагон якчанд амалро анҷом медоданд: монандӣ ва фарқи ибораҳоро муайян ва аломатеро, ки аз рӯйи он «сеюми зиёдатӣ»-ро интихоб кардан лозим аст, мутобиқат медоданд.

Супоришҳое, ки дар доираи кори назоратии №1 ба хонандагон пешниҳод гардиданд, дар поён оварда шудаанд.

Супориши 1. Зарбулмасалеро, ки аз рӯйи маъно ба дуи дигар номувофиқ аст, хат кашед:

1.1.**Аввал андеша баъд гуфтор.**

А) Забони сурх сари сабз медиҳад барбод.

Б) Кам хур, кам ГӮЙ

В) Забон – сухан, забон – бало

1.2. **Дӯст гуяд табарвор, душман гуяд шакарвор.**

А) Дӯст он беҳ, ки айби ёри хеш ҳамчу оина рӯ ба рӯ гӯяд.

Б) Дӯстон оинаи якдигаранд.

В) Ҳар ки бо бадон нишинад, некуӣ набинад.

1.3. **Аз мардумозор ҳама безор**

А) Чоҳкан зери чоҳ

Б) Ҳар ки бад кард, бад дид

В) Аз нафси бад ҷуз феъли бад наёяд

Супориши № 2. Ибораҳои аз ҷиҳати маъно мувофиқро аз байтҳои «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ ҷудо кардан:

Шоду наздик доштан:

Ҳунармандро шоду наздик дор,
Ҷаҳон бар бадандеш торик дор.

А) Ҳунармандро қадр кун ва эҳтиромашро нигоҳ дор.

Б) Ба аҳли ҳунар муносибати нек дошта бош.

В) Аз таҷрибаи ҳеҷ ҳунарманд истифода накун.

Бар бод додани авқот (авқот - ҷамъи вақт):

Чу дӣ рафту фардо наёяд ба пеш,
Мадеҳ хира бар бод авқоти хеш.

**А)** Талаф кардан, бефоида сарф кардани вақт

Б) Босамар зиндагӣ кардан

В) Дирӯз гузашт ва оянда номаълум аст.

Туша бурдан:

Мар онро, ки дониш бувад, туша бурд,
Бимирад танаш, ном ҳаргиз намурд.

А) Муваффақ шудан, ба мақсад расидан

Б) Моли бисёр захира кардан

В) Бурд кардан

Хок бар дида анбоштан:

Зи бадасл чашми беҳӣ доштан
Бувад хок дар дида анбоштан.

**А)** Кори бефоида, беҳуда ва пурташвишро анҷом додан

Б) Чашми умед духтан

В) Зиёну зарар дидан

Супориши №3. Навиштани нақли хаттӣ. Супориши иловагӣ: Дар матн кадом ҳодисаҳои луғавӣ ба мушоҳида мерасанд ва нақши онҳо дар чист?

«Буз ва гусфандоне, ки пас аз сер шуданашон дар атрофи нигаҳбони худ ҳалқа зада хобида буданд ва хурокҳоеро, ки аз аввали рӯз то ҳол бо як ҳирси ҳайвонона ба шиками худ ҷой кардаанд, ба «кавша» кардан машғулӣ доштанд, баъд аз соате шиками худро холӣ дида боз дар пайи баҳраандӯзӣ афтоданд ва ба талаби гиёҳҳои тару тоза, ба ҳар тараф пароканда шуданд. Поёнтари ин ҳамвории ба нишебӣ моиле, ки мо ҳануз аз тамошояш сер нашудаем, дараи чуқуре буд, ки девораи он то канори ҳамворӣ аз зер ба боло гӯё ки рост баромада буд. Бузе ҳамроҳи гусфанде дар вақти чаридан то сари девори табиии ин дара омаданд, ногоҳ чашми буз ба буттаи гиёҳе афтод, ки дар поёнтари ин баландӣ аз буни санге раста, монанди як банд алафи юнучқаи курпа

ҳим-ҳим метофт. Бузи гурусначашм, ки дар устоӣ ва маҳорати худ дилаш пур буд, худро якбора ба тарафи он гиёҳ андохт ва ба як ҳаракати чолокона ду пои пеши худро дар буни санг банд карда бо иштиҳое, ки гӯё дар ин наздикиҳо чизе нахурдааст, гирч-гирч карда бунчаҳои гиёҳро бо дандонҳои арравори худ буридан гирифт» [60,6].

Хулосаҳои хонандагон. Матн бо услуби бадеӣ навишта шуда, нависанда бо истифода аз калимаҳои шевагӣ тавонистааст на танҳо манзара, балки садо ва эҳсоси тасвирро низ ба хонанда расонад:

1. Истифодаи маҷоз: ҳирси ҳайвонона: таъкид ба гуруснагӣ ва тамаъкории беш аз ҳад; бузи гурусначашм: нишон додани он ки бо вуҷуди серӣ боз ҳам дар пайи хурок будани буз; дандонҳои арравор: бо суръат ва қудрати буридани алаф; девори табиӣ ба маънои варта ё ҷойи рости дара, ки мисли девор менамояд.

2. Вожаҳои шевагӣ: кавша кардан: раванди зиёд хоидани хурок дар меъдаи ҳайвонот аст ва дар матн барои ифодаи ҳолати оромиву серӣ омадааст; юнучқаи курпа: навъи алафи махсуси сергӯшт ва нарм, ки барои чорво хеле бомазза аст; ҳим-ҳим: барои ифодаи дурахши нарм ё намуди зоҳирии гиёҳ дар зери нур ё бод омадааст; гирч-гирч: тақлиди садои хоидани алафи тар ва сахт аз ҷониби ҳайвон.

3. Муродифот ва вожаҳои тасвирӣ: баҳраандӯзӣ – дар матн ба маънои тановул кардан ва истифода бурдан аз неъматҳои табиат (алаф) омадааст; чолокона - нишон додани маҳорат ва суръати ҳаракати буз; бунча - решаю танаи хурду борики гиёҳу алафҳои навруста.

Ин супориш ба асосноккунии методии истифодаи нақли хаттӣ ҳамчун воситаи санҷиш ва назорати дониши хонандагонро дар бар мегирад. Ташкили корҳои хаттӣ, аз ҷумла, навиштани эссе ё нақли хаттӣ чун воситаи назорат пешрафти хонандагон бо он алоқаманд аст, ки ифодаи хаттии фикр дар низоми ташаккули салоҳияти иртиботӣ мавқеи назаррас дорад: раванди идрок ва таҳияи матнро нишон медиҳад ва ҳамчунин имкон медиҳад, ки натиҷаҳои омӯзиш ба сифати намуди асосии фаъолияти нутқ дар робита бо ҳамдигар санҷида шавад. Гузаронидани нақли хаттӣ барои муайян намудани маҳоратҳои зерини хонандагон мусоидат кард:

1. Мундариҷаи матнро дуруст дарк намудан ва истифодаи воситаҳои луғавӣ барои баёни мақсаду мароми муаллиф;

2. Ба матн ворид намудани воҳидҳои луғавӣ барои баёни муносибати шахсии худ ба мавзуи нутқ (маҳоратҳои ифодаи фикр зимни эҷоди матн);

3. Пайдо кардани воситаҳои тасвир аз матни муаллиф.

Хусусияти нақли хаттӣ аз он иборат аст, ки муаллим занҷири «дарк, таҳлил ва нақл»-ро месанҷад, яъне хонанда бояд аввал фикри муаллифро бояд фаҳмад, таҳлил кунад ва баъд онро бо калимаҳои худаш аз нав баён созад. Салоҳияти коммуникативӣ танҳо донистани қоидаҳо нест, балки қобилияти истифодаи калима барои баёни фикр дар вазъияти мушаххаси муошират аст. Нақли хаттӣ маҳорати хонандаро барои фаҳмидани маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳои муаллиф месанҷад. Нишон медиҳад, ки хонанда метавонад вариантҳои худро илова кунад, масалан ба ҷойи калимаҳои муаллиф муродифҳои эҳсосиеро истифода барад, ки муносибати ӯро ифода кунанд. Ҳамчунин қобилияти ёфтани воситаҳои тасвири бадеиро дар матн нишон медиҳад.

**Ҷадвали 10**

**Сатҳи инкишофи нутқи хонандагон**

| Сатҳи инкишофи нутқ | Синфҳои таҷрибавӣ | | Синфҳои назоратӣ | |
|---|---|---|---|---|
| | То оғози таҷриба | Баъди итмоми таҷриба | То оғози таҷриба | Баъди итмоми таҷриба |
| Паст | 33% | 0% | 29% | 31% |
| Ғайриқаноатбахш | 42% | 5% | 41% | 20% |
| Қаноатбахш | 17% | 20% | 24% | 31% |
| Олӣ (Баланд) | 8% | 75% | 6% | 4% |

***Эзоҳ: фоизи хонандагон аз шумораи умумии синф***

Натиҷаҳои омӯзиши таҷрибавӣ сатҳи мусбати инкишофи нутқи хонандагони синфҳои таҷрибавӣ ва сатҳи манфии хонандагони синфҳои назоратиро нишон доданд:

1. Дар синфҳои таҷрибавӣ сатҳи «Олӣ» аз 8% ба 75% боло рафтааст, ки ин муваффақияти хеле калон (қариб 10 баробар) мебошад.

2. Сатҳи «Паст» дар синфҳои таҷрибавӣ ба 0% фаромад, яъне муносибати нави таълим барои ҳамаи хонандагон, ҳатто сустхонҳо, муфид будааст.

3. Дар синфҳои санҷишӣ, ки бо усули куҳна дарс хондаанд, сатҳи «Паст» аз 29% ба 31% зиёд шудааст. Ин нишон медиҳад, ки усулҳои анъанавӣ дигар ба талаботи инкишофи нутқ дар замони муосир ҷавобГЎЙ нестанд.

**Ҷадвали 11**

**Натиҷаҳои санҷиши салоҳияти иртиботӣ дар синфҳои санҷишӣ**

| Маҳоратҳо | Ташаккул ёфтааст | Ташаккул наёфтааст |
|---|---|---|
| Дарки мундариҷаи матн мувофиқи мақсади муаллиф | 83,7% / 82,8%* | 16,3% / 17,2% |
| Истифодаи воҳидҳои луғавии муаллиф | 65,7% / 62,4% | 34,3% / 37,6% |
| Таҳияи матни шахсӣ бо истифода аз воҳидҳои луғавӣ | 87,1% / 84,3% | 12,9% / 15,7% |
| Пайдо кардани воҳидҳои луғавӣ дар матн | 66,5% / 67,6% | 33,5% / 32,4% |

Эзоҳ: Рақамҳо дар ду сутун нишондиҳандаҳои ду гурӯҳ дар ду марҳалаи санҷиши синфҳои озмоишӣ




**Диаграммаи №3.**

Ин ҷадвал нишон медиҳад, ки дар синфҳои санҷишӣ, ки бо усули анъанавӣ дарс хондаанд, вазъияти азхудкунии маҳоратҳо чунин аст:

1. Хонандагон ба дарки умумии матн (83,7%) ва сохтани матни худ [87,1%] нишондиҳандаҳои нисбатан баланд доранд. Ин маънои онро дорад онҳо, ки метавонанд мазмуни умумии матнро фаҳманд ва нақл кунанд.

2. Нуқтаи заъф дар кор бо воҳидҳои луғавӣ зоҳир мешавад. Қариб 34-37% хонандагон наметавонанд воҳидҳои луғавиро дуруст истифода баранд ва тақрибан 33% онҳо ин воситаҳоро дар матн пайдо карда наметавонанд.

Дар синфҳои санҷишӣ (контролӣ) хонандагон асосан ба мазмуни воқеии матн таваҷҷуҳ мекунанд, аммо ҷанбаи бадеӣ ва луғавии забон (истифодаи маҷозҳо, муродифҳо ва воситаҳои ифоданоки муаллиф) барои онҳо душвор боқӣ мемонад. Ин исбот мекунад, ки бидуни усулҳои махсуси таҳлили луғавӣ, ки дар синфҳои таҷрибавӣ истифода шуд, хонандагон зебоӣ ва нозукиҳои асарҳои бадеиро пурра дарк ва истифода карда наметавонанд. Аз таҳлили муқоисавии натиҷаҳо бармеояд, ки дар нутқи хаттии хонандагони гурӯҳҳои таҷрибавӣ малакаи истифодаи воҳидҳои луғавӣ ба таври назаррас рушд намудааст. Арзёбии нақли хаттӣ аз нуктаҳои зерин иборат аст:

1. Санҷиши мавқеъшиносонаи воҳидҳои луғавӣ нишон медиҳад, ки тафовут байни синфҳои таҷрибавӣ ва таълимӣ аз ҷиҳати морӣ ва сифатӣ дар кадом сатҳ аст.

2. Дар нақли хаттӣ маҳорати хонанда дар интихоби воҳидҳои луғавӣ ва риояи таносуби маъноии таъбирҳо беҳтар зоҳир мешавад.

Натиҷаи таҳлили корҳои хаттии ду гурӯҳи санҷишӣ:

1. Нақли хаттии хонандагони синфҳои санҷишӣ (контролӣ) нисбатан сода аст. Такрори калимаву таркибҳо, ҷумлаҳои кутоҳ ва сода, набудани тавсиф, маҷозҳо ва зикри иттилоот ба мушоҳида мерасад.

2. Дар нақли хаттии хонандагони синфи таҷрибавӣ (экспериментали) таъсири супоришҳои иловагӣ ва таҳлили луғавӣ дида мешавад: истифодаи муродифот, воситаҳои тасвири бадеӣ, баёни муносибати шахсӣ ба мавзуъ.

Дар асоси ҷадвалҳои №10 ва №11 метавон хулосабарориҳои зеринро доир ба самаранокии таҷрибаи таълимӣ илова намуд:

1. Боло рафтани нишондиҳанда аз 8% ба 75% дар синфҳои таҷрибавӣ нишон медиҳад, ки муносибати мутақобилаи системавии воҳидҳои луғавӣ дар заминаи матн (зинаҳои дар ҷадвали 7 овардашуда) ба таври воқеӣ кор мекунад. Хонандагон аз такрори содаи матн ба таҳлили интиқодӣ ва созандагӣ гузаштанд.

2. Тавре ки аз ҷадвали №10 бармеояд, дар синфҳои назоратӣ (контролӣ) сатҳи ташаккулёбии маҳорати «истифодаи воҳидҳои луғавии муаллиф» (62,4%) ва «пайдо кардани воҳидҳои луғавӣ дар матн» (67,6%) пасттарин нишондиҳандаҳо мебошанд. Ин собит месозад, ки бе омӯзиши махсуси семантикӣ, хонанда калимаро танҳо ҳамчун иттилоот мебинад, на ҳамчун воситаи санъати сухан.

3. Супориши №1 (интихоби зарбулмасали номувофиқ) нишон дод, ки хонандагони синфҳои таҷрибавӣ қобилияти мустақилонаи гурӯҳбандӣ ва таснифи (классификатсияи) воҳидҳои забониро пайдо кардаанд. Ин маҳорат асоси тафаккури илмӣ ва забоншиносии онҳоро дар оянда ташкил медиҳад.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҷрибаи озмоишӣ собит намуданд, ки омӯзиши калима дар синфи 5-ум дар заминаи матнҳои классикӣ (Фирдавсӣ) ва муосир (Айнӣ) имкон медиҳад, ки хонандагон аз «монеаи луғавӣ» гузашта, ба сатҳи баланди салоҳияти коммуникативӣ ноил гарданд. Ин равиш таълимро аз назарияпардозӣ ба ташаккули тафаккури мантиқӣ ва эҷодкорӣ табдил медиҳад.

Методикаи пешниҳодшуда, ки бар таҳлили бисёрзинагии матн ва истифодаи машқҳои иртиботӣ асос ёфтааст, роҳи самараноки баланд бардоштани сифати таҳсилот дар дарсҳои забони тоҷикӣ мебошад. Натиҷаҳои оморӣ ва сифатии таҳқиқот фарзияи (гипотезаи) моро пурра тасдиқ намуданд.

Натиҷаҳои таҷрибаи омӯзишӣ нишон медиҳанд, ки хонандагони синфҳои таҷрибавӣ (экспериментали) супоришҳоро оид ба дарк ва таҳияи матн бо назардошти воситаҳои луғавии забон муваффақона иҷро намуда, дар матн намунаҳои ҳодисаҳои лексикиро пайдо мекунанд. Дар давраи омӯзиши калима дар гурӯҳи таҷрибавӣ шумораи хонандагоне, ки дорои сатҳи қаноатбахш ва олии

ташаккулёбии салоҳиятҳои иртиботӣ мебошанд, афзоиш ёфт; дар ҳоле ки дар хонандагони гурӯҳи санҷишӣ (контролӣ) нишондиҳандаҳо паст мебошад.

Таҷрибаи омӯзишӣ фарзияи моро тасдиқ намуд: агар дар раванди омӯзиши мафҳумҳои луғавӣ низоми салоҳияти иртиботӣ пайваста ва мақсаднок роҳандозӣ шавад, ин барои такмили нутқи хонандагон ва ташаккули салоҳияти иртиботии онҳо шароит фароҳам меорад. Чунин тарзи кор ба пешравии назарраси хонандагон барои азхудкунии воҳидҳои луғавӣ ва инкишофи нутқи онҳо мусоидат менамояд.

## Хулосаи боби сеюм

Ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагон дар раванди таълими калима ва таъбирҳо фасли муҳим дар рушди қобилияти истифодаи дурусти забон дар вазъияту ҳолатҳои гуногуни коммуникативӣ аст. Калима ва таъбирҳо барои хонандагон имкони фаҳмидани маъно ва истилоҳотро дар муҳитҳои мухталиф таъмин мекунанд. Салоҳияти иртиботӣ бо истифодаи дурусти калима ва таъбирҳо бо афзоиши малакаи муошират, баёни дақиқ ва самаранок дар мақсадҳои иҷтимоиву фарҳангӣ робита дорад.

Ташаккули салоҳияти иртиботӣ дар ҷараёни дарсҳои забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки хонандагон на танҳо  калимоти асосӣ ва қоидаҳои грамматикӣ, балки истифодаи дуруст ва бамавқеи калима ва таъбирҳои забонро дар муошират омӯзанд. Ин ба хонандагон кумак мекунад, ки фикрҳои худро ба таври дақиқ ва фаҳмо баён кунанд ва дар муҳити иҷтимоии гуногун мувофиқ бошанд.

Таълими калима ва таъбирҳо бо усулҳои фаъоли таълим ба ташаккули маҳоратҳои зерин мусоидат кард:

1. Ташаккули қобилияти интихоби дурусти калима ва таъбирҳо: Хонандагон бояд қобилият дошта бошанд, ки калимоти дуруст ва таъбирҳоро мувофиқи мақсад истифода баранд. Масалан, истифодаи ибораҳои фразеологӣ, ки маънои амиқ ва маҷозӣ доранд, ба ифодаи муассир ва нишонраси нутқ кумак мекунад.

2. Шинохти муносибати байни маъно ва истифодаи калима: Бисёре аз калимот ва ифодаҳои фразеологӣ дар забони тоҷикӣ ба маънои маҷозӣ истифода

мешаванд, ки маънои умумии онҳо дар матн равшан мегардад. Тафсири дурусти истилоҳот ва таъбирҳо барои бо мақсадҳои гуногун ва сатҳҳои мухталифи муошират истифода кардани забон мусоидат менамояд.

3. Донистани тафовутҳо ва таъсири фарҳанги миллӣ: Муҳим аст, ки хонандагон калима ва таъбирҳоро бо диққат ва бо эътибори фарҳанги миллӣ омӯзанд, зеро истифодаи калимот ва ибораҳо дар мавқеъи гуногун метавонад ба шеваи муносибати онҳо бо одамон таъсири амиқ расонад.

Ташаккули салоҳияти иртиботӣ равандест, ки ба ҳамгироии донишҳои грамматикӣ, калима ва таъбир асос меёбад. Омӯзиши амиқи калима ва таъбирҳо на танҳо ба бойигарии таркиби луғавии хонандагон, балки ба тавоноии онҳо дар ифодаи озоду дурусти фикр мусоидат мекунад.

Барои натиҷаи хубу самарабахши таълим омӯзиш бояд бо усули муосири коммуникативӣ ва технологияҳои навин ҳамоҳанг карда шавад.

Таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ ва таҳлили натиҷаҳои бадастомада имкон медиҳанд, ки хулосаҳои зерини мушаххас бароварда шаванд:

4. Татбиқи машқҳои луғавӣ-семантикӣ, ки дар заминаи матнҳои классикӣ ва муосир таҳия шудаанд, собит намуд, ки сатҳи дониши хонандагони синфҳои таҷрибавӣ нисбат ба синфҳои назоратӣ ба таври назаррас боло рафтааст. Ин нишон медиҳад, ки гузариш аз усули анъанавии «ёднамоӣ» ба усули «таҳлил ва эҷоди матн» омили асосии ташаккули салоҳиятҳои забонӣ мебошад.

5. Такмили маҳорати нигориш ва эҷоди нутқ, ки татбиқи нақли хаттӣ ва эссе дар марҳалаи ҷамъбастии таҷрибаомӯзӣ собит намуд, ки муҳассилин на танҳо захираи луғавии худро такмил доданд, балки маҳорати мустақилонаи корбасти вожаҳои маҷозӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ ва таъбирҳоро дар нутқ касб намуданд. Ин раванд боиси бартараф гардидани нуқсонҳои услубӣ ва зуҳури ҷозибаву фасоҳати баён дар корҳои хаттии хонандагон гардид.

6. Ҳамгироии технологияҳои рақамӣ бо осори адабӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки ҳамоҳангсозии технологияҳои муосири иттилоотӣ-коммуникативӣ бо матнҳои классикӣ (аз ҷумла, «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ) ангезаи маърифатии хонандагонро ҷиҳати азхудкунии архаизмҳо ва таъбирҳо ба таври

назаррас афзун менамояд. Ин равиши методологӣ имкон медиҳад, ки забони адабии тоҷикӣ дар шуури насли ҷавон ҳамчун низоми динамикӣ, зинда ва таърихӣ таҷассум ёбад.

Таҳлили муқоисавии натиҷаҳои кори озмоишӣ-таҷрибавӣ имкон медиҳад, ки оид ба самаранокии методикаи ташаккули салоҳиятҳои иртиботӣ хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1.Татбиқи методикаи нав собит намуд, ки хонандагони ГО дар иҷрои амалиётҳои зеҳнӣ ва забонӣ нисбат ба гурӯҳи назоратӣ бартарии куллӣ нишон доданд. Ин бартарӣ махсусан дар маҳорати кор бо луғатҳои гуногун (+38%) ва истифодаи мавридшиносонаи воҳидҳо дар нутқ (+28%) равшан ба мушоҳида мерасад.

2.Хонандагони гурӯҳи озмоишӣ тавонистанд на танҳо вазифаи морфологии калимаҳоро муайян кунанд, балки ҷанбаи семантикии онҳоро ҳамчун воҳиди асосии номгузорӣ амиқ дарк намоянд.

3.Маҳорати тафсири мустақилонаи маъно дар ГО 22% беҳтар гардид, ки дар ин раванд хонандагон ба ҷойи такрори хушки таърифҳо, аз усулҳои синонимӣ ва тасвирӣ моҳирона истифода бурданд.

4.Малакаи зуд пайдо намудани воҳидҳои луғат ва фразеология дар матнҳои нав дар хонандагони ГО ба сатҳи автоматизм расид ва онҳо дар муайян кардани маънои маҷозӣ дар матнҳои бадеӣ душворӣ накашиданд.

5.Натиҷаҳои оморӣ нишон доданд, ки сатҳи умумии салоҳияти иртиботии хонандагон дар ГО ба таври назаррас боло рафтааст (аз ҷумла, дарки маъно дар контекст ба 82% ва тафриқаи маъноҳо ба 85% расид).

Ин комёбиҳо маҳз ба шарофати татбиқи системаи машқҳои эҷодӣ ва равиши босалоҳият ба даст омадаанд, ки дар ниҳоят дурустии фарзияи (гипотеза) таҳқиқоти моро пурра тасдиқ менамояд.

Натиҷаҳои дар боби сеюм бадастомада фарзияи илмии таҳқиқотро тасдиқ намуда, асос медиҳанд, ки методикаи пешниҳодшуда ҳамчун як модели муваффақи таълими забони тоҷикӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ тавсия карда шавад. Муносибати низомманд ба таълими калима ва таъбирҳо на танҳо

мушкилоти имлову грамматикаро ҳал мекунад, балки шахсияти соҳибзабон ва босалоҳиятеро тарбия менамояд, ки қодир аст дар фазои иттилоотии муосир фикри худро озодона ва нишонрас баён созад.

## Хулосаҳо

Таҳқиқи мавзуи имкон дод, ки ба натиҷаҳои зерини илмӣ-назариявӣ ва амалӣ даст ёбем. Муайян гардид, ки калима ва таъбирҳо на танҳо қисми таркибии забон, балки воситаи асосии ташаккули тафаккур ва ҷаҳонбинии хонанда мебошад. Омӯзиши мунтазами онҳо заминаи асосии гузариш аз низоми донишазхудкунӣ ба низоми салоҳиятнокӣ мебошад. Таҳлили «Стандарт ва барномаи таълими забони тоҷикӣ барои синфҳои V-XI» нишон дод, ки ҳарчанд дар китобҳои дарсӣ маводди фаровони луғавӣ мавҷуд аст, аммо низоми супоришҳо барои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ниёз ба такмил дорад. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун унсури бадеию эҳсосии забон дар рушди нутқи хонандагон нақши калидӣ доранд, нутқро аз қолабҳои якранг берун карда, нишонрасу таъсирбахш мегардонанд.

Таҷрибаи амалӣ нишон дод, ки истифодаи мунтазами луғатҳо дар дарсҳо сатҳи мустақилияти фикрии хонандагонро 30-40 % баланд мебардорад ва фарҳанги кор бо китобро ташаккул медиҳад. Барои баланд бардоштани самаранокии таълими калима ва таъбирҳо дар МТМУ пешниҳодҳои зерин манзур мегарданд:

-ҷорӣ намудани «Лаҳзаи луғатомӯзӣ»: Дар ҳар як дарси забони тоҷикӣ (новобаста аз мавзуъ) 5-7 дақиқа барои шарҳи як вожаи нав ва як таъбири фразеологӣ ҷудо карда шавад.

-истифодаи усулҳои фаъол: Барои аз худ кардани калима ва таъбирҳо аз методҳои «Кластер», «Зина ба зина», «Синквейн», «Бозиҳои нақшофарӣ» ва «Харитаи семантикӣ», «Рӯзномаи дубахша» васеъ истифода бурда шавад.

-таҳияи «Дафтари луғати фразеологӣ»: Ба хонандагон тавсия дода шавад, ки дафтари махсусе дошта бошанд ва дар он таъбирҳои ҷолиберо, ки аз матнҳои бадеӣ мехонанд, қайд намуда, дар нутқи худ кор фармоянд.

-такмили кор бо луғатҳои электронӣ: Бо назардошти рақамикунонии соҳаи маориф ба истифодаи луғатҳои электронӣ ва замимаҳои мобилии забонӣ дар ҷараёни дарс ва корҳои хонагӣ ҳавасманд карда шавад.

-таваҷҷуҳ ба ҷанбаи услубии калима ва таъбирҳо: Ҳангоми омӯзиши калима ва таъбирҳо на танҳо маънои онҳо, балки мавқеи корбасти воҳидҳои луғавӣ (услуби бадеӣ, илмӣ ё расмӣ) низ ба хонандагон фаҳмонида шавад.

Амсилаи таҳиякардаи мо оид ба ташаккули салоҳияти иртиботии хонандагони синфҳои болоӣ дар омӯзиши калима ва таъбирҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ самарабахшии усули фаъол ва фановариҳои иттилоотиро дар раванди таълим, ба монанди, ҷадвалҳо, нақшаҳо, компютер, тахтаи интерактивӣ, проектор, адабиёти илмӣ ва бадеӣ, муаррифии мавзуъҳо (слайд)-ро тасдиқ намуд. Натиҷаи амсила ва ғояҳои асосии фарзия дар сатҳи матлуб ташаккул ёфтани салоҳияти иртиботии хонандагонро бо омӯзиши фасли калима ва таъбирҳо собит намуд. Ҳама қисматҳои амсила бо ҳам иртибот доранд ва якдигарро такмил медиҳанд. Санҷиши амсилаи коркардшуда дар раванди таҳқиқоти озмоишӣ амалӣ карда шуд.

Натиҷаҳои омӯзиш муайян ва аз рӯйи он хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

1. Мафҳум ва ҷанбаҳои назариявии «Салоҳияти иртиботии хонандагон дар дарсҳои забони тоҷикӣ дар санадҳои меъёрӣ ва пажуҳишоти олимони ватаниву хориҷӣ» шарҳ ёфта, асоси методологии равоншиносӣ ва педагогӣ ба таври мухталиф тавзеҳ ёфтааст [1-М], [3-М], [13- М], [6-М].

